**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

*УДК:308(575.3)(09)* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**МАХСУДОВ АСЛИДДИН МУҲАББАТОВИЧ**

# ҲАЁТИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОӢ ВА ФАРҲАНГИИ ВОДИИ РАШТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991-2021)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**номзади илмҳои таърих,**
**дотсент Ғафуров А.М.**

**Душанбе – 2022**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО ......................................................................... 3**

**МУҚАДДИМА ................................................................................................ 4**

**БОБИ I. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ВОДИИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991-2021) ....................................................... 21**

1.1.Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо ..................................................... 21

1.2. Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозӣ ............................................. 46

1.3. Вазъи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ .......................................... 70

**БОБИ II. ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ВОДИИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ ............................................................................................ 87**

2.1. Вазъи маориф .......................................................................................... 87

2.2. Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ ...................................................................................... 114

2.3. Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он ............................................ 142

**ХУЛОСА ....................................................................................................... 159**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ ................................................................................ 171**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ФБМДҶТР – Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ВРИСҶТ – Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ҶТ- Ҷумҳурии Тоҷикистон

СХМ – Соҳибкории хурду миёна

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СМР – Стратегияи миллии рушд

ММТНП ҶТ – Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИМД – Имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ

МТМУ – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ММД – Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ

ҲК – Ҳизби Коммунист

ВНМО – вируси норасоии масунияти одам

ШО – Шӯрои Олӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Омӯзиши таърихи манотиқи алоҳидаи ҷумҳурӣ барои рушди ичтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии он аҳаммияти бузурги илмиро дорост. Аз тарафи дигар, барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи таърихи Тоҷикистони муосир, омӯзиши минтақа ва навоҳии алоҳидаи он хеле муҳимму саривақтӣ буда, аҳаммияти бузурги таърихӣ-кишваршиносӣ дорад.

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ (1991) ҳаёти ичтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии манотиқи ҷудогонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ тағйир ёфт. Ин вазъиятро оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ боз ҳам мураккабтар намуд. Зарари ҷанги шаҳрвандӣ барои минтақаҳои ҷумҳурӣ якранг набуда, хусусиятҳои вижагии хос дошт. Агар дар баъзе минтақаҳо бад шудани вазъи иқтисодӣ ба коҳиш ёфтани ҳаёти ичтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ оварда бошад, дар баъзе маҳалҳо он ба фоҷиаи миллӣ тадил ёфт.

Лозим ба зикр аст, ки омили асосии шиддати ҳолати буҳронӣ ва таъсири манфии он ба тамоми соҳаҳои ҷомеа дар баробари ба раванди душвор табдил додани асосҳои иқтисодии давлат, боиси оғоз гардидани мунокишаҳои шаҳрвандии солҳои 1992-1997 гардид.

Тибқи маълумоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хисороти иқтисодии ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон беш аз 10 миллиард доллари амрикоиро ташкил дод, ки қисмати зиёди он ба минтақаҳои ҷангзада рост меояд[1].

Дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, ки ҷумҳурӣ ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, дар назди давлат ва ҳукумати ҷавони Тоҷикистон ҳалли вазифаҳои душворе меистоданд, ки барои бартараф кардани онҳо интихоби сиёсати дуруст ва ҳамзамон эҳтиёткорона зарур буд.

---

[1]Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – таҳкимбахши сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон. Маҷмӯи паёмҳо. – Хуҷанд: Хуросон, 2019. – С. 156-158; Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолият неъмати бебаҳост // Э.Раҳмон – Душанбе: Шарқи озод, 2001- С.34.

Дар баъзе минтақаҳо ҳалли масоили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоятҳо, ноҳияҳо ва ҳатто деҳаҳо бар дӯши мардум буд. Яке аз чунин минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон водии Рашт: ноҳияиҳои Рашт, Лахш, Сангвор, Тоҷикобод ва Нуробод буданд, ки мушкилот ва проблемаҳои онҳо аз дигар манотиқи ҷумҳурӣ, ба куллӣ фарқ мекард.

Бешак дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, имзои "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" (1997) дар ин замина фароҳам овардани шароити мусоид дар минтақа, бартарафсозии пайомадҳои манфии иқтисодию фарҳангии навоҳии водди Рашт ва рушди минбаъдаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии он, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муаассир аст.

Барои дарки илмии равандҳо ва падидаҳои мусбию манфии ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар шароити соҳибистиқлолӣ, омӯзиши фаъолияти истеҳсолӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳо ва ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ аз масоили ниҳоят муҳим ва рӯзмарра мебошад.

Дар робита ба ин, омӯхтани мавзӯи фаъолияти ҷамъиятию сиёсии шаҳрвандон, иштироки онҳо дар ҳалли мушкилоти мавҷуда, барои водии Рашт низ истисно нест, ки аҳамияти вижаи илмӣ дорад.

Инчунин, моҳияти баррасии мавзуъ дар он аст, ки имкон дорад сабабҳои пастравии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ва бахусус водии Рашт дар охири асри XX – аввали асри XXI муайян карда шавад. Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои рушди худшиносию худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандорӣ шароит фароҳам овард.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки таҳқиқи илмии ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт, на танҳо аҳаммияти назариявӣ, балки амалӣ низ дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Бояд қайд кард, ки то имрӯз доир ба ҳаёти иқтисодву иҷтимоӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият таҳқиқоти илмии хосса навишта нашудааст, аммо

доир ба таърихи навоҳии алоҳидаи минтақа солҳои охир якчанд асару мақолаҳо, ки бештар хусусияти публитсистӣ доранд, ба нашр расидаанд.

Дар маҷмуъ адабиёти марбут ба мавзӯи омӯзишро шартан ба се гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

**1. Китобу монографияҳое, ки доир ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол бахшида шудаанд**. Таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷилди шашуми асари бунёдии "Таърихи халқи тоҷик"[1]; "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол" (маҷмӯи мақолаҳо)[2]; "Бунёди давлатдории навин"[3]; "Маданияти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият"[4] "Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол"[5] инъикос шудааст. Дар ин асарҳо дар баробари таърихи сиёсӣ, инчунин, ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистони дар шакли мухтасар таҳлил шудаанд.

Чи тавре зикр шуд, ҷилди шашуми "Таърихи халқи тоҷик", ки соли 2011 зери таҳрири академик Раҳим Масов ба нашр расид, таърихи халқи тоҷикро аз оғози ҶБВ то соли 2010 фаро мегирад. Дар ин асар бобҳои IV - VII ба замони истиқлол бахшида шуда, шароити таърихии таъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанг ва сулҳи тоҷикон, азнавсозии иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият равшан таҳлил шудааст. Муаллифон кӯшидаанд, то тамоми масъалаҳоро аз диди нав ва мувофиқ ба тақозои замони истиқлолу манфиатҳои миллӣ таҳлил намоянд.

Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлол мукаммалтар дар асари "Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол" инъикос шудааст. Гарчанде раванди ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистон дар ин маҷмӯа бо мақолаҳои алоҳида

---

[1] История таджикского народа. Новейшая история (1941-2010). Т. VI / под ред. Р.Масова. – Душанбе, 2011. – 688 с.
[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – 463 с.
[3] Бунёди давлатдории навин. – М.: Радунитса, 2002.
[4] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991-2011) / Р.Н.Каримова. – Душанбе, 2013.
[5] Усмонов И. Таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол / И.Усмонов. – Душанбе. 2003. – 178 с.

бахшида шудаанд, аммо доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда – таърихи Раштонзамин то имрӯз чизе таҳлилу омӯхта нашудааст.

Аз ҷумла, дар монографияи профессор Н.Б. Ҳотамов “Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверинитета” соли 2008 ба нашр расидаро бояд хотирнишон кард. Муаллиф дар ин рисола таҳаввулоти иҷтимоиву иқтисодии мамлакатро дар солҳои давоми 1991-2006 пурра таҳлил кардааст. Қимати асар боз дар он аст, ки муаллиф раванди ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодиро воқеъбинона баҳо дода, камбудӣ ва саҳву хатоиҳои содиршударо дар ин раванд пурра таҳлил намудааст[1].

Дар таҳқиқоти Абдурашитов Ф.М. – “ Земельно-водная реформа в Таджикистане в конце XX - начале XX1 вв” – масоили ислоҳоти обу замин дар Тоҷикистони соҳибистиқлол матраҳ шудааст[2]. Муаллиф дар асоси маводи зиёди бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти илмӣ раванди ислоҳоти кишоварзиро дар Тоҷикистон, бахусус ислоҳоти замин ва инчунин заминаҳои ҳуқуқии ин ислоҳот, таъсиси хоҷагиҳои фермериро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дигар монографияи арзишманди муаллифи мазкур таҳти унвони “Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XX1” соли 2020 ба забони тоҷикӣ нашр шуда, низ мавзӯи ислоҳоти замин, таъсис ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, ташаккули хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ дар Тоҷикистон, дар солҳои истиқлолият, таҳқиқ шудааст. Дар асар асосҳои ҳуқуқии ислоҳоти замин, пайомадҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бахши аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои бозорӣ таҳлил шудааст[3].

Дар рисолаву мақолаҳои профессор Рақиб Абулҳаев масоили таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон, аз ҷумла даврони истиқлолият таҳлил шудааст. Муаррих дар китоби “Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000)” дар

---

[1]Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) / Н.Б. Хотамов. – Душанбе; 2008. – 268 с.

[2] Абдурашитов Ф.М. Земельно-фодная реворма в Таджикистане в конце XX - начале XX1 вв. / Ф.М. Абдурашитов. –Душанбе: Промэкспо, 2018. – 371 с.

[3] Абдурашитов Ф.М. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XX1 /Ф.М.Абдурашитов. - Душанбе, 2020. – 395 с.

заминаи маводи фаровони бойгонӣ, сарчашмаву адабиёти илмӣ таърихи муҳоҷиратро дар Тоҷикистон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ва даврони истиқлолият ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муаллиф таърихи муҳоҷиратро ба се марҳала: 1924-1941; 1946-1960; 1961-2000 тақсим намудааст. Дар марҳалаи сеюм, ки солҳои истиқлолиятро фаро мегирад, ҷанги шаҳрвандӣ ва дар натиҷаи он оғоз ёфтани раванди муҳоҷирати иҷборӣ ва ба Ватан бозовардани муҳоҷирони иҷбориро воқеъбинона таҳқиқ намудааст[1].

Муаллиф доир ба таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон асару мақолаҳои зиёд навишта[2], мавзӯи раванди муҳоҷират дар манотиқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла навоҳии водии Раштро ба риштаи таҳлил кашидааст.

Асари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Уфуқҳои истиқлол" мебошад. Таҳқиқоти мазкур аз 5 боб иборат буда, камбудиву дастовардҳои Тоҷикистон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи эҳё ва барқарорсозии давлати миллӣ, рушди иқтисодии мамлакат, сиёсати иҷтимоӣ ва натиҷаҳои самарабахши он, Ваҳдати миллӣ ва суботи иҷтимоӣ, мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир ба қалам омадаанд.

Муаллиф ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии Тоҷикистон дар солҳои истиқлоли давлатӣ дахл карда, тамоми бурду бохтҳои ин равандро воқеъбинона ба риштаи таҳлил кашидааст[3].

2**. Адабиёти ёддоштӣ.** Доир ба мавзӯи ҷанг ва сулҳи тоҷикон як қатор асарҳои ёддоштӣ таълиф шудаанд, ки маъмултарини онҳо асарҳои А. Достиев, И. Усмонов, К. Абдулов, С. Кенҷаев, А. Соҳибназаров, Ҳ. Насриддинов, Б. Каримов, Н. Дӯстов, Х.А. Тӯраҷонзода ва дигарон мебошанд[4]. Дар адабиёти ёддоштӣ воқеаҳои сиёсии солҳои 90-ум, аз ҷумла

---

[1] Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (1924-2000) / Р.Абулҳаев. - Душанбе, 2009. – 439 с.
[2] Абдулҳаев Р. Аз таърихи фирориёни Тоҷикистон дар солҳои 20-90-уми асри XX / Р.Абулҳаев. - Душанбе, 2018.– 272 с.
[3] Раҳмон Э. Уфуқҳои истиқлол / Э.Раҳмон. - Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2018.– 436 с.
4 Достиев А. От себя неубежишь. (Сборник статей, бесед, выступлений и воспоминаний) / А.Достиев. – Душанбе: Адиб, 2001; Достиев А. Тоҷикистон-шикастанҳо ва бастанҳо / А.Достиев. – Душанбе: Ирфон. 2003; Усмонов И. Сулҳнома / И.Усмонов. – Душанбе: Матбуот.2001; Усмонов И. Соли Набиев / И.Усмонов. – Душанбе, 1995; Усмонов И. Чор рӯз ва рӯзҳои дигар / И.Усмонов. – Душанбе: Адиб, 1995; Усмонов И. Лаҳзаҳои сулҳи ботадбир / И.Усмонов. – Душанбе:Ирфон. 1999; Соҳибназаров А. Субҳи ситоракуш /

навоҳии водии Рашт, таҳлил шудаанд. Ба назари мо камбудии асосии ин осори ёддоштӣ дар он аст, ки муаллифон ба ин ё он воқеа баҳои яктарафа додаанд. Аз ин лиҳоз, он адабиёти ёддоштие, ки ба таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз ҷумла водии Рашт, дахл кардаанд, таҳлили холисона ва амиқро талаб мекунанд. Аз тарафи дигар, дар ин асарҳо доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳидаи он маълумот хеле кам оварда шудаанд. Дар ин асарҳо бештар масъалаи ҷанг ва сулҳи тоҷикон баррасӣ шудааст.

**3. Асару рисолаҳое, ки бевосита ба таърихи водии Рашт марбутанд.**

Ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама диссертатсияи номзадии Ғолибшоҳ Наврӯзов – “Таърихи таъсис ва рушди вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон (1921-1956)” (История образования и развития Гармской области Таджикской ССР (1921–1956 гг.)-ро дохил намудан мумкин аст. Муаллиф дар таҳқиқоти худ ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт (собиқ вилояти Ғарм)-ро таҳқиқ шудааст. Аз лиҳози хронологӣ мавзӯи мазкур аз барқароршавии ҳокимияти Шӯроҳо оғоз шуда, то миёнаи солҳои 50-уми асри XX-ро фаро мегирад. Хотиррасон бояд намуд, ки ин ягона рисола дар риштаи таърих доир ба таърихи муосири водии Рашт мебошад[1].

Асарҳои дигар доир ба таърихи водии Рашт китоби Назархоҷаи Наботӣ ва Мирзо Олимов зери унвони “Қаротегин кишвари обу офтоб” (соли 2002) мебошад, ки соли 2008 бо номи “Раштонзамин” ба нашр расид. Дар ин навишта таърихи водии Рашт аз замонҳои қадим то даврони истиқлолият инъикос ёфтааст. Аммо дар асар доир ба ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии навоҳии водии Рашт, дар солҳои истиқлолият қариб хеле камранг аст. Муаллифон ба таърихи асримиёнагӣ ва давраи Шӯравии Раштонзамин

А.Соҳибназаров. – Душанбе, 1997. – 310 с.; Каримов Б. Дар гирдоби зиндагӣ. Ёддошт, мақолаҳо, мусоҳибаҳо / Б.Каримов. – М.:ТОО «Можайск»-Терра, 1995. – 192 с.; Каримов Б. Фарёди солҳо.М.:Трансдорнаука. 1997. – 1104 с.; Кенҷаев С. Табадулоти Тоҷикистон К.1 / С.Кенҷаев.–Душанбе: Фонди Кендҷаев, 1993. – 496 с.; Кенҷаев С. Переворот в Таджикистане К.2 / С.Кенҷаев. –Тошканд: «Ӯзбекистон», 1994.– 496 с.; Кенҷаев С. Табадуллоти Тоҷикистон. К.3 / С.Кенҷаев. – Тошканд «Ӯзбекистон», 1995. – 512с.; Дӯстов Н. Захм дар ҷисми Ватан. Хотира ва андешаҳо / Н.Дӯстов. - Душанбе: Ирфон.1994. – 336 с.

[1] Наврузов Г. История образования и развития Гармской области Таджикской ССР (1921 – 1956 гг.): дис. ... канд. ист. наук. – Душанбе, 2017. – 192 с.

аҳаммияти зарурӣ надодаанд. Дар охири китоб танҳо доир ба 39 нафар қурбониёни ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 маълумот оварда шудааст. Ин китоб ба “таърихи шифоҳӣ” бештар шабоҳат дошта, муаллифон дидаву шунидаи худро ба қалам додаанд. Дар ин асар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва дигар сарчашмаҳои муътамад истифода нашудаанд[1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ доир ба навоҳии алоҳидаи водии Рашт китобу дастурҳои зиёд ба нашр расидаанд. Аз ҷумла, китоби “Диёри ошноӣ ва рӯшноӣ” бахшида ба таърихи ноҳияи Лахш аст[2]. Ин китоб дар қолаби донишнома таълиф шуда, дар он доир ба таърих, ҷуғрофиё, расму оин ва шахсиятҳои шинохтаи ноҳияи Лахш (собиқ Ҷиргатол) маълумот оварда шудаанд.

Соли 2006 китоби Назархоҷаи Наботов ва Баҳодур Абдусатторов таҳти унвони “Тоҷикобод диёри файзбор” нашр шуд, ки асосан ба таърихи ноҳияи Тоҷикобод дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ ва солҳои соҳибистиқлолро фаро гирифтааст. Дар ин китоб маълумот доир ба шахсиятҳои сиёсиву фарҳангии ноҳия низ оварда шудаанд[3]. Баробари ин, доир ба таърихи ноҳияи Тоҷикобод якчанд маводи дигар низ нашр шуданд[4].

Ин китобу маводи зикршуда аҳаммияти калони таърихӣ-кишваршиносӣ доранд, аммо нуқсони асосӣ дар он аст, ки муаллифони онҳо муаррихони касбӣ нестанд ва дуруст аст, ки онҳо бо услуби публитсистӣ таълиф шудаанд. Аз тарафи дигар, дар онҳо маълумоти зиёди оморӣ ҷой дода шуд, илман таҳлилу баррасӣ нашудаанд.

Доир ба муассисаҳои таълимии Раштонзамин – Коллеҷи Навобод ва Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт якчанд асару мақолаҳо таълиф шудаанд. Китоби Муллоҷон Аҳмадов, ки зери унвони “Боргоҳи маърифат” соли 2018 ба нашр расид, ки фаъолияти 85-солаи

---

[1] Наботӣ Н. Раштонзамин . – Душанбе: Деваштич, 2008. – 580 с.
[2] Диёри ошноӣ ва рӯшноӣ. – Душанбе: АВА, 2006. – 324 с.
[3]Наботов Н. Тоҷикобод диёри файзбор / Н. Наботов, Б. Абдусатторов. – Душанбе: Эр-граф, 2006. – 212 с.
[4] 10-соли Тоҷикобод. – Тоҷикобод.2001. – 22 с.; Абдусатторов Б. Файзи Тоҷикобод / Б.Абдусатторов.– Душанбе: Матбуот, 2003. – 32 с.

Коллеҷи омӯзгории Навободро дар бар мегирад[1]. Муаллиф фаъолияти коллеҷро дар солҳои истиқлолият баррасӣ намуда, мушкилиҳои солҳои аввали истиқлолият ва зина ба зина мустаҳкам шудани базаи моддӣ-техникии онро таҳлил кардааст. Инчунин дар асар маълумот доир ба омӯзгороне, ки солҳои тӯлонӣ дар коллеҷ хизмат кардаанд зикр шудааст.

Асари дигар, ки ба фаъолияти Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида шудааст, китоби Мирзохоҷаи Пирзод ва Тӯйчӣ Мирзод аст, ки зери унвони "Даргоҳи маърифат" таълиф шудааст. Гарчанде ин асар ба фаъолияти ДОТ дар ноҳии Рашт бахшида шудааст, дар он инчунин доир ба шахсиятҳои шинохтаи минтақаи Раштонзамин ва дар асоси мақолаҳои методиву илмии устодон маълумоти зарурӣ фароҳам оварда шудаанд.

Солҳои охир дар бораи олимону омӯзгорон, ходимони сиёсӣ ва дигар шахсиятҳои таърихию шинохтаи Раштонзамин китобу асарҳои зиёде таълиф шудаанд[2].

Дар миёни онҳо китоби калонҳаҷми М. Амирбековро махсус таъкид кардан мумкин аст[3]. Муаллиф дар ин китоб дар бораи 39 тан аз шахсиятҳои муътабари Раштонзамин маълумот овардааст. Китоб аз VI боб иборат буда, вобаста ба самти фаъолияти шахсиятҳо тақсимбандӣ шудааст: арбобони барҷастаи давлатӣ, суханварон, устодони ҳунар, олимон, ходимони ҳизбӣ, қаҳрамонони ҷанг ва меҳнати Раштонзамин.

Ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт дар суханронӣ ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи хоса

---

[1] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат / М.Аҳмадов. – Душанбе, 2018.– 102 с.

[2] Амирбеков М. Фарзандони Раштонзамин / М. Амирбеков. – Душанбе: Эр-граф, 2015. – 488 с.; Аҳмадзода М. Нақши ёдгори Раштонзамин / М. Аҳмадзода. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 288 с.; Хушов М.Омӯзгорони Рашт / М. Хушзод, Н. Дилоев. –Душанбе: Ирфон, 2007. – 207 с.; Маҳмуди Ш. Ноширони маориф дар Рашт (охири асри XIX ва ибтидои асриXIX) / Ш. Маҳмуди. – Душанбе: Илм, 208 с.; Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Раштонзамин. – Душанбе: Сифат, 2014. – 94 с.; Мунаввар Шогадоев – арбоби барҷастаи давлати Тоҷикистон. – Душанбе: Шарқи озод, 1998. – 88 с.; Хуш А. Шуриши Усмон / А. Хуш. – Душанбе: Адиб, 2008. – 111 с.; Масов Р.М. Всетаджикский староста / Р.М. Масов // Нусратулло Махсум. Речи, доклады, статьи и материалы о его жизни и деятельности. – Душанбе: Дониш, 2000. – С. 3-20; Нусратулло Махсум. Речи, доклады, статьи и материалы его жизнедеятельности /сост.: Р.А. Абулхаев, Н.Б. Хотамов, Х.М. Мухаббатов. – Душанбе: Дониш, 2000. – 228 с.

[3] Амирбеков М. Фарзандони Раштонзамин / М.Амирбеков. – Душанбе:Эр-граф, 2015.– 486 с.

касб кардаанд. Дар онҳо далелу факту рақамҳо ва хулосаҳои зарурӣ доир ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт, холисона оварда шудаанд[1].

Ҳамин тариқ, омӯзиши таърихнигории мавзӯи таҳқиқотӣ муаллифро ба хулосае овард, ки новобаста аз китобу мақолаҳое зиёде, ки ба солҳои истиқлоли давлатӣ бахшида шудаанд, то имрӯз таҳқиқоти алоҳидае, ки ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои соҳибистиқлолият инъикос намояд, хеле кам вуҷуд дорад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ**

Диссертатсияи мазкур дар чаҳорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар мавзӯи “Таърихи халқи тоҷик, қонуниятҳои умумӣ ва хусусиятҳои хоси раванди таърихӣ (давраи муосир)” омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳадафи таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиш ва инъикоси мушкилоти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, натоиҷи таҷрибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилоти ҷамъиятии минтақа, ҷумҳурӣ, инчунин байналмилалӣ дар ҳалли фаврии мушкилоти минтақа, нишон додани ҷараёни татбиқи онҳо дар соҳаи иҷтимоӣ мебошад.

---

[1]Пешвои миллат ва рушди Раштонзамин. – Душанбе: Бухоро, 2017. – 261 с.; Пешвои миллат ва рушди ноҳияи Рашт. - Душанбе: Эр-граф, 2016. – 360 с.; Водии Рашт мулки пурфайз аст / Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мулоқот бо мардуми ноҳияи Рашт, 25 сентябри соли 2013 // Оинаи Рашт. – 2013. – №33. – С.1-2; Шукри неъмат шукри ваҳдат, шукри Пешвои Кабир // Оинаи Рашт. – 2013. – №28. – С.2-3;Тоҷикистонро ба кишвари пешрафта табдил диҳем / Суханронии Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоб бо сокинони ноҳияи Нуробод, 25 сентябри соли 2016 // Нури Нуробод. – 2016. – №19-20. – С.1-2; Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои милллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ дар ноҳии Рашт //http: //base.mmk.tj // Санаи муроҷиат: 22.11.2019; Суханронӣ дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Тоҷикобод (26.09.2016) // http: //www.president.tj; Суханронӣ дар мулоқот бо фаъолону сокинони ноҳияи Сангвор (25.09.2016) //http: //www.president.tj; Суханронӣ дар мулоқот бо сокинони ноҳияи Тавилдара (26.09.2013) // http: //www.president.tj ва ғ.

Бо дарназардошти мақсади зикршуда дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта мешаванд:

– равшан намудани заминаҳо ва сабабҳои бухрони иқтисодиву иҷтимоии навоҳии водии Рашт дар солҳои аввали истиқлолият;

– таҳқиқ ва равшан намудани омилҳои тараққии сусти саноат, мушкилот ва дурнамои он дар минтақа;

– омӯхтани ҷараёни пешрафти соҳаи кишоварзии водии Рашт дар солҳои истиқлолият;

– шарҳи вазъ ва рушди минбаъдаи низом (система)-и тандурустӣ;

– муайян кардани зарурияти ислоҳоти мактабу маориф дар солҳои истиқлолият, мушкилот ва монеаҳои соҳа;

– баррасии нақши фондҳои гуногуни сармоягузорӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ дар рушди бахшҳои иқтисодӣ ва фарҳанги минтақа;

– муайян намудани нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар боло бурдани маърифатӣ аҳолӣ;

– баррасии имконоти сайёҳии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои он.

**Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро** таърихи навоҳии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлол ташкил медиҳад.

**Мавзӯи (предмети) таҳқиқоти диссертатсионӣ** – ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар солҳои истиқлолият (1991-2021) мебошад, ки дар муқоиса ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ дорои хусусиятҳои худ аст.

**Доираи ҷуғрофии** таҳқиқот фарогири ноҳияҳои Рашт, Лахш, Нуробод, Тоҷикобод ва Сангвори водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқикот** даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон – солҳои 1991-2021-ро фаро мегирад. Ин марҳалаи тағйироти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳурист. Ин марҳала сарфи назар аз рӯйдодҳои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) – талафоти зиёди ҷонӣ, моддӣ ва маънавӣ дар ҳаёти ҷумҳурӣ ва хосатан навоҳии водии Рашт аҳаммияти калони илмӣ дорад. Дар ин марҳала

Тоҷикистон ба истиқлоли нисбатан комил соҳиб гардида, дар арсаи байналмилалӣ мақоми хоса пайдо кард ва рушди иҷтимоиву иқтисодии мамлакат заминаи мусоид фароҳам омад.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки дар асоси таҳлили воқеъбинонаи мушкилоти фарогири ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт дар давраи истиқлолияти ҷумҳурӣ ҳамаҷониба омӯхта шавад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ -таърихӣ истифода шудаанд. Дар таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, таърихӣ, мантиқӣ, системавӣ, функсионалӣ, иҷтимоӣ, меъёрию мантиқии таҳлили илмӣ, истифода шудаанд.

Диссертатсия, ки ҷанбаи таърихӣ дошта, ба таърихи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият бахшида шудааст, дар он усулҳои таърихӣ, аз ҷумла таърихӣ-мантиқӣ ва таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ, хронологӣ ба таври васеъ истифода шудаанд. Онҳо имкон доданд, ки хусусиятҳо, тамоюл, қонуниятҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашт муайян карда шавад.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии** таҳқиқоти диссертатсиониро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

А) Маводи бойгонӣ;

Б) Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва стратегиву барномаҳои давлатӣ.

В) Матбуоти даврӣ;

Г) Сарчашмаҳои интернетӣ.

**А)** Дар диссертатсия маводи бойгонӣ, аз ҷумла Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Фондҳои 1483,1469,360); Филиали бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт; бойгониҳои ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон; бойгониҳои ҷории Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ дар ноҳияҳои Рашт, Тоҷикобод, Нуробод, Сангвор, Лахш истифода шудаанд. Аз бойгониҳои мазкур сарчашмаҳои дасти аввал, хосатан ҳисоботу хулоса, қарору фармонҳо, лоиҳа ва дигар

маводҳо истифода шудаанд, ки қисми бештараш бори аввал ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Б) Пайдост, ки баъди эълони истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ба миён омада, кишвар роҳи нави тараққиётро пеш гирифт. Зина ба зина ин таҳаввулот аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровarda мешуд. Дар ин раванд садҳо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул шуда, он қисмате, ки ба мавзӯи мавриди таҳқиқ марбут буд, дар рисола истифода шудаанд. Ба ин қатор, пеш аз ҳама, Конститутсия, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳо ва дигар асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ шомил шудаанд. Инчунин, ба ин гурӯҳи сарчашмаҳо “Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030”, “Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016-2020”, барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии Рашт ва ғайраро шомил намудан мумкин аст.

**В)** Гурӯҳи дигари сарчашмаҳоро матбуоти даврӣ ташкил медиҳад, ки дар он раванди дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ инъикос шудааст. Дар рафти таҳқиқот рӯзнома ва маҷаллаҳои ”Ҷумҳурият”, “Минбари халқ”, “Asia плюс”, “Самак”, “Боҷу хироҷ”, “Адабиёт ва санъат” “Тоҷикистон” “Садои мардум”, “Ҷавонони Тоҷикистон”, “Фараж” “Бонувони Тоҷикистон” “Энергетика ва саноат” “Молия ва ҳисобдорӣ” “Илм ва ҳаёт” истифода гардидаанд. Зимни таҳқиқот баробари маҷаллаву рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, маҳаллӣ, ба монанди “Ҳақиқати Комсомолобод” “Паёми Тоҷикобод”, “Нури Нуробод”[1] “Оинаи Рашт”, “Мавҷи Хингоб”, “Қаротегин” истифода шудаанд.

**Г)** Дар рафти таҳқиқот диссертатсия мавод аз сомонаҳои интернетии дохиливу хориҷӣ, аз ҷумла сомонаҳои вазорату идораҳои давлатӣ: Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати

[1] Рӯзномаи мазкур бори аввал соли 1948 бо номи “Ҳақиқати Комсомолобод” нашр шуда буд, солҳои 1995-2003 бо номи “Садои Дарбанд” ва аз соли 2003 инҷониб бо номи “Нури Нуробод” нашр мешавад.

кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода шудаанд.

Дар ҷараёни таҳқиқот маҷмӯаҳои оморӣ, аз ҷумла маҷмӯаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: 1) “Минтақаҳои Тоҷикистон”; 2) “Тоҷикистон дар рақамҳо”; 3) “Тоҷикистон ва минтақаҳо”; 4) “Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ” ва ғайра низ истифода шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** кор дар он аст, ки бори аввал дар таърихнигории ватанӣ вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии водии Рашти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ, бо ҷалби доираи васеи адабиёту сарчашмаҳои муътамад, таҳқиқ шудааст.

Бори аввал ба рӯйдодҳо ва далелҳои марбут ба таърихи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт, дар солҳои истиқлолият, баҳои воқеӣ дода мешавад.

Дар ин замина, хулосаҳои дар мундариҷаи диссертатсия мавҷудбударо муаллиф бо назардошти самаранокиаш барои ҳалли мушкилоти иҷтимоии соҳа баровардааст.

Ҳамин тавр, масъалаҳои зерин ба сифати навгонии илмӣ дар диссертатсия муайян шудаанд:

– замина ва сабабҳои бухрони иқтисодиву иҷтимоии навоҳии водии Рашт дар солҳои аввали истиқлолият таҳқиқ гардид;

– омилҳои суст тараққӣ кардани саноат, мушкилот ва дурнамои он дар минтақа омӯхта шуд;

– бори нахуст пешрафти соҳаи кишоварзии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои он таҳлил гардид;

– вазъ ва рушди минбаъдаи низом (система)-и тандурустӣ таҳқиқ шуд;

– бори аввал зарурияти ислоҳоти мактабу маорифи навоҳии водии Рашт дар даврони истиқлолият, баррасӣ шуд;

– нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар боло бурдани маърифати аҳолӣ муайян гардид;

– имконоти рушди сайёҳии водии Рашт, мушкилот ва дурнамои соҳа таҳқиқ шуд.

**Муқаррароти зерин ба ҳимоя пешниҳод мегардад:**

1. Ибтидои солҳои 90-уми қарни XX дар таърихи Тоҷикистон давраи ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон тақдирсоз буд, зеро баъди эълони истиқлоли давлатӣ бо таъсири қувваҳои хориҷиву дохилӣ кишвар ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷа анқариб ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат хароб гардиданд. Новобаста ба ин, ин давра марҳалаи муҳим, мураккаб ва таззоди гузариш ба низоми нави иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб мерафт;

2. Қатъи назар аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар навоҳии водии Рашт на он қадар рушд ёфтааст. Ин ҳолат дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ низ ба чашм мерасид. Ҳамзамон рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти саноатӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ метавонад ба таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки яке аз мушкилоти асосии минтақа аст, мусоидат кунад. Ба иқтидори пуррааш ба кор даромадани НБО “Роғун” норасоии қувваи баркро пурра аз миён бурда, барои рушди саноат дар навоҳии водии Рашт шароити мусоид фароҳам хоҳад овард;

3. Водии Рашт минтақаи кишоварзӣ аст ва аксарияти мардум ба деҳқонӣ машғуланд. Фурӯпошии ИҶШС ва ҷанги шаҳрвандӣ ба ин соҳа низ таъсири амиқ расонид, ки дар натиҷа садҳо ҳазор га заминҳо ба шӯразор табдил ёфта, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ коҳиш ёфт. Бо амалӣ шудани стратегияву барномаҳо ва қарору фармонҳои Ҳукумати мамлакат соҳаи кишоварзӣ дубора эҳё шуда дар 14-соли охир майл ба рушд дорад;

4. Таҳлили вазъи тандурустӣ дар водии Рашт нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳа ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуда, фаъолияти қисми зиёди беморхонаву нуқтаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо фалаҷ

гардида ё тамоман хароб шуданд. Табибону кормандони соҳа тарки касби худ карданд, ки ин вазъияти соҳаро боз ҳам мураккаб намуд.

Баъди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Ҳукумати мамлакат барои барқарорсозии муассисаҳои тандурустӣ нақшаву барномаҳои алоҳидаро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа на танҳо муассисаҳои харобгаштаи соҳа барқарор карда шуданд, балки садҳо муассиса, дорухона ва нуқтаҳои тиббии нав бунёд гардидаанд;

5. Азбаски замони муосир айёми дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ ва кашфиёти навини хиради инсонӣ мебошад, роҳ ба сӯйи онҳо танҳо аз мактабу маориф ва сиёсати дурусти давлату ҳукумат дар ин самт ибтидо мегирад. Новобаста аз хисороти ҷанги шаҳрвандӣ ва таассуби мазҳабӣ дар солҳои истиқлолият корҳои зиёде дар рушди соҳаи маорифи навоҳии водии Рашт анҷом дода шуданд.

6. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ новобаста аз вазъи мураккаби солҳои 90-ум аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Дар ин солҳо (1991-2021) фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанот, одобу аҳлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуда, бо шарофати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии навоҳии водии Рашт ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки ба рушду такомули фарҳанги миллӣ такони бузург бахшиданд;

7. Рушди иқтисодии водии Рашт дар баробари кишоварзӣ ва коркарди канданиҳои фоиданок аз фаъолияти сайёҳӣ низ вобастагӣ дорад. Бахусус барои сайёҳии фарҳангӣ, “экотуризм” ва сайёҳии экстремалӣ дар водӣ тамоми имкониятҳо вуҷуд доранд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводи дар он мавҷудбуда минбаъд дар навиштани асарҳои махсуси бунёдӣ, оид ба

таърих ва таърихнигории таърихи халқи тоҷик, истифода шуда метавонад. Тавсияҳои илмии дар диссертатсия мавҷудбударо мақомоти давлатӣ барои таҳияи барномаҳои нав барои рушди минбаъдаи соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагии халқи минтақа метавонанд истифода баранд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар таҳияи курси лексияҳо ва хондани курсҳои махсус доир ба таърихи халқи тоҷик барои донишҷӯйёни мактабҳои олӣ метавонад хизмат кунад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Аз рӯйи мазмун ва мундариҷаи худ диссертатсия ба ихтисосҳои 6D020300 – Таърих, аз ҷумла ба ихтисоси 6D020301 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот он аст, ки ӯ** дар асоси шумораи зиёди маводи бойгонӣ, матбуоти даврӣ ва адабиёти нашргардида доир ба ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт, дар солҳои истиқлолият, таҳқиқоти маҷмӯиро анҷом додааст. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, хулосаю навгониҳои илмӣ, муқарароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалӣ дошта бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ: конференсияи илмию назариявӣ, “Истиқлолият дастоварди бузурги миллати тоҷик”, дар мавзӯи “Пешвои миллат ва дурнамои ноҳияи Рашт дар замони истиқлолият”, Рашт, 5.09.2018, Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ, ш.Душанбе, 28.11.2020 “Таърих, анъана ва дурнамои рушди ҳунарҳои мардумӣ” дар мавзӯи “Имкониятҳои сайёҳии ноҳияи Лахш: мушкилот ва дурнамо”, Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ, Душанбе, 4.09.2021, “Истиқлоли давлатӣ: марҳалаи тақдирсоз дар сарнавишти халқи тоҷик (ба муносибати 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон)” дар мавзӯи “Вазъи маорифи ноҳияҳои водии Рашт

дар солҳои Истиқлолият (1991-2021)” ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод карда шуд (суратмаҷлиси №1 аз 18.01.2022) ва ҷаласаи Шӯрои олимони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши АМИТ (протоколи №4, аз 29 апрели соли 2022) муҳокима ва баррасӣ гардида, барои ҳимоя пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти умумӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба нашр расиданд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 195 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашма ва адабиёти истифодашуда (бо 296 номгӯй) иборат аст.

# БОБИ I. ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ВОДИИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (1991-2021)

## 1.1.Вазъи саноат: мушкилот ва дурнамо

Оғози солҳои 90-уми қарни XX дар таърихи Тоҷикистон давраи ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон тақдирсоз буд, зеро баъди эълони истиқлолияти давлатӣ бо таъсири қувваҳои хориҷиву дохилӣ кишвар ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ки дар натиҷа қариб ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат хароб гардиданд. Новобаста ба ин, ин давра марҳалаи муҳим, мураккаб ва таззоди гузариш ба низоми нави иҷтимоию иқтисодӣ, ба ҳисоб мерафт. Монеа ва мушкилоти дар самти саноати ҷумҳурӣ ба амал омада сабабҳои худро дошт, ки ин пеш аз ҳама ба канда шудани робитаҳои иқтисодӣ бо давлатҳои собиқ ИҶШС ва минтақаҳои ҷудогонаи мамлакат рабт дошт. Ин раванд пайомадҳои зиёди манфиро барои ҷумҳурӣ ва манотиқи алоҳидаи он ба бор овард.

Вазъи саноати минтақаи Раштро, наметавон бе равандҳо, монеаҳои вазъи саноати ҷумҳурӣ ва сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин марҳала объективона таҳқиқ намуд. Пӯшида нест, ки вазъи саноати водии Рашт дар солҳои 90-ум, дар иртибот ба саноати ҷумҳурист.

Яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати иқтисодии Ҳукумати Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ин ғайридавлатӣ ва хусусигардонии корхонаҳои саноатии мамлакат буд. Ҳадафи асосии ин сиёсат даст кашидан аз корхонаҳои зиёновар ва аз ҳолати буҳронӣ баровардани саноати мамлакат унвон шуда ин раванд хоси танҳо Тоҷикистон набуда, анқариб ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ чунин сиёсатро пеш гирифта буданд.

Ҳанӯз то эълони истиқлолияти давлатӣ Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон моҳи феврали соли 1990 Қонун «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ»-ро қабул намуд, ки қадами аввалин дар самти хусусигардонӣ ба ҳисоб мерафт. Ин воқеа яке аз омилҳои асосии азнавсозии

иқтисодӣ дар мамлакат гардид[1]. Барои боз ҳам фарохтар гузаронидани азнавсозии иқтисодӣ якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқии дигар: «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сармояи хориҷӣ», «Дар бораи муфлисшавӣ» ва ғайра, қабул гардиданд[2].

Бинобар ба навиштаи профессор Н.Б. Ҳотамов "дар ибтидои солҳои 90-ум дар ҷумҳурӣ 102 268 объектҳои давлатӣ мавҷуд буданд, ки аз рӯйи нақша бояд 70 375-тои он хусусӣ гардонида шуда, 2893-тои он моликияти давлатӣ боқӣ мемонд. 1519 объекти боқимонда танҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар навъи моликият табдил дода мешуданд. Маблағи умумии объектҳои номбурда зиёда аз 50 млрд. доллари амрикоиро ташкил медод"[3].

Солҳои 1991-1996 раванди хусусигардонии саноати ҷумҳурӣ хеле суст сурат мегирифт. Дар навоҳии минтақаи Рашт бошад бо сабаби мураккабии вазъи сиёсӣ қариб коре дар ин самт анҷом дода нашуд. Дар ҷумҳурӣ соли 1995 97,7% моликият ҳамоно давлатӣ буд. Бинобар ба таҳлили маводи ҳисоботии роҳбарони навоҳии водии Рашт чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ин рақам дар минтақа бештар буд.

Соли 1995 Ҳукумати мамлакат Барномаи азнавсозии иқтисодиро барои солҳои 1995-2000-ум қабул намуд. Вазифаи асосӣ дар барнома ҳамоно хусусигардонии моликияти давлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои саноатӣ ба ҳисоб мерафт. Бояд хотиррасон намуд, ки дар ин марҳала дар минтақаи Рашт бевосита амалиёти ҷангӣ сурат мегирифтанд ва ҳукумат имкони зери назорати худ гирифтани раванди хусусигардониро надошт. Маҳз барои ҳамин, аз ҷониби ашхоси ҷудогона ғасби моликияти давлатӣ, пурра ба манфиати шахсӣ истифода намудани маҳсулоти баъзе корхонаҳои саноатӣ, дуздӣ ва ғорати моликияти давлатӣ мушоҳида мешуд. Ин падидаҳои манфӣ

---

[1] Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) / Н.Б.Хотамов. – Душанбе; 2008.– С.19.
[2] Отчёты: Становление и развитие частного сектора в Республики Таджикистан //Текущий архив Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – 2004.– Л.23.
[3] Отчёты: Становление и развитие частного сектора в Республики Таджикистан //Текущий архив Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – 2004.– Л.23.

раванди амалишавии қонунҳои Ҳукумати мамлакатро, ки ба азнавсозии иқтисодӣ, бахусус саноат равона шуда буданд, боз ҳам душвор мекард[1].

Ин раванд баъди ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» 27 июни соли 1997 тағйир ёфт, зеро вазъи сиёсии мамлакат то ҷое муътадил гардид. Дар ин муддат ба Қонун «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ» як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, он дар таҳрири нав моҳи майи сол 1997 аз ҷониби парлумони мамлакат қабул гардид. Илова бар ин, Қарори ҳукумат аз 18 июли соли 1997, «Доир ба тартиби табдилдиҳии корхонаҳои давлатӣ ба ҷамъиятҳои саҳомӣ» қабул шуд. Дар санадҳои меъёри-ҳуқуқии қабулкардаи парлумон ва ҳукумат моликияти давлатӣ, хусусӣ ва саҳомӣ возеҳу равшан муайян карда шудаанд. Раванди хусусигардонӣ дар ҷумҳурӣ якранг сурат нагирифта, дар манотиқи ҷудогонаи кишвар хусусиятҳои худро дошт (ниг. ба ҷад. №1).

**Ҷадвали №1**

**Шумораи объектҳои хусусигардонидашудаи ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1992-2001[2].**

| Сол | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 | 2001 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи объекҳои давлатӣ** | 657 | 124 | 331 | 304 | 434 | 696 | 1264 | 1537 | 648 | 614 |
| **Моликияти хусусӣ** | 339 | 46 | 184 | 117 | 416 | 485 | 1215 | 1512 | 648 | |
| **Моликияти коллективӣ** | 318 | 78 | 147 | 178 | 18 | 207 | | | | |
| **Ҷамъиятҳои саҳомӣ** | | | | | | 4 | 49 | 25 | | |

Чи тавре аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, раванди коҳиши хусусигардонии моликияти давлатӣ ба солҳои 1992-1996 рост меояд, ки бо вазъи мураккаби ҷамъиятиву сиёсии мамлакат, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада буд, рабт дошт. Шуруъ аз соли 1997, ки вазъияти

[1] Наботӣ Н. Раштонзамин / Н.Наботӣ, М.Олимов. – Душанбе:Деваштич, 2008.– С.507-529; Диёри Ошноӣ ва рӯшноӣ. – Душанбе: АВА, 2006.- С.17-22.
[2] Отчёты: Становление и развитие частного сектора в Республики Таджикистан //Текущий архив Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – 2004. – Л.24-26.

сиёсии мамлакат муътадил гардид, имконоти бештар барои амалисозии сиёсати хусусигардонӣ дар кишвар фароҳам омад. Ин раванд пеш аз ҳама ба минтақаи Рашт рабт дошт.

Дар таърихи хусусигардонии мамлакат соли 2001 соли хотимавӣ буд, зеро «Стратегияи миёнамуҳлати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1998-2001» хотима ёфт. Маҳз дар ҳамин сол дар музояда ва тендерҳо 417 иншоот (объект), аз ҷумла 342 объекти хурд 72 объекти миёна ва калон фурӯхта шуданд[1].

Ҳамин тавр, ҳаҷми умумии объектҳои хусусигардонидашуда то соли 2001 6 609 ададро ташкил намуд, ки дар маҷмӯъ 40% моликияти давлатиро дар бар мегирифт. Далелҳои овардашуда ба ҳеҷ ваҷҳ маънои хотимаи хусусигардониро дар кишвар надошта, баръакс оғози марҳалаи навро дар назар дорад. Асосан дар ин давра милликунонии объектҳои хурду миёна қариб ба охир расида, милликунонии объектҳои бузург шуруъ мешавад. Масалан, соли 2005 дар ҷумҳурӣ 670 объект хусусӣ гардонида шуд ва шумораи умумии иншооти хусусигардонидашуда ба 8708 адад расид. Раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, бахусус саноатро дар бар мегирифт. Масалан, аз соли 1991 то 2005 танҳо муассисаҳои саноатӣ - 351; сохтмон 307; нақлиёт ва алоқа 269; тиҷоратӣ 2554 ададро ташкил доданд[2].

Раванди хусусигардонии корхонаҳои саноатӣ ба ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ хос буд. Масалан, танҳо дар ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ, ки навоҳии минтақаи Рашт ба он шомил аст, шумораи объектҳои хусусигардонидашуда 1072 ададро ташкил намуданд[3]. Албатта, аз ин шумора як фоизи ночизи он ба минтақаи Рашт марбут буд, зеро дар замони Шӯравӣ ва минбаъд низ дар ин минтақа, вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ ва имкониятҳояш соҳаи кишоварзӣ бештар тараққӣ ёфта буд. Шумораи корхонаҳои саноатии минтақа, ки дар

---

[1] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон., 2017.– 96 с.

[2] Таджикистан: 15 лет государственной независимости. Статистический сборник.– Душанбе, 2006. – С.222; Тоҷикистон: 25-соли Истиқлолияти давлатӣ. – Душанбе, 2016. – 488 с.

[3] Отчёты: Становление и развитие частного сектора в Республики Таджикистан //ТА ЦСИ при Президенте РТ.– 2004.– Л.29-30.

бораашон баъдтар гуфта мегузарем, дар муқоиса ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ночиз буданд.

Раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ монеа ва хусусиятҳои хоси худро дошт. Пеш аз ҳама, ҳадафи хусусигардонӣ ин ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар ва азнавсозии он, бахусус саноати минтақаҳои ҷудогонаи мамлакат буд. Аммо мутаассифона, сармоягузорони хориҷӣ ба кишвари мо таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир накарданд. Ба назари мо ин пеш аз ҳама ба вазъи номуътадили мамлакат ва ҷумҳурии ҳамсоя - Афғонистон рабт дошт.

Аз тарафи дигар, хусусигардонии моликияти давлатӣ мебоист вазъияти мураккаби иқтисодии кишварро бартараф намуда, аз ҳисоби объектҳои хусусигардида даромаднокии буҷаи давлатро афзун мекард. Аммо ин мақсад низ бо сабабҳои зерин амалӣ нашуд:

1. Дар кишвар барои ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ, чун кишварҳои дигари собиқи Шӯравӣ, солҳои 1992-2005 заминаи ҳуқуқии мусоид фароҳам оварда нашуд;

2. Дар рафти амаликунонии сиёсати хусусигардонӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дода шуд, махсусан дар марҳалаи аввали ин маърака. Масалан, бисёр объектҳои давлатӣ бо нархи арзон ва бе назардошти беқурбшавии пул фурӯхта шуданд. Аз тарафи дигар, дар рафти хусусигардонӣ бештари шаҳрвандони кишвар дар канор монданд. Харидорони моликияти давлатӣ ашхосе буданд, ки ба корхона ё муассисаи харидаашон ҳеҷ иртиботе надоштанд[1].

Зимни ин, дар ҷумҳурӣ ҳолатҳои зиёди қонунвайронкунӣ дар рафти хусусигардонӣ мушоҳида мешуд. Барои мисол, танҳо дар соли 2001

---

[1] Ҳисоботи кумитаи иҷроияи ноҳия аз 23.07.1991 то 22 январи соли 1992 ва вазифаҳои барои соли 1992 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.10. В.71-81; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Тоҷикобод рафиқ Идиев М.И. дар иҷлосияи сеюми вакилони халқи ноҳия аз 4.10.1995 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.28. В.67-78; Дар бораи ҳисоботи Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ғарм дар давраи ҳисоботии соли 1994 //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.33. В.7-11, 14-18; Ҳисоботи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Комсомолобод дар соли 1994 ва вазифаҳо барои соли 1995 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.2. Б.112. В.1-35; Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол Самадов Сайдаҳмад дар сессияи 12-ум, даъвати 21-уми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия “Оид ба нақшаҳои хоҷагии халқ дар соли 1994” //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.118. В.40-43.

кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 112 ҷиноятро дар ин самт ошкор карданд. Ин қонуншиканиҳо дар хариду фурӯш, ғасби моликияти давлатӣ ва ғайра мушоҳида мешуданд[1].

Ҳамин тавр, рафти хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ дар ҷумҳурӣ ва дар манотиқи ҷудогонаи он талаби замон ва мувофиқ ба иқтисоди бозаргонӣ буд, аммо дар ҷумҳурии мо он дар шароит ва вазъияте гузаронида шуд, ки вазъи сиёсии мамлакат номусоид буд. Аз ин вазъ истифода намуда, баъзе мансабдорони давлатӣ ва ашхоси ҷудогона ба ҷойи хусусигардонӣ ба ғасби моликияти давлатӣ даст заданд ва ё бо роҳу васоити дигар онро ба манфиати шахсиашон ҳал намуданд. Ба назари муаллиф, агар ин раванд каме баъдтар, бо беҳтар шудани вазъи сиёсии мамлакат гузаронида мешуд, шояд паёмадҳои он ин қадар зиёновар намешуд. Аз тарафи дигар, маблағи ба дастомада метавонист дар эҳёи объектҳои бузург ва аҳаммияти стратегӣ дошта истифода шавад.

Дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулкардаи Ҳукумати мамлакат дар ибтидои солҳои 90-ум дар ҷумҳурӣ низоми ягонаи саноат хотима ёфта, ба ҷойи он шаклҳои нави моликият: корхонаҳои хусусӣ, коллективӣ, саҳомӣ ва муштарак ба вуҷуд омаданд. Дар натиҷаи ин сиёсат корхонаҳои давлатӣ сол аз сол кам гардида, ба ҷойи онҳо корхонаҳои шакли нав пайдо шуданд.

Барои мисол, дар соли 2000-ум корхонаҳои давлатӣ 13,5%, корхонаҳои ғайридавлатӣ 66% ташкил доданд. Дар ҷумҳурӣ раванди мутобиқсозии саноат бо талаби замони муосир сурат намегирифт. Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои саноатии мамлакат бо маҳсулоти саноатии аз хориҷ воридшаванда рақобат карда наметавонист. Ин раванд боиси муфлис ва барҳам хӯрдани корхонаҳои зиёди саноатӣ гардид. Масалан, соли 1997

---

[1] Маърӯзаи ҳисоботии ноҳияи Тоҷикобод рафиқ Идиев М.И. дар иҷлосияи сеюми вакилони халқи ноҳия аз 4.10.1995 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.28. В.67-78; Дар бораи ҳисоботи Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ғарм дар давраи ҳисоботии соли 1994 //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.33. В.7-11, 14-18;Ҳисоботи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Комсомолобод дар соли 1994 ва вазифаҳо барои соли 1995 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.2. Б.112. В.1-35; Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол Самадов Сайдаҳмад дар сессияи 12-ум, даъвати 21-уми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия “Оид ба нақшаҳои хоҷагии халқ дар соли 1994” //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.118. В.40-43.

истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 32,3% дараҷаи соли 1990-ро ташкил дод, ки ин хеле нишондиҳандаи паст ба ҳисоб мерафт[1].

Дар тамоми навоҳии минтақаи Рашт бо мақсади хусусигардонии моликияти давлативу ҷамъиятӣ кумитаҳои амвол таъсис дода шуд. Дар минтақаи Рашт, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ амалиётҳои ҷангӣ сурат гирифтанд, саноати бе ин ҳам начандон инкишофёфтаи минтақа пурра хароб гардид ва ё дар рафти хусусигардонӣ қисме ғасб, қисми дигар аз кор боз монданд. Бинобар ин Ҳукумати мамлакат баъди муътадил гардидани вазъи сиёсии минтақа барои барқарорсозии саноат баъзе чораҳо андешид.

Аз сабаби ночиз будани маҳсулоти истеҳсолии корхонаҳои навоҳии водии Рашт дар маҷмӯаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот доир ба ин минтақа оварда намешаванд. Барои пурра инъикос намудани вазъи саноат дар водии Рашт, мушкилот ва хусусиятҳои он, зарур мешуморем ҳар як ноҳияро дар алоҳидагӣ баррасӣ намоем.

**Ноҳияи Рашт.** Новобаста аз мавҷудияти захираҳои бузург ва иқтидорҳои маҳаллӣ соҳаи саноат дар ноҳияи Рашт на он қадар рушд ёфтааст. Ин ҳолат дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ низ ба чашм мерасид. Ҳамзамон рушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ ва ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти саноатӣ дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ метавонад ба таъмин намудани аҳолӣ ба ҷои кори доимӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ки яке аз мушкилоти асосии навоҳии кӯҳистони мамлакат мебошад, мусоидат кунад.

Чунонки хотирнишон шуд дар водии Рашт саноати вазнин тамоман вуҷуд надошта, саноати сабук низ хеле суст рушд кардааст. Баъзе корхонаҳои хурди саноатие, ки солҳои Ҳокимияти Шуравӣ сохта шуда буданд, дар рафти амалиётҳои ҷангӣ ва хусусигардонӣ хароб гардиданд ва ё аз фаъолият боз монданд. Аз таҳлили ҳисоботи оморӣ маълум мегардад, ки то солҳои 2008-2010 дар минтақа корхонаҳои нав қариб бунёд нашуд буданд.

---

[1] Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Фонди.1. Номгӯи.1. Бастаи.69. Вароқи.18-24 (минбаъд ФБМДҶТНР).

Шуруъ аз соли 2010 дар ҳама ноҳияҳои минтақа, хосатан ноҳияи Рашт корхонаҳои хурди саноатӣ таъсис дода шуданд.

Дар ноҳияи Рашт соли 2015 ҳашт корхонаи саноатӣ фаъолият мекард, ки ҳиссаи онҳо дар ташаккули буҷети маҳаллӣ ва ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти ноҳия на он қадар назаррас буд (*ниг. ба ҷадвали №2*)[1].

**Ҷадвали №2**

**Намудҳои маҳсулот ва иқтидори корхонаҳои саноатии ноҳия дар соли 2015**

| Номгӯйи корхонаҳо | Самти фаъолият ва намудҳои маҳсулот | Воҳиди ченак | Иқтидори воқеӣ | Ҳолати техникӣ | Истифода барандагни Маҳсулот | Миқдори умумии ҷойҳои корӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| ҶДММ «Камароб» | Истихроҷи ангишт | Тонна | 9700 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 6/20 |
| КВДКФ «Назарайлоқ» | Истихроҷи ангишт | Тонна | 52013 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 5/25 |
| ҶДММ «Сомон-7» | Истеҳсоли хишт | Адад | 135900 | Корӣ | Бозори дохилӣ | 6 |
| Филиали ҶСК-и «Машруботи Душанбе» | Оби нӯшокӣ ва ташнагишикан | Адад | 8000 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 3 |
| ҶДММ «Файзи дастархон» | Маҳсулоти нонӣ | Сомонӣ | 273000 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 7 |
| Корхонаи ордбарорӣ | Ордбарорӣ | Тонна | 222155 | Коршоям | Бозори дохилӣ | 23 |
| Матбааи ноҳия | Бланка ва чопи рӯзномаҳо | ҳаз.дона | 62,5 | Коршоям | | 3 |

Дар водии Рашт асосан имконот барои рушди саноати сабук мусоид аст. Чи тавре аз ҷадвали мазкур бар меояд дар ноҳияи Рашт шумораи корхонаҳои саноатӣ ва маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар муқоиса ба шумораи аҳолӣ хеле ночиз аст.

Дар Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои солҳои 2018-2020 дар заминаи Корхонаи ҶДММ «Сомон-7» бунёди сехи истеҳсоли хишт (бо иқтидори 3,0 млн. дона хишти шартӣ дар як сол), сехи нави истеҳсоли

[1] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Лоиқзода Қ. (барои соли 2016)// Оинаи Рашт.– 2016.- №26. – С.1-3; Натиҷаҳо назаррасанд // Оинаи Рашт. – 2012. – №21. – С.1; Диловари Мирзо. 2012 – соли созандагиву бунёдкориҳо // Оинаи Рашт. – 2012.– №7.– С.3.

қуму шағал (иқтидораш 5,0 ҳазор метри мукааб) ва барқарорсозии корхонаи хурди коркарди санги мармар, ки пештар тавассути ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият дошт (Конҳои мармарӣ: Оҳангарон, Ғанҷик, Таҳтӣ, Санги Кар, Ҳоит) сохта шуд[1].

Инчунин, дар солҳои 2014-2018 бо дастгирии соҳибкорон 8 коргоҳи дӯзандагӣ ва 3 корхонаи хурди коркарди маҳсулоти хӯрокворӣ, (аз ҷумла корхонаи коркарди орд бо иқтидори 70 тонна) таъсис дода шудааст, ки зиёда аз 140 нафар сокинони маҳаллӣ ба кори доимӣ таъмин шуданд.

Давоми солҳои 2018-2021 ҷиҳати сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон ва шарикони рушд бунёди 14 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ ба нақша гирифта шуда буд, ки бештари онҳо сохта ба истифода дода шуданд. Масалан, давоми солҳои зикршуда корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта, истеҳсоли хишти сементӣ, масолеҳи сохтмонӣ (қуму шағал), истеҳсоли макарон, хӯроки чорво, корхонаи дӯзандагӣ ва коргоҳҳои коркарди пашм, коркарди мева, истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулоти қаннодӣ нақшабандӣ шуда, коргоҳҳои мебелбарорӣ, истеҳсоли обҳои ташнашикан ва маҳсулоти қаннодӣ, корхонаи дӯзандагӣ, корхонаи истеҳсоли хишти сементӣ, корхонаҳои истеҳсоли хишти пухта ва корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ (қуму шағал) ба фаъолият оғоз намуданд. Инчунин дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои ба роҳ мондани кор дар самти коркарди пашм ва хушк кардани мева таҷҳизоти лозимӣ ворид карда шуданд[2].

Барои ташкили фаъолияти корхонаи истеҳсоли макарон аз ҷониби Агентии захираҳои моддии давлатии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизоту технологияҳои зарурӣ аз Ҷумҳурии Халқии Чин харидорӣ ва

---

[1] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт – М. Толибов дар иҷлосияи дувоздаҳуми (даъвати дуюм) Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Рашт аз 29.12.2007 // Оинаи Рашт. – 2007.– №5-6. – С.2-4.

[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт. – С.3-4.

ворид карда шуда, дар шафати Корхонаи ордбарории шаҳраки Ғарм бино омода карда шуда, дар муҳлатҳои наздик ба истифода дода мешавад.

Танҳо соли 2015 дар ноҳияи Рашт ба маблағи 33,1 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол гардид, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои соли 2013–ум 17,6 млн. сомонӣ зиёд буд[1]. Дар соли 2020 ин ин рақам ба 45 млн. 122,5 ҳазор сомонӣ расонида шуд[2].

Кони Назарайлоқ ба гурӯҳи конҳои нодири ангишти мамлакат медароянд, ки аҳаммияти стратегӣ дорад ва аз ин ҷиҳат рушди коркарди маҷмӯии кон талаботи махсуси техникию муҳандисиро талаб менамояд. Захираҳои ангишти кони Назарайлоқ -540 млн. тоннаро ташкил медиҳад. Талабот ба ангишти Назарайлоқ дар бозори дохилӣ ва берунӣ зиёд мебошад.

Бо дастгирии давлатӣ корхона ба маблағи 7 млн. сомонӣ дар муддати 3 сол (солҳои 2017-2020) истихроҷи ангиштро то ба 35-40 ҳазор тонна расонид. Маблағҳои дотатсионие, ки ҳамасола (берун аз барнома) барои хароҷоти корхона ҷудо карда мешавад нокифоя аст ва талаботи корхонаро таъмин карда наметавонад (137 ҳазор сомонӣ барои панҷ сол)[3].

Ноҳияи Рашт сарзамини кӯҳсор буда, дар ҳудуди он захираҳои табиии гуногун вуҷуд доранд, аз ҷумла захираҳои тилло, маҳсулоти сохтмонӣ, оҳаксанг, ки дар асоси он метавонад дар оянда корхонаҳои коркарди тилло ва маҳсулоти сохтмониро ба роҳ монд. Инчунин маҳсулоти истеҳсолшавандаи соҳаи растанипарварӣ, боғу токпарварӣ ва чорводорӣ метавонад дар оянда ҳамчун сарчашмаи ашёи хоми маҳаллӣ ва замина барои бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди шир, пашму пӯст ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ шавад. Истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда ва дар ин замина ба роҳ мондани бунёди

---

[1] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Лоиқзода Қ. (барои соли 2016) // Оинаи Рашт. – 2016. – №26. – С. 1-3.

[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт.– С.3-4.

[3] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Лоиқзода Қ. (барои соли 2016) // Оинаи Рашт.– 2016.– №26. – С. 1-3.

корхонаҳои хурду миёна, инчунин метавонад ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми ноҳия, ғанӣ гаштани қисми даромади буҷети ноҳия заминаи устувор гузорад.

Истифодаи иқтидорҳои саноатӣ ва кишоварзии ноҳия минбаъд бояд мувофиқи талаботи замон ба роҳ монда шаванд.

Соҳибкории хурду миёна дар рушди иқтисодиёти ноҳия, хосатан саноат, нақши калон мебозад. Ҳаҷми маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки аз ҷониби соҳибкории хурду миёна истеҳсол мешавад, сол то сол рӯ ба афзоиш дорад. Мутобиқи маълумоти оморӣ солҳои 2016-2018 дар ноҳияи Рашт 585 субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда, аз ин 450 нафар тавассути патент ва 135–нафар бо шаҳодатнома фаъолият мекарданд[1]. Шумораи умумии соҳибконони ноҳия дар охири соли 2020 ва ибтидои соли 2021 дар ноҳия зиёда аз 750 нафарро ташкил доданд.

Аз шумораи умумии субъектҳои соҳибкорӣ 36 фоиз дар соҳаҳои тиҷорат ва хӯроки умумӣ фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, солҳои охир шумораи соҳибкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, иҷтимоӣ, хизматрасонии маишӣ низ зиёд шудааст. Ба зиёд шудани соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ гузаштан ба шакли нави хоҷагидорӣ ва ислоҳоти замин мусоидат намуд, ки ин боиси афзун шудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси ноҳия гардидааст.

Соҳибкории хурду миёна дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ, бахусус дар самти кишоварзӣ нақши асосӣ мебозад. Ҳиссаи умумии шуғл дар сектори хусусӣ 39 фоизи шумораи умумии ба кор таъминшудагонро ташкил медиҳад[2].

Дар соҳаи соҳибкории хурду миёна 35 фоизи аҳолии қобили меҳнат фаъолият мекунанд, ки аз ин 11 фоизашро занҳо ташкил медиҳанд. Занҳои роҳбар дар субъектҳои соҳибкории хурду миёна 9 фоиз ва дар хоҷагиҳои инфиродӣ 22 фоизро ташкил медиҳанд.

---

[1] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020. - Рашт, 2017. – С.22.

[2] Натиҷаҳои тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия Рашт дар нимсолаи аввали соли 2013 // Оинаи Рашт. – 2013.- №21. – С.1-3.

Ҳиссаи соҳибкории дар соҳаҳои тиҷорат ва хизматрасонӣ мутаносибан 32 ва 29 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлили қисми даромади буҷети маҳаллӣ нишон медиҳад, ки ба буҷети маҳаллӣ аз ҳисоби соҳибкории соҳаҳои тиҷорат, хизматрасонӣ ва кишоварзӣ шуғл дошта бештар маблағ ворид мешавад[1].

Дар ҳудуди ноҳия ба ғайр аз бонкҳои давлатӣ якчанд ташкилоти ғайридавлатии қарздиҳии хурд, аз ҷумла «ИМОН Интернейшнл», "Арванд", "Оксус", "Ҳумо" ва Эсхата фаъолият доранд. Соли 2015 тавассути ин бонкҳо 50 млн. сомонӣ ба соҳибкорон, аз ҷумла кишоварзӣ – 13 млн. сомонӣ, тиҷорат -17 млн. сомонӣ, хизматрасонӣ 4 млн. сомонӣ, сохтмон – 11 млн. сомонӣ ва дигар соҳаҳо 5 млн. сомонӣ қарз дода шудааст[2]. Дар солҳои баъдӣ ин рақамҳо коҳиш ёфта, аз 11 то 13 миллион сомониро ташкил доданд. Масалан соли 2019 12 млн. ва дар соли 2020 13 миллион сомониро ташкил дод[3].

Ташкилоти қарздиҳии ноҳия фаъолияти худро асосан бахри рушди соҳаҳои кишоварзӣ, соҳибкории хурду миёна ва саноат нигаронидаанд. Дар ин самт суст будани маблағгузорӣ ба соҳаҳои сохтмон ва қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳоло соҳибкорони ноҳия ба кӯмакӣ машваратчиёни касбӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва рушди бизнес (бахусус ба масъалаи баромадан ба бозори ҷаҳонӣ, рушди инноватсионӣ), таҷҳизоти лизингӣ ва техника, дастрасӣ ба ахборот, инчунин дастрасӣ бо сохтори кӯмакрасон (бизнес инкубатор, маркази бизнесӣ) ниёз доранд.

Мушкилоти асосию монеаи рушди соҳибкории хурду миёна дар ноҳия ин набудани маблағҳои худӣ барои сармоягузорӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ; мушкилот дар дастрасӣ ба қарзҳо (фоизи баланди қарз, набудани молу мулк барои гарав); набудани малакаҳои лозима барои ташкил ва идоракунии

---

[1] Олимов У. Дар ҳалли мушкилот бетараф набошем / У.Олимов // Оинаи Рашт. – 2010.– №13-14.– С.7.
[2] Оинаи Рашт. – 2019. – С. 1-3.
[3] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт. – С.1-24.

фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус дар байни занон, ба фурӯш баровارда натавонистани маҳсулоти истеҳсолшуда мебошад[1].

**Ноҳияи Лахш.** Дар соли 2013 дар ноҳияи Лахш (пештар Ҷиргатол) чор корхонаи хурди саноатӣ: коркарди мева, либосдӯзӣ, коркарди чӯб, фермаи мурғпарварӣ ва 2 адад НБО мавҷуд буд, ки дар онҳо 51 нафар коргарон фаъолият менамуданд. Дар ноҳия дар даврони истиқлолият НБО-ҳои хурди «Питовкӯл 1» – бо иқтидори 900 кВт/соат, «Питовкӯл 2» - бо иқтидори 2100 кВт/соат[2] бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ сохта ба истифода дода шуданд. Ҳамагӣ дар НБО-ҳои ноҳияи Лахш дар як сол 1822 ҳазор кВт/соат неруи барқ истеҳсол мегардад[3].

Корхонаҳои саноатӣ ва аҳолии ноҳия баъди пурра ба истифода дода шудани НБО-ҳои зикршуда тамоми сол бо неруи барқ таъмин мебошанд. Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2016 корхонаҳои саноатӣ бо назардошти тадқиқот бо нархҳои амалкунанда ба маблағи 5556,4-хаз. сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2015 209,5 ҳазор сомонӣ зиёд буда, 3,9-фоиз афзоиш ёфтааст. (ниг. ба диаграммаи зер)[4].

**Истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Лахш (ҳазор сомонӣ)[5]**




Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар доираи Барномаҳои

[1] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт С. Абдураҳмонов (барои соли 2012) // Оинаи Рашт. – 2012.– №33-34.– С.3-8; Олимов У. Дар ҳалли мушкилот бетараф набошем / У.Олимов // Оинаи Рашт. – 2010. –№13-14.– С.7; Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2017-2020. – Рашт, 2016. – С.15-20.
[2] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. – Лахш, 2016.– С.22.
[3] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. – Лахш, 2016.– С.22.
[4] Документы (постановления, прогноз, переписка) по охране окружающей среды // БМДҶТ. Ф.1469. Н.6. Б.1009. В. 104.
[5] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. – Лахш, 2016. – С.22.

рушди ноҳия[1] дар оянда зиёд намудани шумораи корхонаҳои саноатии хурду миёна, мусоидат намудан ҷиҳати бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои мавҷуда ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ бо истифодаи ашёи хоми мавҷуда ба ҳисоб меравад.

Лахш аз канданиҳои фоиданок бой буда, захираҳои тиллои дарёи Мук, конҳои ангиштсанги Мук, Лахш ва Қашшот, хоки кулолӣ, қум, санги мармар, обҳои маъданӣ, намак, намаксанг ва дигар канданиҳои фоиданок боигариҳои ин маҳаланд, ки коркарди онҳо беҳбудӣ мехоҳад. Дар қаламрави ноҳия чашмаҳои зиёди бофишор ва бефишор лаззаташон ширин, талх ва тумч мавҷуд аст. Ҳам обҳои рӯйизаминӣ ва ҳам обҳои зеризаминӣ зиёд мебошанд. Гарчашмаи Тандиқӯл, ки ҳарорати обаш аз 90$^0$ С болост, хусусиятҳои зиёди табобатӣ дорад[2].

Коркарди минбаъдаи захираҳои мавҷуда метавонад дар оянда масъалаи муҳоҷирати дохилию берунии шаҳрвандонро пурра аз байн бардошта, вазъи демографиро муътадил гардонад ва дар баланд намудани сатҳи некӯаҳволии мардуми минтақа таъсири мусбӣ расонад.

Зимни ин, ноҳияи Лахш дорои захираи зиёди ашёи хоми кишоварзӣ, аз ҷумла меваю сабзавот мебошад ва дар оянда бунёд намудани корхонаҳои хурду миёнаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. То соли 2020 дар доираи Барномаи рушди ноҳияи Лахш дар маркази ноҳия ва дар ҷамоатҳои деҳот бунёд ва ба кор андохтани корхонаҳои коркарди меваю сабзавот бо иқтидори солонаи 75 ҳазор қуттии шартӣ, аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ ва бо ҷалби сармояи хориҷӣ бо маблағи умумии 2200 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст. Бунёди корхонаҳои мазкур имконияти дар як сол 190 тонна меваю сабзавот коркард шуда, 42 ҷойи нави корӣ ташкил карда шавад[3].

Агар дар барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2013-2017 ба рушди саноат таваҷҷуҳ камтар мушоҳида шавад, дар

---

[1] Дар ноҳия ду барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ: барои солҳои 2013-2017 ва 2018-2020, қабул шудааст.
[2] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. – Лахш, 2016. – С.20-24.
[3] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. - Лахш, 2017. - С.21-25.

барномае, ки барои солҳои 2018-2020 қабул шуда буд ба ин соҳа афзалият дода шуд. Масалан, дар барномаи мазкур барои рушди саноати ноҳия 2 533 ҳазор (ду миллиону 533 ҳазор) сомонӣ ҷудо гардид, ки то ибтидои соли 2021 пурра аз худ карда шуд[1].

Рушди соҳибкории хурду миёна (СХМ) дар иқтисодиёти ноҳия саҳми арзанда дорад. Сол то сол саҳми сектори хусусӣ дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ меафзояд.

Дар муассисаҳои хусусии ноҳия, ки ба соҳибкорон мансуб мебошанд 3587 нафар (аз онҳо 358–нафар занҳо яъне 10%) кор мекунанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои дурнамо то охири соли 2021 шумораи шахсони ба соҳибкории хурд машғул ба андозаи 15% зиёд хоҳанд шуд. Тибқи маълумот дар ноҳия тариқи «Равзанаи ягона» дар соли 2016 2099 адад субъектҳои соҳибкорӣ ба қайд гирифта шуда буданд ва ин нишондод нисбат ба ҳамин давраи соли 2015 313 адад ва ё 118 фоиз зиёд буд.

Шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар ноҳияи Лахш сол то сол зиёд гардида, дар семоҳаи аввали соли 2021 шумораи онҳо 2529–нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2019 80 нафар зиёд аст[2].

Бахши хизматрасонӣ нуқтаҳои савдои молҳои ниёзи мардумро дарбар мегирад, ки бо дастрас ва фурӯши маҳсулоти аввалиндараҷа машғуланд. Соҳибкории хурду миёна дар рушди саноати ноҳия ва ғанӣ гардонии буҷети маҳаллӣ ҷойи сазоворро ишғол менамоянд.

**Ноҳияи Тоҷикобод.** Саноат дар ноҳияи Тоҷикобод ба монанди дигар навоҳии водии Рашт на он қадар рушд кардааст. Ба ҳисоби соли 2017 дар ноҳия ҳамагӣ 7 корхонаи хурди саноатӣ ба қайд гирифта шуда буд, ки дар онҳо ҳамагӣ 28 нафар коргарон фаъолият мекарданд. Инҳо коргоҳи дӯзандагии ТҶ "Нилоб", коргоҳи хушккунӣ ва бастабандии меваю сабзавот

---

[1] Маҳмадисо Н. Тоҷикобод диёри ободу ороста: дар бораи таърих ва дастовардҳои ноҳия / Н.Маҳмадисо // Самак. – 2018. – 11 июн; Марҳалаи нав кадрҳои навро тақозо мекунад. Мусоҳиба бо раиси ноҳияи Тоҷикобод Ҳусайн Алиев //Минбари халқ. – 2012. – 14 июн; Алиев Ҳ. Ваҳдат назми кори мост: пешравии ноҳияи Тоҷикобод дар 15-соли ваҳдати миллӣ / Ҳ.Алиев // Ваҳдат. – 2012. – №11-12. – июн; Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. - Лахш, 2017.– С.23-25.

[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Лахш оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. – С.1-26.

дар Ассотсиатсияи “Фирӯз” ва ду коргоҳи хурди коркарди чӯбу тахта дар ҷамоатҳои Нӯшор ва Лангари Шоҳ, коргоҳи хурди тунукабарории ҶДММ “Неъматулло”, коргоҳи хурди инфиродии истеҳсоли блокҳои сементӣ дар Ҷамоати деҳоти Қалъаи Лаби Об ва коргоҳи хурди қаннодии ҶДММ “Ҳунарманд” мебошанд. Дар се корхона истеҳсоли маҳсулот бо ашёи хоми маҳаллӣ ба роҳ монда шудааст. Маврид ба зикр аст, ки ҳамаи ин корхонаҳо дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ сохта ба истифода дода шуданд. Иқтидори умумии истеҳсоли саноатии ноҳияи Тоҷикобод дар як сол 3,1 млн сомониро ташкил медиҳад. Дар муддати 3-5 соли охир аҳолӣ ва корхонаҳои саноатии ноҳия пурра ба қувваи барқ таъмин карда мешаванд. Соли 2016 дар ноҳияи Тоҷикобод ба маблағи 3173 ҳазор сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол карда шуд, ки дар муқоиса ба соли 2015 – 427,9 ҳазор сомонӣ ва нисбат ба соли 2014 711,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад[1].

Бо вуҷуди ин дар соҳаи саноат монеа ва мушкилиҳои зиёде ҳоло ҳам ба чашм мерасанд. Масалан, бо сабаби норасоии молиявӣ дар соли 2016 ҶСП “Тоҷикободхишт” фаъолияташро қатъ намуд. Корхонаҳои дигари ноҳия низ бо иқтидори пурраашон кор намекунанд, ки ин ҳам ба норасоии маблағ, набудани технологияҳои муосир, вуҷуд доштани муносиботи куҳнаи истеҳсолӣ (истифода нашудани усулҳои муосири менеҷменту маркетинг), набудани нуқтаҳои машваратӣ ва ғайра рабт дорад[2].

Ин норасоиҳои соҳаро ба инобат гирифта дар барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои солҳои 2018-2020 маблағҳои зиёде барои барқарорсозии корхонаҳои аз кор бозмонда, таъсиси корхонаҳои нави саноати сабук ва дар ин замина самаранок истифода бурдани иқтидорҳои маҳаллӣ ва ташкили ҷойҳои кории нав, пешбинӣ шуда буд, ки мутаассифона дар сатҳи зарурӣ амалӣ нашуд[3].

---

[1] Дастовардҳо назаррасанд // Паёми Тоҷикобод. – 2016. - №9. – С.1-2.
[2] Маҳмадисо Н. Тоҷикобод диёри ободу ороста: дар бораи таърих ва дастовардҳои ноҳия / Н. Маҳмадисо // Самак. – 2018. – 11 июн.
[3] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020. – Тоҷикобод, 2018. – С.25-26.

Дар маҷмуъ иқтидори саноатии ноҳияи Тоҷикобод, ба монанди дигар ноҳияҳои водии Рашт хеле зиёд аст. Махсусан истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва канданиҳои фоиданоки он метавонад ба рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия мусоидат кунад. Тоҷикобод аз канданиҳои фоиданок: ангиштсанги мавзеи Қирчибек, захираҳои тилло, хоки кулолӣ, қум, санги мармар, обҳои маъданӣ, намак ва ғайра бой мебошад. Илова бар ин дар ноҳия имкониятҳои табии сохтмони НБО-и хурду миёна хеле фаррох аст[1]. Имрӯз дар ноҳия ҳамагӣ як НБО – Фатҳобод бо иқтидори 250 кВт фаъолият мекунад, ки дар солҳои истиқлолият бо ҷалби сармояи хориҷӣ бунёд шудааст. Дар барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020 сохтмони НБО-и Нӯшор ба иқтидори 250 кВт пешбинӣ шуда буд, ки амалӣ карда шуд[2].

Тоҷикобод барои рушди корхонаҳои хурди саноатӣ дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди пашму пӯст, истеҳсоли хишт ва ғайра заминаи хубе дорад. Инчунин ноҳия аз растаниҳо ва гиёҳҳои шифобахш низ бой буда, истифодаи самараноки онҳо метавонад ба равнақи соҳаи дорусозӣ дар ноҳия ва минтақа мусоидат кунад.

Дар қаламрави ноҳия чашмаҳои обҳои минералии Гӯгирдон ва Алмалиғ мавҷуданд, ки метавонанд макони хуби сайёҳиву табобатӣ бошанд. Таҳлили раванди амалишавии барномаҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия нишон медиҳад, ки барои рушди саноати ноҳияи Тоҷикобод монеаҳои зерин мавҷуданд: ҷалби нокифояи сармояи хориҷиву дохилӣ, набудани инфрасохтори зарурӣ, ворид нашудани технологияи муосир, набудани мутахассисони касбӣ ва ғ. иртибот дорад.

Аз ин рӯ, соҳибкории хурду миёна дар рушди иқтисодиёти ноҳия нақши муҳим дошта, айни ҳол дар субъектҳои зикршуда 4860 нафар ба ҷойи кор таъмин карда шудаанд. Лозим ба ёдоварист, ки қисми асосии соҳибкорони

[1] Проекты годовых планов охраны водной среды пл ГЭС-ам (1990-1997гг.) // БМДҶТ. Ф.1469. Н.6. Б.1008. В. 104.

[2] Омодагиҳо ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ. 2020 // Бойгонии ҷории ноҳияи Тоҷикобод. – С.1-8.

ноҳия дар соҳаи кишоварзӣ (1017 субъект) ва савдо (120 субъект) машғул буда, дар саноат ҳамагӣ 8 субъект фаъолият мекунад.

Саҳми соҳибкории хурду миёна дар рушди соҳаи савдо, кишоварзӣ, сохтмон ва саноат ҳамасола афзуда, аз ин ҳисоби буҷети маҳаллӣ майл ба афзоиш дорад. Барои мисол давоми солҳои 2014-2016 аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ 387 ҳазор сомонӣ, саноат 53,2 ҳазор сомонӣ, савдо 390,5 ҳазор сомонӣ, сохтмон 579 ҳазор сомонӣ ба буҷети ноҳия ворид гардидааст[1].

Боиси нигаронист, ки дар Тоҷикобод таъсиси соҳибкории хурди истеҳсолӣ хеле кам ба назар мерасад. Масалан дар муддати се сол (2014-2017) ҳамагӣ ҳафт субъекти соҳибкории истеҳсолӣ оид ба коркарди маҳсулоти саноатӣ таъсис дода шуд, ки ин бо назардошти афзоиши аҳолӣ ва талаботи ноҳия хеле кам аст. Аз тарафи дигар фаъолияти онҳо мунтазам набуда, дар се соли охир (2018-2021) қисме аз онҳо барҳам хӯрданд ва ба ҷойи онҳо субъектҳои нав таъсис ёфтанд.

**Ноҳияи Сангвор.** Дар ноҳияи Сангвор як корхонаи саноатии ҶДММ "Вуромун" дар заминаи кони ангишти Миёнаду фаъолият мекунад. Захираи ангишт дар кони мазкур 4,8 млн тонна мебошад. Дар корхонаи мазкур ба ҳисоби соли 2013 8 коргар фаъолият мекард. Дар корхона 2 трактор мавҷуд буд, ки дар ҳолати хеле бад карор доштанд[2]. Дар барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Сангвор (Тавилдара) барои солҳои 2013-2017 пешбинӣ гардида буд, дар муҳлати 5 сол барои таҷдид ва азнавсозии ин корхона 500 ҳазор сомонӣ ҷудо шавад ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он ба 75 миллион расонида шавад[3]. Мутаассифона, ин маблағҳо ба таври зарурӣ аз худ карда нашуда, то имрӯз дар кони ангишти мазкур мушкилиҳо ва монеаҳо вуҷуд доранд. Масалан, бо сабаби надоштани иҷозатнома ва дигар монеаҳои

[1] Нодираи М. Натиҷаҳо назаррасанд (ҳисоботи солонаи Раиси ноҳия) / М.Нодира // Паёми Тоҷикобод. - 2018. - №2. – С.1-2.
[2] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Тавилдара барои солҳои 2013-2017. – Тавилдара, 2013. – С. 23.
[3] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Тавилдара барои солҳои 2013-2017. – Тавилдара, 2013. – С.29.

сунъӣ кони Миёнаду соли 2019 фаъолият накард. Дар натиҷа мардуми ноҳия ангиштро се баробар қимат аз кони ангишти Айнӣ харидорӣ намуданд[1].

Чунон хотирнишон шуд, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ки нишонаи асосии дигаргунсозиҳои давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ аст, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва ҳамдастии онҳо дар муътадилсозии молиявӣ, фароҳам овардани ҷойҳои кории нав ва зиёд намудани бозори истеъмолӣ равона гардидааст.

Барои рушди тиҷорати хурд дар навоҳии водии Рашт имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Аз ин рӯ, бештар майли тиҷорат доштани аҳолӣ ба соҳаҳои савдо, хизматрасонии маишии аҳолӣ, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва маҳсулоттайёркунӣ мушоҳида мешавад. Шумораи ашхоси ба тиҷорат машғул рӯ ба афзоиш дорад, аммо вобаста ба иқтидорҳои дар минтақа мавҷуда соҳибкорону тоҷирон кам ба ташкили корхонаҳои саноатӣ майд доранд. Дар ноҳияи Сангвор соли 2013 20 ҷамъияти масъулияташ маҳдуд ба қайд гирифта шуда буд, ки то имрӯз пурра фаъолият намекунанд[2].

Шумораи соҳибкорони инфиродӣ дар ибтидои ноҳия соли 2021 114 нафарро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли 2019 35 адад зиёд аст. Таҳлили рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳибкорӣ дар ноҳия устувор нест[3].

Баъди татбиқи барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ дар ноҳияи Сангвор шумораи корхонаҳо ба 5 адад, аз инҳо корхонаи истихроҷи ангишт 1, корхонаи заршӯйӣ 2 ва коргоҳи коркарди шир 1 ададро ташкил медиҳанд. Танҳо дар ду корхонаи заршӯйӣ то ибтидои соли 2018 зиёда аз 100 нафар кор мекарданд, ки музди маоши миёнаи онҳо 2000 сомониро ташкил медод[4].

---

[1] Зайниддин Х. Кони Миёнаду: агар фаъолият мекард / Х.Зайниддин // Ҷумҳурият. - 2020. - №3. – С. 2.

[2] Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи Сангвор, даъвати панҷум // Мавҷи Хингоб.- 2018. - № 10. - С.1-7.

[3] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иҷтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. – С.1-16.

[4]Ҳисобот: Дар бораи ҷамъбасти натиҷаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар шашмоҳаи аввали соли 2018 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. - 2018. - С.4-5; Дӯстзода Ҳ.Т. Нурobod : дар майдони нангу номус сарбаланд бошем / Ҳ.Т.Дӯстзода // Нури Нурobod. - 2016.- №15-16. - С.1; Сол бомуваффақият ҷамъбаст шуд // Нури Нурobod. - 2017.- №15-16. - С.1-2.

Оғози соли 2021 дар корхонаҳои саноатии ноҳия 349 нафар фаъолият менамуданд, ки аз инҳо 133 нафар ба кори мавсимӣ ва 216 нафар ба кори доимӣ машғул буданд[1].

Маҷмӯан маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 73 милиону 853 ҳазору 900 сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2019 5,4 баробар зиёд мебошад[2].

**Нуробод.** Дар Нуробод чун дигар навоҳии водии Рашт саноат дар ҳолати ногувор қарор дорад. Ба ҳисоби соли 2017 чор корхонаи саноатии истеҳсоли шир ва маҳсулоти ширӣ, хишти пухта дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият доранд. Инчунин дар ноҳия 8 осиёб, 6 ҷувози равғанкашӣ, 11 неругоҳи хурди барқии обӣ низ мавҷуд аст. Дар маҷмӯи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ҳиссаи зиёдро истеҳсоли хишти пухта ташкил медиҳад. Соли 2017 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои ҷорӣ 3,3 млн. сомониро ташкил дода, ин рақам дар солҳои 2020-2021 1 баробар бештар гардид[3].

Дар чаҳорчӯбаи Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияи Нуробод барои соли 2018-2020 5 корхонаи хурди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, қаннодӣ, паррандапарварӣ (барои парвариши 5000 сар) ва хишти пӯхта (бо иқтидори 800,0 ҳазор дона хишт дар як сол) сохта шуд, ки дар онҳо зиёда аз 150 ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуд. Бешак ба фаъолият оғоз намудани ин корхонаҳо ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуд[4].

Чун дигар навоҳии кӯҳистони водии Рашт дар раванди ҷорӣ гардидани муносибатҳои нави иқтисодӣ, соҳибкории хурду миёна омили асосии пешбарандаи инкишофи соҳаҳои иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Барои таъмин намудани аҳолӣ ба ҷойи кори доимӣ, болоравии даромаднокии

---

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. – С.4.
[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. – С.4.
[3] Рӯшанов С. Аз файзи истиқлол //Нури Нуробод. 2016. №13-14. июл. – С.7; Дӯстзода Ҳ.Т. Рафъи камбудӣ – асоси ноилшавӣ ба дастовард //Нури Нуробод. 2016. №13-14. июл. С.1-2; Дастовардҳо назаррасанд //Нури Нуробод. 2016. №9. май. – С.1-2.
[4] Барномаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020. Нуробод, 2017. – С. 17-20.

аҳолӣ, зиёдшавии даромади буҷети маҳаллӣ ва афзун намудани бозори истеъмолӣ муносибатҳои нави иқтисодӣ ташаккул меёбанд.

Соҳибкории хурду миёна дар ноҳия бештар дар бахшҳои тиҷорати хурд (фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ, либосворӣ, асбобу анҷоми рӯзгор, доруворӣ, сӯзишворӣ, масолеҳи сохтмон, маҳсулоти кишоварзӣ), тайёр ва пешниҳод намудани ғизои ҷамъиятӣ (ошхона), пешниҳоди хизматрасониҳои маишӣ (сартарошхона, таъмири пойафзол, дӯхти либос, оҳангарӣ, таъмири автомобилҳо ва ҷиҳози барқӣ), хизматрасониҳои бонкӣ (ташкилотҳои қарздиҳии хурд), алоқа (марказҳои дилерӣ, хизматрасонии интернетӣ), саққаббозӣ ва ғайраҳо ба роҳ монда шуда, вале дар бахши саноат қариб ба чашм намерасад[1].

Соли 2017 бахши соҳибкорӣ ҳамагӣ 4,8 фоиз дар ғанӣ гардидани қисми даромади буҷети маҳаллӣ ҳисса гузоштааст. Чунин ҳолат аз он дарак медиҳад, ки гарчанде шумораи субъектҳои соҳибкорӣ зиёд шуда бошад ҳам, вале мутаассифона рушди соҳибкории хурду миёна аз нигоҳи иқтисодӣ дар ноҳия чандон фаъол нест.

Дар доираи захираҳои ноҳия имконияти бунёди корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ки маҳсулоти тайёр тавлид мекунанд мавҷуд аст. Ба нақша гирифта шудааст, ки дар раванди татбиқи Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия шароити мусоид барои ташкили сеххои консервакунонии мева, коркарди гӯшту шир ва пӯсту пашм фароҳам оварда мешавад[2].

Дар рушди минбаъдаи саноати водии Рашт НБО "Роғун" нақши калидӣ хоҳад дошт. Неругоҳи барқии обии "Роғун", ки ҳанӯз соли 1976 сохтмонаш оғоз шуда буд, яке аз сохтмонҳои азими замони Шӯравӣ буда, мебоист аз ҳисоби буҷаи Иттифоқ сохта мешуд. Аммо бо заволи ИҶШС ва мураккаб гардидани вазъи сиёсии Тоҷикистон сохтмони он соли 1990 қатъ гардид[3]. Неругоҳи барқии обии "Роғун" мувофиқи лоиҳа аз 6 агрегати иқтидорашон

[1] Иҷлосияи шонздаҳуми Маҷлиси вакилони халқи Сангвор, даъвати панҷум //Мавҷи Хингоб. – 2018. – № 10. – С.1-7.
[2] Нуробод ноҳияе дар масири рушд [манбаи электронӣ]. jumhuriyat.tj (санаи муроҷиат: 16.10.2019).
[3] Документы (постановления, прогноз, переписка) по охране окружающей среды (1996-2000 гг.) //БМДҶТ. Ф.1469. Н.6. Б.1009. В. 104об.

600 ҳазор кВт иборат аст. Ба ҳисоби миёна дар як сол 13,1 млрд кВт қувваи барқ истеҳсол мекунад. Баландии сарбанди он мувофиқи нақша 335 метр муайян шуда буд. Обанбори неругоҳ имконият медиҳад, ки танҳо дар водии Рашт 360 ҳазор га заминҳои нав аз худ карда шуда, ҳолати обёрии 5 млн га заминҳои минтақа беҳтар гардад[1].

НБО "Роғун" на танҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ, балки барои инкишофи саноати минтақа низ аҳаммияти бузург дорад, зеро бо бунёди он барои инкишофи саноат дар минтақаи Рашт имконияти мусоид фароҳам меояд.

Бо сабаби надоштани имконияти молиявӣ Ҳукумати Тоҷикистон барои сохтмони НБО "Роғун" соли 2005 бо ширкати «Русал»-и Федератсияи Руссия шартнома имзо намуд, аммо Ҳукумати Русия инро ғайримақсаднок хонда шартномаро қатъ намуд[2]. Баъди ин Ҳукумати Тоҷикистон иқдом гирифт, ки НБО "Роғун"-ро бо маблағҳои худӣ бунёд намояд. Маҳз бо мақсади амалишавии ин ҳадаф Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқии обии "Роғун" таъсис дода шуд, ки 15-уми апрели соли 2008 Оинномаи он бо сармояи 116 млн сомонӣ тасдиқ гардид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 15 январи соли 2010 бо чунин суханон ба мардуми кишвар муроҷиат намуд: «Ҳоло майдони сохтмони ин иншооти барои мамлакати мо тақдирсоз ба корзори заҳмати созанда, майдони ҳиммату ҷавонмардӣ, арсаи озмоиши нангу номус ва гузашта аз ин, ба ғояи миллии мо табдил ёфтааст»[3].

Дар натиҷаи дастгирии ҷомеа ҳадаф дар саросари мамлакат ҳадди сармояи он соли 2014 ба 12 млрд сомонӣ расонида шуд. Дар ин раванд баъзе аз кишварҳои ҳамсоя зидди сохтмони НБО "Роғун" баромада, бе ҳеҷ далели илмӣ онро хатарнок арзёбӣ мекарданд. Ин ҳолат ба он сабаб шуд, ки аз

---

[1] Документы по Рогунской ГЭС //БМДҶТ. Ф.1469. Н.6. Б.1006. В. 130 об.
[2]Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол /зери таҳрири З.Акрамӣ. – Душанбе: Дониш, 2016. – С.157.
[3] Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 23.06.2017).

ҷониби Бонки Умумиҷаҳонӣ комиссияи алоҳида таъсис дода шавад[1]. Ҳамин тавр, новобаста аз фишору даст кашидани баъзе аз “давлатҳои дӯст” аз ҳамкориҳо бо Тоҷикистон сохтмони НБО “Роғун” идома дода шуд.

Аҳаммияти НБО “Роғун”-ро барои хоҷагии халқи мамлакат ба инобат гирифта, моҳи январи соли 2013 Ҳукумати ҷумҳурӣ овардани маҳсулоти сохтмониро, ки барои сохтмони неругоҳ зарур буд, аз ҳамагуна андоз озод намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ буда, соҳаи истеҳсол ва фурӯши неруи барқ барои баланд бардоштани иқтидори саноатӣ, хосатан навоҳии кӯҳии мамлакат аҳаммияти хоса дорад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар мамлакат иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар ҳаҷми 1900 мегаватт, хатҳои интиқоли барқ ба масофаи 1100 километр, 4 зеристгоҳи барқии 500-киловолта, 10 зеристгоҳи барқии 220 - киловолта ва дигар иншооти барқӣ бунёд гардида, низоми ягонаи энергетикии Тоҷикистон ташаккул ёфт. Бо мақсади рушди соҳаи энергетика дар солҳои истиқлолият дар маҷмуъ 25 лоиҳа ба маблағи умумии 23 миллиард сомонӣ амалӣ гардида, ҳоло татбиқи 9 лоиҳаи дигар ба маблағи умумии 6 миллиард сомонӣ идома дорад. Чунин икдом имконият фароҳам меорад, ки масъалаи бо барқ таъмин намудани соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва аҳолии кишвар пурра роҳи ҳалли худро ёбад. Пӯшида нест, ки бе неруи барқи кофӣ таъмин кардани рушди соҳаҳои саноат ғайриимкон аст. Бо дарназардошти мавҷудияти бойигариҳои бузурги маъданӣ ва ғайримаъданӣ, аз ҷумла садҳо кони металлҳои ранга, сиёҳ, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, масолеҳи сохтмон ва ғайра Ҳукумати мамлакат ба соҳаи истихроҷи маъдан таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд[2].

Лозим ба ёдоварист, ки сохтмони НБО “Роғун” таҳти назорати доимии Президенти мамлакат – Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт ва дорад. Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ дар ин самт маблағҳои зиёдеро сарф намуд. Дар вохӯрӣ бо кормандони

---

[1] Бонки умумиҷаҳонӣ: ҳама дар бораи НБО-и “Роғун” //Народная газета. 15 февр. – С.2-3.
[2] Эмомалӣ Раҳмон, Суханронӣ дар арафаи ба истифода дода шудани агрегати дуюми НБО “Роғун” [манбаи электронӣ].http: //rogunges.tj (санаи муроҷиат: 22.01. 2020).

саноати мамлакат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (соли 2015) таъкид намуданд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ аз ҳисоби буҷаи давлатӣ барои сохтмони НБО "Роғун" 24 млрд сомонӣ сарф шудааст[1].

Ҳамин тавр, аввалин чархаи НБО "Роғун" 16-уми ноябри соли 2018 ва чархаи дуюми он 9 сентябри соли 2019, дар арафаи таҷлили 28-умин солгарди Истиқлоли давлатӣ ба истифода дода шуданд[2].

НБО "Роғун" кафили истиқлолияти энергетикӣ, неруи пешбари саноати мамлакат, хосатан навоҳии водии Рашт ба ҳисоб меравад. Дар сурати пурра ба истифода дода шудани НБО "Роғун" имконият ва шароити мусоид барои рушди саноати водии Рашт фароҳам хоҳад омад. Имрӯзҳо низ шумораи зиёди кормандони ин иншооти бузурги асрро сокинони навоҳии Рашт ташкил медиҳанд.

Аз ин рӯ ба анҷом расонидани сохтмони НБО "Роғун" ва ба истифода супоридани тамоми иншоот, на танҳо ҷумҳуриро бо барқ таъмин менамояд, балки дар ояндаи наздик барои содироти он ба кишварҳои дигар бо нархи бозорӣ мусоидат мекунад. НБО "Роғун" пеш аз ҳама ба рушди саноати мамлакат такони ҷиддӣ медиҳад. Ғайр аз он, ба густариши муносибатҳои энергетикии байнидавлатӣ ва гардиши савдои байналмилалӣ, мавҷудияти миқдори зарурии об барои обёрӣ дар солҳои камобӣ на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар дигар кишварҳои поёноби Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд[3].

Таҳлили вазъи саноати водии Рашт собит мекунад, ки агарчанде дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар навоҳии минтақа корхонаҳои зиёди хурди саноатӣ бунёд шудаанд, аммо талаботи рӯзафзуни аҳолиро қонеъ карда наметавонанд. Аз тарафи дигар, таҳлили раванди амалишавии барномаҳои

---

[1] Суханронӣ дар мулоқот бо кормандони соҳаи саноати кишвар (аз 14.10.2019) [манбаи электронӣ]. http: //www.president.tj (санаи муроҷиат: 25.12.2019).
[2] Ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори 28 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оғози кори агрегати дуюми Неругоҳи барқи обии "Роғун" (аз 09.09.2019) ) [манбаи электронӣ]. http://www.president.tj (санаи муроҷиат: 25.09.2019).
[3] НБО "Роғун" эътирофу эҳтироми миллат [манбаи электронӣ]. www.anrt.tj (санаи муроҷиат: 23.06.2019).

рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии Рашт нишон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи пешбинишуда татбиқ намешаванд.

Бо сабаби вуҷуд надоштани корхонаҳо миқдори зиёди пӯсту пашми дар минтақа мавҷуд буда, набудани нуқтаҳои қабул ва коркард ин маҳсулот бекор хобидаанд. Инчунин, гарчанде дар водии Рашт як қисми бузурги маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад, аммо барои коркарди онҳо қариб, ки корхонаҳои хурди саноатӣ вуҷуд надоранд. Дар сурати ба роҳ мондани коркарди корхонаҳои пӯсту пашм, меваҷоту сабзавот ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд, ки ин метавонад ба рушди саноати сабук дар минтақа мусоидат кунад. Гарчанде дар навоҳии минтақаи Рашт қисми зиёди пашми ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад, вале аз сабаби коркард нашудан ва солҳои тӯлонӣ дар анбори хоҷагиҳо монданашон вайрон мешаванд.

Сабаби инкишофи саноат, соҳибкории хурду миёна ва тиҷорат дар навоҳии водии Рашт ба мавқеи ҷойгиршавии он низ вобаста аст. Ин ҳам бошад дар масофаи дур ҷойгир будани навоҳии минтақа аз маркази ҷумҳурӣ, нарасидани ашёи хом, душвории роҳҳо, маҳдуд будани бозори дохила мебошад. Бо вуҷуди ин, нақши соҳибкории хурду миёна дар таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулоти хӯрока, маводи сохтмонӣ ва саноатӣ хеле калон аст. Зиёда аз 50% таъминоти бозори дохилӣ бар дӯши соҳибкорон мебошад.

Аз ин рӯ, стратегияи навбатии Ҳукумати ҷумҳурӣ – саноатикунонии босуръат самти афзалиятнок бояд ба афзоиши нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна равона карда шавад. Дар ин самт эҳё намудани корхонаҳои хурди коркарди мева ва сабзавот дар минтақа мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Зимни ин бунёди корхонаҳои хурди саноатӣ ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ширӣ ва коркарди пӯсту пашм низ зарур мебошад. Зеро шароити ҷойгиршавии минтақа барои инкишофи бахши чорводорӣ мутобиқ буда, дорои чарогоҳҳои васеъ мебошад.

Баробари ба иқтидори пуррааш фаъол шудани НБО “Роғун” норасоии

қувваи барқро пурра аз миён бурда, барои рушди саноат дар навоҳии водии Рашт шароити мусоид фароҳам меоварад. Ин равандро ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат таҳким бахшида метавонад. Аз нигоҳи мо, дар оянддаи наздик ба нақша гирифтани сохтмони роҳи оҳан аз маркази ҷумҳурӣ ба навоҳии водии Рашт метавонад ин равандро тезонида, мушкилоти роҳро низ аз байн барад.

## 1.2. Ҳолати кишоварзӣ: таназзул ва азнавсозӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93% онро кӯҳсор ташкил медиҳад соҳаи кишоварзӣ соҳаи асосӣ ба ҳисоб меравад. Аз рӯйи маълумоти соли 1990 заминҳои корами ҷумҳурӣ 904 ҳазор гектарро ташкил намуданд ва қариб 70 % қувваи кории мамлакат ба кишоварзӣ машғул буд. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба соҳаи кишоварзӣ хисороти зиёд расонид. Тибқи маълумоти оморӣ танҳо дар 3 соли ҷанг (1992-1995) дар мамлакат зиёда аз 1300 деҳа хароб гардида, 21 483 гектар заминҳои корам корношоям гардиданд[1].

Аз ин раванд водии Рашт низ истисно набуд, зеро дар ин минтақа амалиёти ҷангӣ бевосита сурат мегирифтанд. Масалан, аз рӯйи маълумоти яке аз ҳуҷҷатҳои Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар минтақаи Рашт дар давоми 2 сол зиёда аз 444 гектар заминҳои обӣ корношоям гардиданд[2]. Ин шумора барои як минтақаи кӯҳистон, ки заминҳои ҳамвор ва киштбобаш хеле кам аст, ниҳоят зиёд буд.

Аз рӯи таҳлили рақамҳои оморӣ ва дигар маводи бойгонӣ ҳолати заминҳои киштро дар навоҳии водии Рашт метавон ба се давра тақсим намуд:

1. Марҳалаи харобшавӣ ва камшавии заминҳои кишоварзӣ;
2. Марҳалаи барқарорсозии заминҳои кишоварзӣ;

---

[1] Хотамов Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006) / Н.Б.Хотамов. - Душанбе; 2008. - С.70-72.

[2] Отчёты: Становление и развитие частного сектора в Республики Таджикистан //Текущий архив Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. – 2004. – Л. 23.

3. Марҳалаи азхудкунӣ ва афзоиши заминҳои кишоварзӣ.

Ҳар як марҳала хусусиёти хоси худро дошт, ки месазад ҳар яки онро дар алоҳидагӣ бо овардани далелҳои оморӣ ба таври мушаххас дида бароем.

**Ҷадвали №3**

**Заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории навоҳии минтақаи Рашт дар солҳои 1991-2000(бо шумораи ҳазор га)[1]**

| № | Номи ноҳия | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 | 2000 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Тамоми ҷумҳурӣ | 756,7 | 762,3 | 742,3 | 28,5 | 704,6 | 654,4 | 615,7 | 584,2 | 573,6 | 525,7 |
| 2. | Нуробод (Дарбанд) | 1,8 | 2,2 | 2,6 | 2,9 | 2,4 | 1,4 | 2,1 | 1,3 | - | 1,3 |
| 3. | Сангвор (Тавилдара) | 0,4 | 0,9 | 0,4 | 0,9 | 0,4 | - | 0,9 | 0,5 | 0,5 | 0,3 |
| 4. | Рашт (Ғарм) | 5,1 | 5,5 | 5,0 | 5,4 | 5,2 | - | 3,8 | 3,5 | 3,3 | 2,0 |
| 5. | Тоҷикобод | 3,9 | 3,8 | 3,5 | 3,6 | 3,5 | 2,8 | 2,6 | 2,2 | 1,4 | 1,4 |
| 6. | Лахш (Ҷиргатол) | 6,4 | 6,9 | 6,5 | 6,3 | 7,7 | 6,9 | 4,4 | 4,2 | 3,9 | 4,8 |

Чи тавре аз рақамҳои овардашуда маълум мегардад, дар **марҳалаи якум**, ки солҳои 1991-2000-умро дар бар мегирад, дар навоҳии минтақаи Рашт раванди кам шудани заминҳои кишт дида мешавад. Ин ба даврае рост меояд, ки аз як тараф, ҷанги шаҳрвандӣ идома дошта (то соли 1997), аз тарафи дигар, ба ҷойи собиқ хоҷагиҳои давлативу ҷамъиятӣ (колхозу совхозҳо ва ғ.) хоҷагиҳои нав – фермерӣ таъсис меёфтанд. Яъне, хоҷагиҳои минтақа акнун ба шароити нав мутобиқ мешуданд. Илова бар ин, қисми зиёди техникаи кишту кори колхозу совхозҳо ғорат шуда ё корношоям шуда буданд. Бешак, ин омилҳо дар кам шудани заминҳои кишт нақш доштанд[2]. Барои возеҳу равшан шудани вазъ аз ҳисоботи Раиси ноҳияи Тавилдара дар соли 1995 иқтибос меорем: “Имсол дар совхози Чилдара 41 га; совхози Ватан 172 га; совхози Миёнаду 85га; совхози ба номи Одинаев 135 га;

[1] Регионы Таджикистана. Государственный комитет статистики Республики Таджкистан. – Душанбе, 2001. – С.114.
[2] Мирзоев Д. Орду равған мерасад дигараш чӣ? / Д.Мирзоев // Қаротегин. – 1992. – №1. – С.3.

совхози ба номи Бодомаев 110 га; совхози ба номи Сухбат Зайдуллоев 39 га; ҷамъ 582 га замини обӣ кишт карда нашуд”[1].

Ин раванд танҳо хоси ноҳияи Сангвор набуда, дар ҳама навоҳии минтақа ба мушоҳида мерасад.

**Марҳалаи дуюм:** барқарорсозии заминҳои кишт, ки ба солҳои 2001-2008 рост меояд. Дар ин давра Ҳукумати мамлакат бо қабули барномаҳои алоҳида ва ҷалби сармояи хориҷӣ кӯшиш намуд, то пеши роҳи харобшавии заминҳои корамро гирад ва он заминҳои корношоямгаштаро дубора барқарор намуда, ба деҳқонон тақсим намояд. Дар ин давра қариб тамоми заминҳои корношоям дубора барқарор карда шуданд ва қадамҳои аввалин дар роҳи азхудкунии заминҳои нав гузошта шуд.

**Ниҳоят марҳалаи сеюм**, ки ба солҳои 2009-2021 рост меояд, дар натиҷаи азхудкунии заминҳои нав майдони заминҳои киштзор хеле афзоиш меёбад (ниг. ба ҷадвали зер)

**Ҷадвали №4**

**Заминҳои кишт дар ҳамаи категорияҳои хоҷагидории водии Рашт дар солҳои 2009-2018(бо шумораи га)[2]**

| № | Номи ноҳия | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ш. Роғун | 2691 | 2195 | 2214 | 2257 | 2318 | 2323 | 2301 | 2555 | 2602 | 1650 |
| 2. | Нуробод | 4705 | 4157 | 4722 | 4587 | 4605 | 4405 | 4503 | 4605 | 4568 | 4638 |
| 3. | Сангвор | 2860 | 2902 | 2766 | 2784 | 2809 | 2659 | 2668 | 2694 | 2711 | 2828 |
| 4. | Рашт | 8779 | 7183 | 7117 | 7648 | 8179 | 7032 | 7417 | 7069 | 7029 | 7029 |
| 5. | Тоҷикобод | 4890 | 5317 | 5317 | 5192 | 5145 | 1135 | 5118 | 5181 | 5153 | 5281 |
| 6. | Лахш | 102 | 480 | 7645 | 10192 | 9737 | 9560 | 9052 | 9050 | 8767 | 8997 |

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тавилдара Давлатов Ҳ. дар соли 1995 // Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Фонди.7. Номгӯйи.1. Бастаи.5. Вараќи.37. (Минбаъд ФБМДҶТР. Ф.1. Н.1.Б.69.В.5.).

[2] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – С.143. Минтақаҳои Тоҷикистон. –Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. – С.34-44; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С.56-66; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.135–145; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010. – С.135–138; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008. –С.104-108.

Чӣ тавре рақамҳои оморӣ далолат мекунанд дар ин марҳала майдони заминҳои кишт хеле зиёд гардид. Чунончӣ: агар соли 2000 дар ноҳияи Нуробод 1300 га заминҳои кишт мавҷуд бошад, соли 2018 он ба 4638 га расонида шуд. Ин раванд ба дигар ноҳияҳои минтақа низ хос буд. Масалан, дар ноҳияи Рашт агар соли 2000-ум 2 ҳазор га замини кишт ба қайд гирифта шуда бошад, дар соли 2011 он ба 7029 га (ҳоло 7670), дар ноҳияи Тоҷикобод аз 1400 га ба 5281 га, дар ноҳияи Сангвор аз 300 га ба 2828 га, Лахш аз 4800 га ба 8997 га(ҳоло 5305 га) расонида шуд[1].

Ҳамин тавр, шумораи заминҳои кишт дар ноҳияи Нуробод соли 2018 дар муқоиса ба соли 2000-ум қариб 3,5 баробар, Рашт 3,6 баробар, Тоҷикобод 3,8 баробар, Сангвор 9,2 баробар Лахш 1 баробар зиёд гардиданд[2]. [3].

Афзудани микдори заминҳои кишт пайомади хуб аст. Ҳамин аст, ки дар баъзе аз навъҳои маҳсулот кишоварзони минтақа на танҳо талаботи аҳолии маҳаллиро қонеъ мекунанд, балки онро ба минтақаҳои дигар ва хориҷи кашвар содир менамоянд. Бешак яке аз омилҳои асосии зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус дар манотиқи кӯҳии мамлакат, аз зиёд намудани заминҳои кишт, азхудкунии заминҳои талу теппаҳо, вобастагӣ дорад. Дар шароити Тоҷикистон рушди соҳаи кишоварзӣ кафили амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад. Ин масъала ҳамеша дар маркази диққати Сарвари давлат ва Ҳукумати мамлакат қарор дошт ва дорад.

Дар яке аз суханрониҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба аҳаммияти соҳаи кишоварзӣ дар рушди соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат сухан гуфта таъкид намуд: «Дар раванди ислоҳот ба соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз соҳаҳои муҳимми иқтисодии кишвар аҳаммияти

---

[1] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. –Душанбе, 2019. – С.143.

[2] Ин рақамҳо дар 3 соли охир чандон тағйир наёфтанд.

[3] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2021-2025. Нуробод, 2021. С.14.

аввалиндарача дода мешавад, зеро ҳифзи амнияти озуқаворӣи мамлакат аз сатҳи рушди ин соҳа вобастагии амиқ дорад»[1].

Баъди истиқлолияти давлатӣ дар ҷумҳурӣ тарзи нави хоҷагидорӣ, мувофиқ ба иқтисоди бозорӣ шакл мегирифт, ки барои он заминаҳои ҳуқуқӣ фароҳам овардан зарур буд. Пеш аз ҳама Қонун «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ», ки 21 феврали соли 1991 қабул шуда буд, ба соҳаи кишоварзӣ низ рабт дошт. Инчунин, 5 марти соли 1991 Шӯрои Олӣ Қонун «Дар бораи ислоҳоти замин»-ро қабул намуд, ки қадами бузурге дар самти ислоҳоти замин ва умуман кишоварзӣ буд[2]. Қонуни зикршуда зарурати қабули Кодекси нави заминро дар мамлакат ба миён овард, ки шаклҳои нави заминдориро, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ ҷавобгӯй буданд, ба ҳукми қонунӣ медаровард.

Ҳамин тавр, 13 марти соли 1996 Кодекси нави замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки мувофиқи он заминҳо бо назардошти таъиноти мақсаднокашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешуданд: а) заминҳои таъиноти кишоварзӣ; б) заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳру деҳот ва дигар минтақаҳои аҳолинишин); в) заминҳое, ки барои соҳаи саноат, мудофиа, нақлиёт, алоқа ва ғайра ҷудогардида; г) заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ, солимгардонӣ; д) заминҳои фонди давлатии об ва ҷангал; е) заминҳои захираи давлатӣ[3].

Мувофиқи қонунгузории замин тағйири як шакли замин ба шакли дигар танҳо салоҳият дар Ҳукумат буда, соҳиби замин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Дар қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон заминҳои кишоварзӣ гуфта, заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, заминҳои партов, заминҳои алафдарав ва чарогоҳҳо, инчунин заминҳое, ки

---

[1] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати иди Сада [манбаи электронӣ].www.mao.tj (санаи муроҷиат:10.12.2019).

[2] Ба қонуни мазкур солҳои 1994-1995 тағйиру иловаҳо ворид намуданд.

[3] Ба матни Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 23 соли 1996, мод. 351) тағйиру иловаҳои қабулшуда (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997, № 23-24, мод. 333; соли 1999, № 5, мод.59; соли 2001, № 4, мод.176; соли 2004, № 2, мод.55; №3, мод. 190; соли 2006, №7, мод. 347; соли 2008, №1 қ2 мод.22, соли 2008, №6, мод.463.; с. 2011, №3, мод. 171; Қонуни ҶТ аз 01.08.2012с., №891) ворид карда шудаанд.

дар онҳо роҳҳои дохилӣ-хоҷагӣ, коммуникатсияҳо, обанборҳо, иншооти гидротехникӣ ва биною иморатҳо воқеъ буда, барои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва коркарди аввали маҳсулоти кишоварзӣ истифода мешаванд, фаҳмида мешавад[1].

Яке аз иқдомҳои ҷиддӣ дар роҳи ислоҳоти замин ва тақсими одилонаи он, ки бо ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон амалӣ гардид, ин таъсиси «Заминҳои президентӣ» буд. Ин иқдом, ки мақсадаш тақсими замин ба хоҷагиҳои хусусӣ ва ба ин васила зиёд намудани маҳсулоти кишоварзӣ буд, барои минтақаҳои кӯҳистон, хосатан водии Рашт аҳаммияти калон дошт.

Солҳои 1995 ва 1997 ду фармони Президенти мамлакат баромад, ки мувофиқи онҳо 75 ҳазор га замин барои хоҷагиҳои ёрирасони шаҳрвандон ҷудо карда шуд. Мувофиқи ин фармонҳо ташкилоти дахлдори ҷумҳурӣ ва ноҳияҳои минтақаи Рашт вазифадор шуданд, ки миқдори муайяншудаи заминҳо (обӣ ва лалмии киштбоб)-ро ҳарчи зудтар барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ҷудо намоянд[2]. Яке аз бандҳои асосии фармонҳои мазкур дар он буд, ки ашхоси дорои «Заминҳои президентӣ» ҳуқуқи дар ин заминҳо хонаи истиқоматӣ бунёд кардан, агар боғу токзор бошад онҳоро буридан ва умуман ғайримақсаднок истифода бурданро манъ мекард. Дар сурати рӯй додани чунин ҳолатҳо замин мусодира карда мешуд[3]. Чи тавре мушоҳида шуд ҳадафи ҳукумат танҳо бо роҳи қонунӣ ва самаранок истифода бурдани замин буда, ба ин васила беҳдошти рӯзгори мардум ва таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ба ҳисоб мерафт. Ин иқдом аз як тараф раванди хусусигардониро ҷоннок намуда, аз тарафи дигар барои ислоҳоти кишоварзӣ (аграрӣ) мусоидат намуд[4].

**Барҳам додани сохтори Шӯравии кишоварзӣ.** Ба шароити иқтисоди бозорӣ шакли хоҷагиҳои дар замони Шӯравӣ ташаккулёфта: коллективӣ ва

[1] Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе; 2010. - С.8-18.
[2] Абдурашитов Ф. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XX1 / Ф.Абдурашитов. - Душанбе, 2020.– С.5.
[3] Маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба замин. - Душанбе; 2008. – С.261.
[4] Муродов С. Иҷора ягона роҳи раҳоӣ аз бухрон //Қаротегин. 1992. №26. 27-уми март. – С.1.

давлатӣ (колхоз, совхоз, ва ғ.) ҷавобгӯй набуданд аз ин рӯ зарурати ислоҳоти онҳо ба миён омада буд. Бо сабаби вазъи мураккаби сиёсии кишвар то соли 1996, қариб дар ин самт коре анҷом дода нашуд. Танҳо 25 июни соли 1996 Фармони Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи ислоҳоти ташкилоту корхонаҳои кишоварзӣ» баромад, ки ҳадафи асосии он ҳамоно самаранок истифода бурдани замин ва захираҳои обии мамлакат буд. Дар асоси фармони мазкур Кумитаи захираҳои замин ва заминсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд[1]. Дар фармон, инчунин таъкид шуда буд, ки ташкилоту корхонаҳои собиқ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ-фермерӣ ва дигар хоҷагидорие, ки ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқ аст, табдил дода шаванд[2].

Раванди ислоҳоти кишоварзиро дар ҷумҳурӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар пурра намуданд. Аз ҷумла, мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июни соли 1998 барои пайдо кардани ҳуқуқи истифодаи замин», «Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин» ва «Шаҳодатнома ба саҳми замин» муқарар гардид. Тимсоли фармони мазкур чандин қарору фармонҳои дигар аз ҷониби Президент, Ҳукумат ва вазорату идораҳои дахлдори мамлакат қабул гардиданд, ки ба ислоҳоти замин ва умуман хоҷагидорӣ равона шуда буданд[3].

Дар асоси ҳуҷҷатҳои қабулшуда колхозу совхозҳо ва дигар хоҷагиҳои замони Шӯравӣ аз байн рафтан гирифтанд. Барои мисол, агар соли 1991 дар ҷумҳурӣ 362 совхоз, 206 колхоз ва 19 межхоз ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар соли 2005 шумораи совхозҳо ба 46, колхозҳо 12 ва межхозҳо ба 3

---

[1] Аз 14 марти соли 2001 ба Кумитаи давлатии заминсозии ҶТ табдили ном кард.

[2] Абдурашитов, Ф.М. Земельно-водная реворма в Таджикистане в конце XX - начале XX1 вв. / Ф.М. Абдурашитов. –Душанбе:Промэкспо, 2018. -С.46-56.

[3]Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012-2015 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.03.2012,№94); Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 1.08.2012,№383); Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014 (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 28.05.2009, №297); Қонуни ҶТ аз 29 декабри соли 2010, № 671 “Дар бораи амнияти озуқаворӣ”ва ғ.

адад расиданд. Соли 2010 дар ҷумҳурӣ охирин колхозу совхозҳо низ барҳам дода шуданд[1].

Ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам навоҳии минтақаи Рашт рафти ислоҳоти замин (кишоварзӣ) аз камбудӣ ва хатогиҳо орӣ набуд. Дар рафти барҳамдиҳии ташкилоту корхонаҳои Шӯравӣ ғорати моликияти давлатӣ, ғасби заминҳо, ба дасти ашхоси сарватманд гузаштани замин, роҳ додан ба омилҳои коррупсионӣ дар рафти тақсими замин барин масъалаҳо як чизи маъмулӣ буданд. Масалан, то барҳам додани колхозу совхозҳо қисми зиёди моликияти онҳо: техника, чорво ва дигар таҷҳизоти зарурӣ, ғорат карда мешуд[2].

Тавер, ки хотирнишон шуд як омили ба амал омадани буҳрони озуқаворӣ дар минтақаи Рашт ин ғорати молу ашё ва техникаи хоҷагии қишлоқ буд, ки аз тарафи ашхоси ҷудогона, бахусус масъулон сурат мегирифт. Барои тасдиқи фикри худ мехостем мисоле аз ҷаласаи вакилони ноҳияи Сангвор (он вақт Тавилдара)-ро, ки 24 марти соли 1995 баргузор гардида буд, биёрем. Ҳангоми муовини Раиси ноҳияи Сангвор интихоб намудани Девлохов С. вакили мардумӣ Ҷумаев Т. ба ӯ чунин савол медиҳад: «То охири соли 1993 дар совхози Миёнаду зиёда аз 2 ҳазор чорвои калони шохдор, 250 оилаи занбӯр ва 70 сар гӯсфанд вуҷуд дошт, ки ҳоло аз онҳо чизе боқӣ намондааст. Муҳтарам Девлохов С. шумо он вақт роҳбари ин совхоз будед, бигӯед, ки онҳо куҷо шуданд?»[3]. Ё дар баромади прокурори ноҳия таъкид мешавад, ки «дар давоми солҳои охир (1992-1995) хоҷагиҳои ноҳия тафтиш карда нашудаанд. Дар ноҳия ҳатто ревизори соҳаи кишоварзӣ вуҷуд надорад»[4].

Ин далелҳо собити оананд, ки дар минтақаи Рашт мақомҳои дахлдори ҳокимият қариб фаъолият надоштанд ва амалиёти ҷангӣ, ки дар бештари

---

[1] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. - Душанбе: Дониш, 2016. –С.157.
[2] Абдурашитов Ф. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XX1 / Ф.Абдурашитов.- Душанбе, 2020. - С. 196-234.
[3] Баромади Раиси ноҳияи Тавилдара дар Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 24.03.1995 (Протоколи №1) //Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Фонди.7. Номгӯйи.1. Бастаи .5. Вараќи. 5 (Минбаъд БМДҶТНР. Ф.1 Н.1.Б.69.В.1.).
[4] Иҷлосияи якуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара аз 24.03.1995 //Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт. Ф.7. Н.1. Б.7. В.4.

навоҳии минтақа сурат мегирифт, бесарусомонӣ ва ғорати моликияти давлатиро дучанд намуд. Ин ҳолат зарбаи сахте ба соҳаи кишоварзӣ ва умуман иқтисодиёти минтақа буд, ки барқарорсозӣ ва ислоҳи он муҳлати зиёдро талаб мекард.

Дар баробари ин, раванди ислоҳоти кишоварзӣ дар минтақаи Рашт мушкилоту монеаҳои ба худ хос дошт. Масалан, агар дар замони Шӯравӣ колхозу совхозҳо аз тарафи давлат бо техника, маблағ, нуриҳои минералӣ ва ғайра таъмин мешуданд, акнун ин масъулият бар дӯши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) буд. Солҳои 90-ум агарчӣ як қисми ками ин хоҷагиҳо тавонистанд ба шароити нав мутобиқ шуда, фаъолияти худро пеш баранд, аммо қисми зиёди онҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ шуданд[1].

**Хоҷагиҳои деҳқонӣ.** Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» «Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) субъекти хоҷагидории мустақилест, ки фаъолияти худро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ гардонида, ба меҳнати шахсии як нафар ё аъзои оила, шахсони дигар, ки маҳсулоти кишоварзиро якҷоя истеҳсол мекунанд, асос ёфта, заминаи онро қитъаи замин ва амволи дигари ба аъзои хоҷагии деҳқонӣ тааллуқ дошта ташкил медиҳад»[2].

Қонуни мазкур ба ҳама шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳуқуқ медиҳад, ки ҳоҷагии деҳқонӣ ташкил намоянд, сохтор ва шакли истеҳсолотро бо назардошти манфиатхояшон, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, муайян намоянд. Инчунин қонун меъёри дигар, дахолати мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онро ба хоҷагии деҳқонӣ манъ кардааст[3]. Аз рӯйи ин меъёрҳои конститутсионӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки давлат манфиати хоҷагидоронро дар мадди аввал мегузорад. Новобаста ба ин, дар солҳои аввали ислоҳот он бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ хеле суст пеш мерафт. Гарчанде оғози ташкилшавии хоҷагиҳои фермерӣ (деҳқонӣ) дар

---

[1] Самадов С. Муносибати навоварона лозим аст //Қаротегин. 1992. №1. 1-уми январ.– С.3-4; Кадыров А. Реформа прошла с ошибками //Азия-Плюс. 2007. 25 январ.- С.3.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 10 майи соли 2002 [манбаи электронӣ]. www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 23.03.2018).
3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 10 майи соли 2002 [манбаи электронӣ]. www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 23.03.2018).

ҷумҳурӣ аз соли 1990 оғоз шуда бошад ҳам, то соли 1992 аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият дароварда нашуда буд. Илова бар ин, чи тавре дар боло ишора шуд бо сабаби вазъи мураккаби сиёсӣ дар мамлакат суръати ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ хеле суст пеш мерафт. Аз ҷумла, дар минтақаи Рашт ҳамагӣ 22 хоҷагии деҳқонӣ мавҷуд буд. Замини дар ихтиёри онҳо гузошташуда 1343 гектарро ташкил медод.

Тибқи нақшаи ислоҳоти кишоварзӣ дар ноҳияи Сангвор соли 2012 462 хоҷагии деҳқонии фермерӣ ва ду ассотсиатсияи занбӯри асалпарварӣ ба қайд гирифта шуд.

Агар раванди бунёди хоҷагиҳои деҳқониро, ки қисми муҳимми ислоҳоти кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, таҳлил намоем пас мушоҳида хоҳем кард, ки ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар водии Рашт дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ, он хеле суст суръат мегирифт. Барои мисол дар ҷумҳурӣ агар шумораи чунин хоҷагиҳо соли 1992 31 ададро ташкил дода бошад, дар соли 1993 ба 35 адад расиданд. Аммо бо беҳ шудани вазъи сиёсии мамлакат ва фароҳам омадани шароити осоишта дар ин раванд марҳалаи нав оғоз ёфт. Барои мисол, соли 2005 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 23 101 ададро ташкил медоданд, ки теъдоди онҳо соли 2010 ба 51372 расиданд.

**Ҷадвали №5**

**Маълумот дар бораи шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонии навоҳии водии Рашт то ҳолати 1.03.2016**[1]

| № Р/т | Шахру ноҳия | Шумораи хоҷагиҳо | Соли 2016 | Ҳамагӣ | Шумораи саҳмдорон | Аз ҷумла, занҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Роғун | 1067 | - | 1067 | 1844 | 121 |
| 2. | Рашт | 2536 | 14 | 2550 | 1033 | 85 |
| 3. | Нуробод | 915 | - | 662 | 1632 | 204 |
| 4. | Лахш | 1600 | | 1600 | | |
| 5. | Тоҷикобод | 1315 | | 1315 | | |
| 6. | Сангвор | 515 | | 515 | | |

[1] Абдурашитов Ф. Таърихи ислоҳоти аграрӣ дар Тоҷикистон дар охири асри XX – ибтидои асри XX1 / Ф.Абдурашитов. – Душанбе, 2020. – С.193-195.

Агар раванди таъсиси хоҷагиҳои фермериро дар водии Рашт дақиқ таҳлил кунем, пас мушоҳида хоҳем кард, ки ба афзудани хоҷагиҳои фермерӣ омилҳои зерин мусоидат кардаанд:

- Бо имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва фароҳам омадани шароити осоишта, имконият барои таъсиси хоҷагиҳои деҳқонӣ ва умуман барои рушди соҳаи кишоварзӣ низ ба вуҷуд омад;

- Дар ибтидои ислоҳот мардуми одӣ моҳияти онро хуб дарк накарда буданд ё онро ба таври манфӣ арзёбӣ мекарданд. Оҳиста-оҳиста моҳияти онро дарк намуда, ба шакли нави хоҷагидорӣ-фермерӣ эътимоду бовариашон бештар гардид;

- Омили дигар ҷанбаи молиявӣ дошт, зеро барои ташкил ва ба роҳ мондани хоҷагии деҳқонӣ маблағ, техника ва тухмӣ зарур буд. Дар ибтидо аксари деҳқонони минтақа ин имкониятро надоштанд, зеро дар натиҷаи ҷанг бештари онҳо хонахароб гардида буданд. Баъдтар қарзҳои бонкӣ ва дигар кӯмакҳои давлатӣ, ки бо мақсади дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ равона шуда буданд, бештар мегардад. Дар натиҷа шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ рӯ ба афзоиш овард;

- Дар ибтидо аксари заминҳое, ки ба деҳқонони водии Рашт, барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ дода шуданд, заминҳои лалмӣ, махсусан талу теппаҳо буданд, аммо баъдтар ин камбудӣ ислоҳ карда шуд;

- Омили дигар ин муҳоҷирати иҷбории аҳолии минтақа мебошад. Дар баъзе маҳалҳо аз нарасидани қувваи корӣ заминҳо якчанд сол бе кишт монданд. Баъди фароҳам омадани шароити осоишта ва баргаштани аҳолӣ ба маҳалли зисташон хоҷагиҳои деҳқонӣ низ марҳала ба марҳала бештар гардиданд.

Ба вуҷуд овардани базаи зарурии ҳуқуқӣ, шакли нави хоҷагидории (фермерӣ)-ро ба расмият даровард. Дар ибтидо ин вуҷуд надошт ва оҳиста-оҳиста чунин санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор қабул гардиданд[1].

Ислоҳоти гузаронидашуда дар соҳаи кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ озодии интихоби истеҳсол ва фурӯши зироатҳои кишоварзиро дод. Дар бисёр ҷойҳо амалӣ намудани гузаронидани кишти такрорӣ дар заминҳои обӣ, инчунин ҳалли масъалаи қарзи хоҷагиҳои пахтакор иқтидори соҳаро хеле афзун намуд.

Гузариш ба шакли нави муносибатҳои иқтисодӣ ва ташкил намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии амвол ба тағйироти куллӣ дар соҳаи кишоварзӣ оварда расонид. Саҳми бахши хусусӣ дар рушди соҳаи кишоварзӣ афзун гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷумҳурӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ афзоиш ёфта, истеҳсоли он дар соли 2010 нисбат ба соли 1991 3,2 маротиба зиёд гардид[2].

Бисёр масоили муҳимми сиёсати кишоварзӣ дар санаду қонунҳои то соли 2010 қабулгардида, баррасии ҷиддӣ нашуда буданд. Масалан, номуайянии модели рушди минбаъдаи соҳаи кишоварзӣ, ки дар бахши иқтисодӣ афзалиятнок эътироф шудааст. Бо ин мақсад 1 августи соли 2012 бо Қарори Ҳукумати ҶТ (№383) барномаи «Ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» дар асоси ҳуҷҷатҳои стратегии дар ҷумҳурӣ қабул шуд, аз ҷумла: Ҳадафҳои Рушди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2010-2012, Барномаи амнияти озуқаворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра қабул гардид.

---

[1] Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи совети депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол С. Самадов "Доир ба плани тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои соли 1992" - Ф.6. Н.1. Б.71. В.1-10; Ҳисоботи Ҳукумати ноҳияи Дарбанд дар соли 1997 //Ф.5. Н.2. Б.129. В.1-14; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тавилдара дар соли 1999 //Ф.7. Н.1. Б.14. В.101-128; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Абдуҷабборов Т. дар давраи ҳисоботии соли 1998// Ф.2. Н.6. Б.94. В.26-58.

[2] Барномаи ислоҳоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-218. – Душанбе, 2012. – 51 с.

Аз ин рӯ, қабули стратегияву барномаҳои мазкур дар роҳи ислоҳот ва бартараф сохтани камбудӣ ва мушкилоти ҷойдошта нақши муассир гузоштанд. Дар онҳо дигаргуниҳои куллиеро, ки солҳои охир дар сиёсати макроиқтисодӣ ва вазъи иҷтимоию иқтисодии бахши кишоварзӣ, таъсири равандҳоеро, ки дар бозори ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, ё омилҳое, ки ба буҳрони ҷаҳонӣ рабт доштанд ба назар гирифта шудаанд.

Имрӯз сафи хоҷагиҳои деҳқонӣ низ дар ҳоли афзоиш қарор дошта, саҳми онҳо дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии минтақа назаррас аст. Масалан, аз рӯйи ҳисоботи соли 2020-2021 шумораи хоҷагиҳои фермерӣ дар ноҳияи Рашт 2892, Сангвор 558 ва Лахш 1716 ададро ташкил доданд, ки нақши онҳо дар таъмини амнияти озуқаворӣи минтақа хеле калон аст[1].

**Техникаи кишоварзӣ.** Бешак дар шароити имрӯза самаранокии маҳсулоти кишоварзӣ аз сатҳи истифодабарии дастовардҳои илми соҳа, бо техника ва нуриҳои минералӣ таъмин будани он марбут аст. Мутаассифона, масъалаи бо техникаи муосир таъмин кардани соҳаи кишоварзӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақаи Рашт хело ташвишовар аст. Барои исботи фикри хеш мехостем далелҳои зеринро биёрем: соли 1990 дар ҷумҳурӣ 37 537 адад тракторҳо мавҷуд буд, ки аз инҳо танҳо 15% корношоям буданд. Соли 2002 миқдори умумии тракторҳо 22 792 ададро ташкил медоданд, ки 55% онҳо корношоям буданд. Яъне, соли 2002 дар муқоиса ба соли 1990 шумораи тракторҳо 1,7 баробар ва тракторҳои коршоям ду баробар кам шудааст. Ин мисолҳо хоси тамомӣ ҷумҳурӣ буд. Дар минтақаи Рашт имрӯз низ ҳолати камшаваии тракторҳо мушоҳида мешавад. Аз тарафи дигар, бештари хоҷагиҳои деҳқонии минтақаи Рашт аз нарасидани техникаи нави соҳаи кишоварзӣ танқисӣ мекашанд. Сабаб дар он аст, ки то имрӯз дар дохили кишвар бевосита ягон навъи техникаи кишоварзӣ истеҳсол карда намешавад. Аз тарафи дигар, нархи чунин техникаҳо дар хориҷи кишвар хеле гарон аст, ки на ҳама хоҷагиҳои деҳқонӣ онро харидорӣ карда

[1] Соҳибназаров С. Ислоҳотро маҷрои тоза бубахшем / С.Соҳибназаров // Оинаи Рашт. – 2012. – №17. – С.3; Соҳибназаров С. Рушди соҳаи кишоварзӣ талаботи замон / С.Соҳибназаров // Мавҷи Хингоб. – 2018.– № 8. – С.4.

метавонанд. Маҳз бо ҳамин сабаб муҳлати шудгори заминҳо ба ҷойи 15-20 рӯз аз 1 то 2 моҳ тӯл мекашад[1]. Албатта чунин коркарди замин ба ҳосилнокии он низ бе таъсир намемонад.

Ҳукумати мамлакат барои бартараф кардани ин мушкилот баъзе чораҳо андешид, ки ташкили Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии «Тоҷикагролизинг» соли 2007, аз ҷумлаи онҳост. Барои ба техникаи кишоварзӣ таъмин кардани хоҷагиҳои деҳқонӣ дар 33 шаҳру навоҳии мамлакат филиалҳои ин муассиса кушода шудааст. Мувофиқи низомномаи ин корхона хоҷагиҳо баъди пардохти маблағи иҷора ҳуқуқ доранд онро хусусӣ гардонанд. Дар такя ба ҳисоботи оморӣ соли 2015 дар мамлакат 18331 адад тракторҳои универсалӣ ва 1773 комбайни ғалладарав намерасад[2]. Ин далелҳо бори дигар собит месозанд, ки мушкилот ва монеаҳои яке аз соҳаҳои асосии хоҷагии халқ–кишоварзӣ ҳамоно зиёданд ва ин камбудӣ ва монеаҳо бештар дар манотиқи кӯҳистон ба чашм мерасанд.

**Истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар минтақа.** Дар соҳаи кишоварзии минтақаи Рашт истеҳсоли ғалла ва картошка мақоми асосиро ишғол менамояд, зеро иқлими он барои парвариши ин маҳсулотҳо мусоид аст. Баръакс, истеҳсоли пахта, ки хоси аксар минтақаҳои ҷумҳурӣ аст, дар иқлими водии Рашт ғайриимкон аст. Истеҳсоли ғалла ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар минтақаи Рашт ҷойи асосиро ишғол мекунад. Дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ғалла ба кишвари мо аз ҷумҳуриҳои дигари иттифоқӣ ворид мешуд, аммо бо заволи Давлати Шӯравӣ ҷумҳурӣ ба мушкилоти норасоии ғалла дучор шуд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ амнияти озуқавории ҷумҳурӣ аз истеҳсоли ғалла сахт вобастагӣ дошт ва имрӯз низ дорад. Агар рақамҳои омориро таҳлил намоем, мебинем, ки дар солҳои

---

[1] Дар бораи ҳисоботи Ҳукумати ноҳияи Ғарм дар давраи ҳисоботии соли 1996 //Ф.2. Н.6. Б.66. В.24-31; Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи совети депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол С. Самадов "Доир ба плани тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои соли 1992 ва вазифаҳо барои соли 1993"//Ф.6. Н.1. Б.96. В.32-41;Муродов С. Иҷора ягона роҳи раҳоӣ аз бӯҳрон //Қаротегин. 1992. №26. 27-уми март. *С.1.

[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. - Душанбе: Дониш, 2016. – С.180.

аввали соҳибистиқлолӣ кишвар дар истеҳсоли ғалла ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шудааст.

Тибқи маълумоти иқтисодчиёни кишвар талабот ба ғалла дар ҷумҳурӣ 1,5 млн тонна буд, аз ин 1 млн барои хӯроквории ва 500 ҳазор барои чорво. Аммо дар мамлакат соли 1994 дар маҷмуъ 220 ҳазор тонна ғалла истеҳсол шуда буд, ки дар таърихи Тоҷикистони муосир ҳосили пасттарин дониста мешавад. Ин нишондод соли 1990 318 ҳазор тонна ва 1991 304,3 ҳазор тоннаро ташкил дода буд. Ин аҳвол ба водии Рашт низ марбут буд, зеро яке аз омилҳои асосии боло бурдани ҳосили ғалла ин бештар ҷудо кардани заминҳои кишт буд. Аммо дар минтақа ин масъала дар ҳоли ногувор қарор дошт.

Ба мушкилоти норасоии ғалладона нигоҳ накарда дар солҳои 90-ум дар водии Рашт шумораи заминҳои кишти ғалла майл ба камшавӣ доштанд ва ё бетағйир монданд. Барои мисол, дар ноҳияи Рашт агар дар соли 1991 миқдори заминҳои кишти ғалладона (ҳама намуди он) 1700 га ташкил дода бошанд, дар соли 2000 он 500 га коҳиш ёфта ба 1200 расид. Ин нишондод дар ноҳияи Лахш аз 1800 га соли 1991 дар соли 1999 ба 1000 га кам гардид. Дар ноҳияҳои дигар гарчанде зиёдшавии заминҳои кишти ғалладона мушоҳида мешавад, аммо ин афзоиш ночиз буд. Барои мисол дар ноҳияи Сангвор шумораи заминҳои ғалладона аз 100 га соли 1991 дар соли 2000-ум ба 200 га, дар ноҳияи Тоҷикобод аз 1000 ба 1400 га, дар ноҳияи Нуробод аз 300 га ба 400[1] га зиёд гардид[2].

Чи тавре мушоҳида мешавад миқдори заминҳои кишти ғалла дар минтақа хеле кам буда, дар баъзе ноҳияҳо рӯ ба пастравӣ (Рашт ва Лахш) дорад. Дар ноҳияҳои дигар ба миқдори ночиз, ки талаботи рӯзафзуни мардумро қонеъ карда наметавонист, афзоиш ёфтанд.

Ин ҳолат ба истеҳсоли ғалла ва ғалладона бетаъсир монда наметавонист. Чунончӣ: агар соли 1995 дар ҳама навоҳии водии Рашт 5258 тонна ғалла истеҳсол шуда бошад, соли 1999 ин шумора бо ҳаҷми 2188 тонна коҳиш ёфта, ба 3070 тонна расид[3]. Дар охири солҳои 90-ум гарчанде дар сатҳи ҷумҳурӣ

[1] Дар ноҳияи Нуробод ин шумора соли 1998 ба 2000 гектар расида буд.
[2] Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при Правительстве Республики Таджикистан. - Душанбе, 2001. - С.135.
[3] Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при Правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000.- С.123.

истеҳсоли ғалла рӯ ба беҳбудӣ оварда бошад ҳам, аммо дар минтақаи Рашт он майли камшавӣ дошт. Омили он агар аз як тараф сурат гирифтани амалиёти ҷангӣ дар минтақа бошад, аз тарафи дигар аз хароб шудани заминҳои кишт ва коҳиш ёфтани истеҳсоли ғалла ва ғалладона вобастагӣ дошт.

Барои ноил гардидан ба таъминоти пурраи маҳсулоти ғаллаи ватанӣ пеш аз ҳама зарур аст, ки ҳосилнокӣ дар соҳа баланд бардошта шавад. Вале аксари майдонҳое, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои кишти ғалла ҷудо карда мешуданд заминҳои камҳосил ва лалмӣ буданд. Барои мисол, соли 1994 барои кишти ғалла 300 ҳазор га замин ҷудо карда шуд, ки 23%-и заминҳои корамро ташкил мекард. Илова бар ин, аз 300 ҳазор га замин 60 %-ро заминҳои лалмӣ ташкил медоданд. Маҳз барои ҳамин дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ масъалаи норасоии ғалла ва ғалладона яке аз мушкилоти асосии кишвар гардид.

Минбаъд ин камбудӣ ислоҳ гардида, сол то сол аз ҳисоби заминҳои обӣ миқдори заминҳои кишти ғалла ва ғалладона низ зиёд карда шуд. Ин омили зиёд гардидани ғалла ва ғалладона дар солҳои минбаъда гардид. Дар бораи зиёд шудани заминҳои кишти ғалла дар водии Рашт, ки боиси бештар истеҳсол шудани ғалла гардид, маълумоти ҷадвали зерин гувоҳӣ медиҳанд:

**Ҷадвали №6**

**Кишти заминҳои ғалладона дар водии Рашт ба ҳисоби гектар[1]**

| № | Номи ноҳия | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Нуробод | 3282 | 2299 | 2737 | 2332 | 2215 | 1931 | 1882 | 1895 | 1849 | 1858 |
| 2. | Сангвор | 1759 | 1848 | 1839 | 1841 | 1845 | 1718 | 1723 | 1648 | 1678 | 1489 |
| 3. | Рашт | 5993 | 4301 | 2408 | 2563 | 2746 | 2007 | 2119 | 2614 | 2826 | 2463 |
| 4. | Тоҷикобод | 2706 | 2768 | 2775 | 2388 | 2390 | 2183 | 2332 | 2340 | 2307 | 2130 |
| 5. | Лахш | 1309 | 1875 | 2388 | 2260 | 2286 | 2242 | 2168 | 2213 | 1687 | 1311 |

[1] Минтақаҳои Тоҷикистон. – Душанбе : Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. – С.123-127; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2018. – С.104-114;Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2017. – С.111-135; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2010. – С.135-138; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2008. – С.104-108.

Гарчанде шурӯъ аз соли 2000-ум дар водии Рашт истеҳсоли ғалла рӯ ба афзоиш овард, аммо то имрӯз суръати афзоиш ноустувор аст. Вазъи истеҳсоли ғалла дар ҳама ноҳияҳои минтақа якранг набуда, онҳо дар вазъияти гуногун қарор доранд. Барои инъикоси вазъ ҷадвали зерин мисол шуда метавонад.

**Ҷадвали №7**

**Истеҳсоли ғалла дар ҳама шакли хоҷагиҳо (бо ҳаҷми тонна)**[1]

| Номи ноҳия | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нуробод | 3624 | 3774 | 2478 | 3087 | 5021 | 2858 | 3333 | 2918 | 2954 | 2540 | 2393 | 2662 | 2429 | 2511 |
| Сангвор | 1975 | 2060 | 2395 | 3335 | 4819 | 4888 | 4902 | 5130 | 5164 | 5199 | 4206 | 5138 | 5184 | 5197 |
| Рашт | 9473 | 9263 | 8881 | 11039 | 6826 | 7051 | 3623 | 4192 | 4868 | 4800 | 4914 | 5871 | 6464 | 6151 |
| Тоҷикобод | 6450 | 6720 | 6755 | 7107 | 5658 | 5800 | 4995 | 4605 | 5294 | 5051 | 5386 | 5435 | 5369 | 4953 |
| Лахш | 1801 | 16042 | 990 | 1155 | 1946 | 3277 | 4277 | 4327 | 5429 | 5669 | 5459 | 5666 | 3777 | 2739 |

Чи тавре мушоҳида мешавад дар баъзе ноҳияҳо солҳои 2005-2008 нуктаи кулминатсионӣ дар истеҳсоли ғалла ба ҳисоб меравад. Таҳлили ҳолати хоҷагиҳои ғаллакор аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳанӯз дар ин соҳа камбудиҳо зиёданд. Масалан, соли 2003 дар навоҳии водии Рашт ба ҳисоби миёна ҳосилнокӣ аз ҳар гектар замин барои ғалла 19,8 сентнериро ташкил дод. Ин нишондиҳанда хеле паст аст, зеро худи ҳамон сол хоҷагиҳои пешқадам дар ҷумҳурӣ аз ғалла 50-70 сентнерӣ ва ҷуворимакка 80-90 сентнерӣ ҳосил гирифтанд[2].

Новобаста аз мушкилот ва монеаҳои зикргардида истеҳсоли ғалла дар сатҳи ҷумҳурӣ соли 2014 нисбат ба солҳои 1990-1991 чор маротиба зиёд буд. Самараи ҳосилнокӣ низ 50% зиёд гардид, ки ин натиҷаи хуб аст.

Чи тавре дар боло зикр намудем, ин пеш аз ҳама ба зиёд шудани заминҳои обӣ ва ҳосилхез барои кишти ғалла вобастагӣ дошт. Имрӯз низ

[1] Ҷадвали мазкур дар асоси маводи зерин мураттаб шудааст: Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – С.123; Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С.128; Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – С.192.

[2] Солиев Х.Х. Мушкилоти рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2004.– №3. – С.13.

қариб нисфи ғаллаи ҷумҳурӣ аз хориҷи кишвар ворид карда мешавд. Аз рӯйи таҳлили иқтисодчиён Тоҷикистон бо сиёсати дурусти кишоварзӣ ва ба талаботи замон мутобиқ сохтани он имконият дорад, ки талаботи дохилии худро бо ғалла таъмин намояд.

**Картошкапарварӣ.** Картошкапарварӣ яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии водии Рашт ҳисоб ёфта, ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии мамлакат ва бо кори доимӣ дар деҳот таъмин намудани аҳолӣ нақши муҳим дорад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи картошкапарварӣ, дар қатори истеҳсоли ғалла ва ғалладона ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаистодааст. Ба монанди ғалла дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ як ҳиссаи талаботи аҳолии мамлакат аз ҳисоби картошкаи Русия таъмин карда мешуд. Аммо қисмати зиёди талаботи дохилиро ба картошка кишоварзони дохилӣ таъмин мекарданд. Масалан, соли 1990 дар ҷумҳурӣ 207 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шуд. Ҳосилнокӣ дар он сол аз ҳар гектар 143,4 –141,1 сентнериро ташкил медод.

Ба муҳиммияти соҳа дар амнияти озуқаворunion кишвар нигоҳ накарда, он дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба пастравӣ ниҳод. Аз ҷумла, соли 1996 дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 107,7 ҳазор тонна картошка истеҳсол карда шуд, ки ин натиҷаи пасттарин ба ҳисоб меравад. Шурӯъ аз соли 1997 истеҳсоли картошка дар мамлакат рӯ ба афзоиш оварда, соли 2005 истеҳсоли он ба 555 ҳазор тонна расонида шуд. Ин нишондод дар муқоиса ба соли 1991 3 маротиба зиёд аст[1].

Хосилнокии картошка аз ҳар гектар ба 196,2 сентнерӣ расонида шуд, ки дар муқосиса ба соли 1991 50% зиёд аст. Водии Рашт на танҳо дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ, балки дар солҳои истиқлолият аз зумраи минтақаҳое ба ҳисоб меравад, ки ҳиссаи бузурги истеҳсоли картошкаи дохилӣ ба он марбут аст. Ба монанди дигар навъи маҳсулоти кишоварзӣ дар водии Рашт

[1]Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи депутатҳои совети халқии ноҳияи Ҷиргатол Самадов Сайдаҳмад дар сессияи 12-ум, даъвати 21-уми Маҷлиси вакилони халқи ноҳия “Оид ба нақшаҳои хоҷагии халқ дар соли 1994”//Ф.6. Н.1. Б.118. В.40; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Дарбанд Ҳалимов Изатулло “Дар бораи ҳисоботи Ҳукумати ноҳияи Дарбанд дар соли 1998 ва вазифаҳо барои соли 1999”//Ф.5. Н.2. Б.134. В.1-15; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Абдуҷабборов Т. дар давраи ҳисоботии соли 1997 //Ф.2. Н.6. Б.75. В.16-29.

картошкапарварӣ низ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ анқариб рӯ ба нестӣ овард. Ҳаҷми истеҳсоли картошка дар ноҳияҳои асосии картошкапарвари минтақа – Рашт, Лахш ва Тоҷикобод ба маротиб кам гардид. Чунончӣ: дар ноҳияи Лахш аз 22935 тонна дар соли 1991 ба 284 тонна дар соли 1997, дар ноҳияи Тоҷикобод аз 10922 ба 7 тонна, дар ноҳияи Рашт аз 4724 тонна ба 214 тонна кам гардид[1].

Дар маҷмуъ, дар ҳама навоҳии водии Рашт ҳаҷми истеҳсоли картошка дар муддати шаш сол (1991-1997) аз 40068 тонна ба 524 тонна, яъне анқариб 9 баробар кам гардид. Аз таҳлили ҳуҷҷатҳои оморӣ пайдост, ки ин ҳолат то соли 2000-ум қариб бетағйир боқӣ монд. Баъди фароҳам омадани шароити осоишта дар водии Рашт Ҳукумати мамлакат барои ислоҳи вазъ корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Масалан, муайян кардани қарзҳои бефоиз ба хоҷагидорони картошкапарвар, ҷалби сармояи беруна ба соҳа, қабули барномаву стратегияҳои ҷудогона, ки ба рушди соҳа нигаронида шуда буданд, аз зумраи чунин иқдомҳо буданд.

Рушди соҳаро бе зиёд кардани ҳаҷми замини кишт таъмин кардан ғайриимкон буд. Бо ҳамин мақсад ҳамасола маблағҳои зиёд барои аз худ кардани заминҳои нав равона мешуданд, ки дар натиҷа шурӯъ аз соли 2005 шумораи заминҳои кишти картошка дар минтақа майл ба зиёдшавӣ доранд. Дар баробари ин 3 апрели соли 2012 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи давлатии рушди картошкапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016 қабул гардид, ки барои рушди соҳа заминаи мусоид фароҳам овард. Ҳадаф аз қабули ин барнома рушди соҳаи картошкапарварӣ, баланд бардоштани ҳосилнокӣ дар асоси рушди тухмипарварӣ, васеъ намудани майдонҳои кишти картошка ва ғ. иборат буд[2].

Ҳамин тавр, агар ҳаҷми заминҳои кишти картошка дар соли 1997 ҳамагӣ 300 гектарро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2007 ба 5067 ва дар

---

[1] Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при Правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – С.140.

[2] Барномаи давлатии рушди картошкапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016. - Душанбе, 2012.– 15 с.

соли 2018 ба 9345 га расонида шуд. Иқлим ва мавқеи ҷуғрофии водии Рашт барои картошкапарварӣ хеле мусоид аст. Аз ин рӯ қариб дар ҳама ноҳияҳои минтақа кишти картошка ба роҳ монда шудааст. Давоми солҳои 2009-2018 раванди васеъ кардани заминҳои кишти картошка, анқариб дар тамоми ноҳияҳои минтақаи Рашт ба чашм мерасид (ниг. ба ҷадвали зер).

**Ҷадвали №8**

**Миқдори заминҳои кишти картошка дар водии Рашт (ба ҳисоби гектер)[1].**

| № | Номи ноҳия | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Нуробод | 314 | 341 | 564 | 807 | 819 | 540 | 662 | 825 | 866 | 967 |
| 2. | Сангвор | 523 | 517 | 578 | 632 | 667 | 475 | 515 | 630 | 704 | 765 |
| 3. | Рашт | 1369 | 1247 | 2039 | 2535 | 2583 | 1670 | 1865 | 1951 | 1802 | 2007 |
| 4. | Тоҷикобод | 733 | 647 | 1086 | 1031 | 1081 | 874 | 914 | 958 | 1007 | 1081 |
| 5. | Лахш | 1810 | 3302 | 3307 | 3812 | 4036 | 3653 | 3764 | 3973 | 3840 | 4522 |
| 6. | ш. Роғун | 114 | 103 | 156 | 162 | 169 | 186 | 136 | 169 | 152 | 166 |

Раванди зиёд шудани заминҳои кишт ба истеҳсоли картошка низ бе таъсир намонд. Чунончӣ: агар соли 1997 кишоварзони водии Рашт ҳамагӣ 524 тонна картошка истеҳсол карда бошанд, ин шумора соли 2007 ба 128148 тонна ва дар соли 2018 ба 204903 тонна расонида шуд[2]. Нишондоди соли 2018 дар муқоиса ба соли 1991 5 баробар зиёд аст. Ин нишондодҳо барои як минтақаи кӯҳӣ хеле зиёд аст. Дар 15 соли охир дар натиҷаи амалӣ шудани Барнома ва нақша-чорабиниҳои сатҳи давлативу ноҳиявии водии Рашт ба яке аз минтақаҳои картошкапарвари ҷумҳурӣ табдил ёфт. Дар 3 соли охир (2019-2021) кишоварзони водии Рашт на танҳо талаботи аҳолии минтақаро ба картошка таъмин мекунанд, балки онро ба навоҳии дигари ҷумҳурӣ низ содир менамоянд.

---

[1] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С.150.

[2] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С.220.

Танҳо ноҳияи Лахш дар соли 2020 101741 тонна (дар соли 2021 100009 ) картошка истеҳсол карда шуд, ки дар муқоиса ба соли гузашта 1730 тонна (1,7 баробар) зиёд аст[1].

Аз ҳуҷҷатҳои бойгонӣ пайдост, ки барои чунин натиҷаҳо омилҳои зерин мусоидат кардаанд: Меҳнати содиқонаи кишоварзон ва боварии онҳо ба ояндаи дурахшони соҳа, чораҳо ва барномаҳои мушаххаси давлатӣ, ки ба рушди соҳа нигаронида шудаанд, дастгирӣ ва кӯмакҳои молиявии ташкилоти байналмилалӣ.

Новобаста аз шароити мусоиди биоэкологӣ, ноҳияҳои доманакӯҳӣ (махсусан водии Рашт) барои тухмипарварии ин зироат нокифоя истифода мегардад. Аз тарафи дигар сифати тухмӣ дар хоҷагиҳои тухмипарвар хеле паст аст, картошкаи тухмии репродуксияҳои баланд дар бисёр мавридҳо чун картошкаи хӯрока истифода мегардад, ки ин ҷавобгӯйи талабот нест; кишти тобистона ва такрории картошка дар минтақа кам ба назар мерасад (бо сабаби вуҷуд надоштани яхдонҳои махсуси нигаҳдории тухмӣ ва дигар воситаҳои нумуъдиҳанда); техникаи коркард ва парвариши картошка низ дар бештари маврид бо усули кӯҳна сурат мегирад, ки ба ҳосилнокии он бе таъсир намемонад[2].

Аз сабаби вуҷуд надоштани корхонаи махсуси саноатӣ доир ба коркарди картошка дар ҷумҳурӣ бештари маводи аз картошка омода шуда (чипс, крахмал ва ғ) аз хориҷи кишвар бо нархи хеле гарон ворид мешавад. Ҳоло он ки, ҳам қувваи корӣ ва ҳам шароити молиявии таъсиси чунин корхонаҳо дар водии Рашт вуҷуд дорад[3].

**Чорводорӣ.** Шароити ҷуғрофии минтақаи Рашт барои рушди чорводорӣ низ мусоид аст. Дар натиҷаи татбиқи дурусти барномаҳои давлатӣ ва дастовардҳои кишварҳои пешрафта, метавон чорводориро дар минтақа ба яке аз соҳаҳои сердаромад табдил дод. Новобаста ба ин, соҳа ҳанӯз ҳам

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Лахш оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2020 //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. – С.1-26.
[2] Барномаи давлатии рушди картошкапарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016. - Душанбе,2012. – С.1-2.
[3] Рушди соҳаи кишоварзӣ талаботи замон //Мавҷи Хингоб. – 2018.- № 8. – С.4.

талаботи рӯзафзуни мардуми минтақаро бо гӯшт ва маҳсулоти шири ватанӣ таъмин карда наметавонад. Ба монанди дигар соҳаҳои кишоварзӣ ҷанги шаҳрвандӣ ба соҳаи чорводории минтақа низ зарари зиёд расонид. Барои мисол рақамҳои зерини омориро меорем: агар шумораи бузу гӯсфандро дар водии Рашт соли 1991[1] 51764 сар ташкил дода бошад, соли 2000-ум он ба 905 сар кам гардид, саршумори чорвои калони шохдор аз 28924 то 738, асп аз 1543 то 232 сар коҳиш ёфт[2].

Ин ҳолат ба истеҳсоли маҳсулоти чорвопарварӣ низ рабт дошт. Чорводорони панҷ ноҳияи минтақа агар дар соли 1991 6308 тонна шир истеҳсол карда бошанд, соли 2000 он ба 8 тонна расид, истеҳсоли пашм аз 171 тонна ба 4 тонна коҳиш ёфт. Дигар маҳсулоти чорводорӣ низ қариб ба нестӣ рафта расид[3].

Ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам минтақаи Рашт танҳо аз соли 2001 шурӯъ карда чорводорӣ рӯ ба афзоиш овард. Соли 2006 саршумори чорвои калони шохдор ба 191964, бузу гӯсфанд ба 274481 ва асп ба 11117 сар расид, ки бо нишондоди соли 1991 чандин баробар зиёд аст[4]. Солҳои 2009-2018 давраи рушди босуръати чорводорӣ дар минтақа мебошад. Чунончӣ: ба ҳисоби аввали соли 2021 дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳо 178645 сар чорвои калони шохдор; 505842 сар гӯсфанду буз, 4509 сар асп ба қайд гирифта шуд[5].

Аз рақамҳои дар боло зикрёфта хулоса кардан мумкин аст, ки агар чорводорӣ дар солҳои 90-ум пурра хароб шуда бошад, дар солҳои 2001-2006 дубора барқарор карда шуд ва солҳои минбаъда майл ба рушд дорад. Лозим ба зикр аст, ки дар замони Ҳокимияти Шӯравӣ ҳиссаи асосиро чорвои ҷамъиятӣ, чорвое, ки дар ихтиёри колхозу совхозҳо буданд, ташкил медоданд. Бо аз байн рафтани колхозу совхозҳо (охирин соли 2010) бештари

[1] Ин шумора дар солҳои 1989-1990 бештар буд.
[2] Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – С.171-188.
[3]Регионы Республики Таджикистан. Государственное статистическое агенство при правительстве Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – С.161-168;171-175; 180-183.
[4]Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2011. – С.153 -180.
[5] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. – С.264-274.

чорвои онҳо ба деҳқонон-саҳмдорон тақсим карда шуд. Чун дигар масоили гузариш дар ин раванд низ мушкилиҳо кам набуданд. Маҳз барои ҳамин, ҳиссаи хоҷагиҳои шахсӣ сол аз сол зиёд шуд. Дар тамоми ҷумҳурӣ, аз рӯйи маълумоти 1 январи соли 2005 дар ихтиёри хоҷагиҳои шахсӣ 87,5% чорвои калони шохдор 75% бузу гӯсфанд вуҷуд дошт[1]. Ин шумора дар солҳои минбаъда низ зиёд гардид.

Вазъи имрӯзаи соҳаро агар ба афзоиши аҳолии водии Рашт муқоиса намоем, равшан аст, ки имрӯз соҳа ба талабот ҷавобгӯй буда, босуръат рушд мекунад.

**Парандапарварӣ.** Дар соли 1990 дар ҷумҳурӣ 7.516,3 сар паранда ба қайд гирифта шуда буд, ки соли 1997 он то 198 ҳазор коҳиш ёфт. Умуман ин шумораи камтарин дар тамоми давраи мавҷудияти Тоҷикистони соҳибистиқлол ба ҳисоб меравад. Дар навоҳии водии Рашт солҳои 90-уми қарни гузашта соҳаи мазкур ба нестӣ рафта расид. Шурӯъ аз соли 2001 дар ин соҳа баъзе тағйироти мусбӣ ба амал омаданд. Аз рӯйи ҳисоботи омории соли 2006 дар минтақа 182231 сар парранда ба қайд гирифта шуда буд, ки ин миқдор дар солҳои 1997-1999 ба сифр баробар шуда буд. Дар солҳои минбаъда шумораи парандаҳо зиёд гардида, дар соли 2018 ба 351 262 сар расонида шуд, ки дар муқоиса ба соли 2006 қариб як баробар зиёд аст[2].

Масъалаи зарурати рушди кишоварзии мамлакат, аз ҷумла навоҳии кӯҳистон дар ҳуҷҷатҳои стратегии ҷумҳурӣ бевосита таъкид шудаанд[3]. Дар ҳуҷҷатҳои мазкур ба соҳаи боғдорӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Чун дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ боғдорӣ яке аз соҳаҳои рушдёфта дар водии Рашт ба ҳисоб меравад. Танҳо дар чаҳорчӯбаи “Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ноҳияи Рашт 404 га, Лахш 115 га, Тоҷикобод 92 га, Сангвор 190 га боғҳои нав бунёд

---

[1] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол / зери таҳрири З.Акрамӣ. - Душанбе: Дониш, 2016. – С.180.

[2] Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2011. – С.153 -180.

[3] Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. – Душанбе, 2010. – 67с; Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 – Душанбе, 2016. – 89с; Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012. – Душанбе, 2010.- 67с.

шуда, садҳо гектар боғҳои дигар барқарор шуданд[1].

Аз далоили овардашуда пайдост, кӣ қариб дар ҳама ноҳияҳои водии Рашт самтҳои асосии кишоварзӣ-ғаллакорӣ, картошкапарварӣ сабзавоткорӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва чорводорӣ бо дарназардошти харобиҳои ҷанги шаҳрвандӣ, шурӯъ аз соли 2001 ба пешравиҳои назаррас ноил шуданд.

Дар рушди соҳаи кишоварзии минтақа қабули “Барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодӣ”-и ноҳиявӣ, ки дар заминаи ҳуҷҷатҳои дар боло зикршуда қабул шуданд, нақши муҳим мебозад. Ин барномаҳо, ки дарозмуддат ва миёнамуҳлат буданд, аз ҷониби Роҳбарияти Мақомоти ҳокимияти давлатии иҷроияи ноҳияҳои водии Рашт, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутахассисони Барномаи Рушди Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ таҳия гардида, тамоми имконият ва мушкилоти ноҳияҳои ин минтақа ба инобат гирифта шуданд. Аз он сабаб, ки водии Рашт минтақаи кишоварзӣ аст дар ин барномаҳо таваҷҷуҳ бештар ба рушди ин соҳа, нигаронида шуда буд[2].

Бешак он дастовардҳои соҳаи кишоварзиро, ки дар боло зикрашон рафт, бе қабули ин барномаҳо ғайримкон буд. Инро ба инобат гирифта Ҳукумати мамлакат барномаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳияи Рашт, Лахш ва Тоҷикободро барои солҳои 2018-2020 қабул намуд. Дар ин барномаҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва ислоҳот дар соҳа барои ноҳияи Рашт 20309 ҳазор, Лахш 5 803 ҳазор, Тоҷикобод 4 934 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида буд, ки пурра аз худ карда шуданд[3].

Аз таҳлили вазъи кишоварзии водии Рашт маълум гардид, ки дар ибтидои солҳои 90-ум бо таъсири ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ин соҳа рӯ ба

---

[1] Дар бораи татбиқи Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 декабри соли 2001 дар бораи “Барномаи барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.21. В.71-100.
[2] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тавилдара барои солҳои 2013-2017. Тавилдара, 2013; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2013-2017. Рашт, 2013; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2013-2017. Тоҷикобод, 2013; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2013-2017. Лахш, 2013;
[3] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020. Рашт, 2017. – С.6; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020. Тоҷикобод, 2017. - С.8; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. Лахш, 2017. – С.8.

нестӣ овард. Бо қабули барномаву стратегияҳо ва дигар чорабиниҳои Ҳукумати мамлакат соҳаи кишоварзӣ зина ба зина эҳё шуда, дар даҳ соли охир майл ба пешрафт дорад. Дар ин раванд заҳмати мардуми минтақа калидӣ буда, маҳз бо талошҳои онҳо ин соҳаи барои минтақа ва мамлакат муҳим – кишоварзӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

Новобаста ба дастоварду пешравиҳо имрӯз низ барои рушди соҳа монеаҳо ва камбудиҳои зиёд ҷой доранд, ки муҳимтаринашон ба назари мо инҳоянд: бад будани ҳолати мелиоративии заминҳои кишт, паст будани сифати тухмиҳо, куҳна ва фарсуда будани техникаи кишоварзӣ ва нокифоя будани таъминоти нуриҳои минералӣ, норасоии оби полезӣ, бад будани ҳолати экологии заминҳои кишт, нокифоя будани маблағ ва техника барои азхудкунии заминҳои нав мебошад.

### 1.3. Вазъи тандурустӣ ва хизматрасонии тиббӣ

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ соҳаи тандурустии мамлакат ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, анқариб дар ҳама манотиқи кишвар беморхонаву нуқтаҳои хизмати тиббӣ фаъолият мекарданд. Аввалин беморхонаҳо ва дорухонаҳо дар Тоҷикистон баъди барқарор шудани Ҳокимияти Шӯравӣ ташкил ёфта, аз 10 дорухонаи соли 1929, дар арафаи пошхӯрии ИҶШС, дар мамлакат 338 дорухона ва 520 нуқтаи дорухонагӣ, 4 базаи муҷаҳҳази дорунигаҳдорӣ, 4 озмоишгоҳи таҳлилию лабораторӣ ва як фабрикаи дорусозӣ дар шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шуда буд[1]. Дар ҷумҳурӣ Донишгоҳи тиббӣ ва даҳҳо коллеҷҳои тиббӣ ба тайёр кардани кадрҳои соҳаи тандурустӣ машғул буданд. Илова бар ин, мутахассисони соҳа дар донишкадаву донишгоҳҳои умумииттифоқ низ тайёр карда мешуданд.

Бо оғоз шудани воқеаҳои нохуши солҳои 90-уми асри гузашта, пеш аз ҳама низоми дорухонаҳо зарари ҷиддӣ дид. Қисми зиёди дорухонаҳои навоҳии водии Рашт қариб пурра нобуд карда шуданд. Тамоми молу амвол

---

[1] Саиди Ҳайдар, Бекмуродзода: дастоварди тиб хизмати Эмомалӣ Раҳмон аст // Фараж. 2019. 7-уми сентябр. С.10-11.

ва воситаҳои асосӣ, аз ҷумла нақлиёти дорукашонӣ, базаҳои дорунигаҳдорӣ ва қариб ҳамаи дорухонаҳо шахсӣ карда шуданд, ё таллаву тороҷ гардида аз байн рафтанд[1].

Ҳамин тавр, бо пошхӯри ИҶШС ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, соҳаи тандурустии мамлакат ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд. Тарки ҷумҳурӣ намудани мутахассисони соҳа, хароб шудани беморхона ва нуқтаҳои тиббӣ, махсусан дар навоҳии водии Рашт, вазъи бе ин ҳам мураккаби соҳаро боз ҳам мураккабтар намуд.

Бартараф кардани вазъи ба амал омада аз ҳукумати ҷавони Тоҷикистон ислоҳоти ҷиддии соҳаро тақозо мекард. Ҳукумат дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ имкони бартарафсозии мушкилоти ба амал омадаро надошт, зеро кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда буд. Дар ин марҳала мардуми навоҳии водии Рашт мушкилтарин рӯзҳоро аз сар мегузарониданд.

Лозим ба қайд аст, ки саломатии ҷомеа танҳо аз фаъолияти бахши тандурустӣ вобаста набуда, он бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, вазъи зиндагӣ рабт дорад.[2] Дар солҳои 90-уми асри гузашта бо сабаби норасойии маводи хӯрока, ғизои солим ва шароити мушкили зисту зиндагӣ дар навоҳии водии Рашт бемориҳои гуногун паҳн гардида буд, ки баъзе аз онҳо хусусияти оммавӣ касб намуд.

Барои мисол аз ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор, дар соли 1995, иқтибос меорем: "Дар Ҷамоати деҳоти Тавилдара ғайр аз беморхонаи марказӣ, дорухонаи ноҳиявӣ (СЭС) ва се бунгоҳи тиббӣ амал мекунанд. Дар бунгоҳҳои тиббӣ таҷҳизоти лозимӣ намерасанд. Аз аввали сол то ҳозир (ноябри соли 1995) бунгоҳҳои тиббӣ аз дорухонаҳо маводи табобатӣ нагирифтаанд. Дар рафти воқеаҳои давраи гузашта (амалиёти ҷангӣ дар назар аст) бештари муассисаҳои тиббии ноҳия хеле хароб гаштанд ва барқарор кардани онҳо аз имконияти ноҳия берун буд...

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тавилдара дар соли 1999 // ФБМДҶТНР. Ф.7. Н.1. Б.14. В.101-128; Дар бораи ҳисоботи Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ғарм дар давраи ҳисоботии соли 1994// ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.33. В.7-11, 14-18;Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол С. Самадов "Доир ба плани тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои соли 1992 ва вазифаҳо барои соли 1993"// ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.96. В.32-41.

[2] Тандурустӣ дар Тоҷикистон //https://tg.wikipedia.org //Санаи муроҷиат: 22.11.2019

Душвориҳо дар соҳа хеле зиёданд. Ёрии таъҷилӣ саривақт расонида намешавад, духтурон ба маҳалҳо кам мебароянд, таъминоти доруворӣ хеле суст аст, замистон фаро мерасад аммо муассисаҳои тиббӣ ба он тайёр нестанд...”[1].

Бо сабаби сурат гирифтани амалиёти ҷангӣ дар навоҳии водии Рашт даҳҳо нуқтаҳои тиббӣ ва беморхонаҳо хароб гардида, моликияти онҳо қисман ба ғорат рафт. Маҳз барои ҳамин шумораи камшавии муассисаҳои тандурустӣ ва катҳо дар ҳама навоҳии минтақа мушоҳида мешуд (ниг. ба ҷадвали зер)

**Ҷадвали № 9**

**Шумораи беморхонаҳо ва катҳои хоб дар навоҳии водии Рашт[2]**

| | | Шум. Беморхона | Шумораи катҳо (кроватҳо) | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | **Ноҳия** | **2000** | **1991** | **1992** | **1993** | **1994** | **1995** | **1996** | **1997** | **1998** | **1999** |
| **1.** | Нуробод | **6** | 315 | 315 | 215 | 252 | 252 | 252 | 257 | 247 | 261 |
| **2.** | Сангвор | **3** | 480 | 510 | 360 | 110 | 165 | ... | 80 | 125 | 110 |
| **3.** | Рашт | **11** | 900 | 1005 | 1076 | 855 | 550 | 445 | 460 | 505 | 505 |
| **4.** | Тоҷикобод | **4** | 170 | 170 | 210 | 170 | 145 | 145 | 145 | 165 | 185 |
| **5.** | Лахш | **5** | 455 | 480 | 470 | 375 | 300 | 280 | 280 | 280 | 280 |

Чунин вазъият хоси ноҳияи Сангвор набуда, инчунин дар дигар навоҳии водии Рашт: Рашт, Нуробод, Тоҷикобод ва Лахш низ ҷой дошт. Ҳукумати мамлакат, ки имкони харидории доруворӣ, ваксинаҳо ва дигар маводи зарурирo надошт, бо ҷалби кӯмакҳои башардӯстонаи созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида, ба ҳалли он пардохт. Дар ин самт кӯмакҳои башардӯстонаи Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ, Бонки Умумиҷаҳонӣ, Барномаи Здрав Плюс, Бунёди Оғохон, Хазинаи Глобалӣ, Ташкилоти Умумиҷаҳонии Тандурустӣ (WHO), Хазинаи кӯдакони СММ

[1] Иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара//Бойгонии марказии ноҳияи Рашт. Ф.7.оп.1. Д.7. л.43.
[2] Регионы Республики Таджикистан. Статистический сборник. Душанбе, 2000. – С. 80-83.

(UNICEF), Барномаи HOPE (Барномаи USAID оид ба мубориза зидди бемории сил) назаррас буд[1].

Шурӯъ аз 27 июни соли 1997 бо имзо шудани “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” дар рушди тандурустии ҷумҳурӣ, хосатан водии Рашт, марҳалаи нав оғоз шуд. Дар ин марҳала дигаргунсозиҳои соҳаи тандурустӣ дар вазъияти нисбатан ором сурат мегирифт. Дар ин давра Вазорати тандурустӣ барои таҳияи дурнамои муайянкунандаи рушди минбаъдаи соҳа ва меъёрҳои ҳуқуқии он мутобиқ ба иқтисодиёти бозорӣ корҳои назаррасро ба анҷом расонид. Махсусан Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ», Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи саломатии аҳолӣ то соли 2005, Барномаи соҳавии ислоҳоти нигаҳдории тандурустӣ барои солҳои 1997–2001 ва ғайра таҳия ва қабул гардиданд[2].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи тандурустӣ мавриди таваҷҷуҳи хосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт ва дорад. Дар ин марҳала, дар раванди амалишавии ислоҳоти соҳа садҳо муассисаҳои наву замонавии муҷаҳҳаз бо афзори муосир ба хизмати мардум ихтисос дода шуданд. Дар давоми 27 соли истиқлолият дар ҷумҳурӣ маблағгузории соҳа анқариб 1600 маротиба афзоиш ёфта, аз 1 миллион сомонии соли 1992 ба 1 миллиарду 550 милллион дар соли 2018 расид. Тайи солҳои 1991-2021 дар ҷумҳурӣ зиёда аз 1500 муассисаи тандурустӣ бунёд ва ба таҷҳизоти замонавӣ таъмин гардид. Аз ҷумла, дар панҷ соли охир беш аз 120 беморхона, 210 маркази саломатӣ, 80 дармонгоҳ, 250 бунгоҳи тиббӣ ва 56 корхонаву коргоҳҳои марбутаи тозабунёд ба ҳифзи сиҳҳатии ҷомеа пардохтанд. Аз ин раванди созандагиҳо ҳама манотиқи кишвар, аз ҷумла водии Рашт бархурдор буд[3].

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда барои хизматрасонии тиббиву табобатӣ ба аҳолӣ дар ноҳияи Рашт 1 беморхонаи марказӣ, 4 беморхонаи минтақавӣ, 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 19 маркази саломатии деҳотӣ, 51

[1] Тандурустӣ дар Тоҷикистон //https://tg.wikipedia.org //Санаи муроҷиат: 22.11.2019
[2] Тандурустӣ дар Тоҷикистон // https://tg.wikipedia.org/ Санаи муроҷиат: 22.11.2019
[3] Сайдамирзод Д. Парваришгоҳи табибони сабукдасти раштӣ //Бонувони Тоҷикистон. – 2018. – №144 (ноябр). – С.32-33.

хонаи саломатӣ, 8 маркази барномаҳои миллӣ, 1 шуъбаи ёрии таъҷилӣ, Лахш: 1 беморхонаи марказӣ, 9 беморхонаи минтақавӣ, 38 бунгоҳи тиббӣ ва 6 беморхонаи минтақавӣ, Сангвор: 1 беморхонаи марказӣ, 2 беморхонаи минтақавӣ, 1 маркази саломатии ноҳиявӣ, 22 бунгоҳи саломатӣ ва дар ноҳияи Тоҷикобод зиёда аз 30 муассисаҳои тиббӣ фаъолият мекунанд[1].

Илова бар ин, дар ҳама ноҳияҳои водии Рашт марказҳои репродуктивии занон, марказҳои тарзи ҳаёти солим, мубориза бар зидди касалиҳои сил фаъолият мекунанд.

Бояд хотиррасон кард, ки бештари муассисаҳои тандурустии зикршуда дар солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ сохта ва ё таъмир шудаанд. Илова бар ин, сохтмони даҳҳо иншооти нави соҳаи тандурустӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар солҳои истиқлолият тайёр кардани кадрҳои соҳаи тандурустӣ, махсусан дар навоҳии кӯҳистон, яке аз вазифаҳои меҳварии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Сабаб дар он буд, ки дар солҳои 90-ум бо сабабҳои маълум: ҷанги шаҳрвандӣ, маоши ночиз, муҳоҷирати оммавӣ ва ғайра, норасоии кадрҳои соҳаи тандурустӣ ба миён омад. Ин раванд дар манотиқи ҷангзадаи кишвар – водии Рашт бештар ба чашм мерасид. Ҷадвали зерин раванди коҳишёбии кормандони соҳаи тандурустиро дар навоҳии водии Рашт инъикос мекунад.

**Ҷадвали № 10**

**Шумораи табибони навоҳии водии Рашт (ҳамаи ихтисосҳо)[2]**

| № | Номи ноҳия | 1991 | 1992 | 1993 | 1994 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Рашт | 77 | 81 | 73 | 63 | 56 | 58 | 58 | 59 | 58 |
| 2. | Нуробод | 26 | 28 | 20 | 17 | 14 | 11 | 11 | 11 | 11 |
| 3. | Лахш | 50 | 47 | 46 | 49 | 37 | 29 | 28 | 28 | 27 |
| 4. | Сангвор | - | - | 10 | 11 | 9 | - | 3 | 6 | 8 |
| 5. | Тоҷикобод | - | - | 20 | 15 | 18 | 17 | 17 | 18 | 18 |

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http://rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019; Бойгонии ҷории ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Лахш. 2018. – С.12; Бойгонии ҷории ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Тоҷикобод. 2019. С.9; Бойгонии ҷории ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Сангвор. 2018. – С.6.

[2] Регионы Республики Таджикистан. Статистический сборник. – Душанбе, 2000.– С.80-83.

Чи тавре аз рақамҳои оморӣ бармеояд аз соли 1992-1997 дар ҳама ноҳияҳои минтақа шумораи табибон майл ба камшавӣ дорад. Ин марҳалае буд, ки дар аксар навоҳии водии Рашт амалиёти ҷангӣ сурат мегирифт ё сохторҳои ҳокимият дар сатҳи зарурӣ имкони кор карданро надоштанд. Дар чунин ҳолат қисме аз табибон иҷборан муҳоҷир шуданд ё тарки ихтисос карданд. Илова бар ин, маоши ночиз ё чандин моҳҳо нагирифтани он, шароити номусоиди корӣ низ омили дигари ин раванди манфӣ буд[1].

Мутаассифона, ин раванд на танҳо ба табибон, балки ба кормандони миёнаи тиб низ хос буд. Барои мисол, агар дар ноҳияи Рашт соли 1991 шумораи кормандони миёнаи тиббӣ 230 нафаррро ташкил дода бошад, дар соли 1997 он то 145 нафар, дар ноҳияи Нуробод аз 147 ба 70 нафар, дар ноҳияи Лахш аз 233 то 99 нафар, дар ноҳияи Тоҷикобод аз 75 то 59 нафар коҳиш ёфт[2].

Аз тарафи дигар афзоиши босуръати аҳолӣ дар навоҳии водии Рашт талаботро ба кадрҳои соҳа бештар намуд. Ҳамин тавр, масъалаи омода намудани кадрҳои соҳаи тандурустӣ яке аз вазифаҳои меҳварии соҳа ба шумор мерафт. Бо дарназардошти ин вазъ Ҳукумати ҷумҳурӣ якчанд иқдомҳоро амалӣ намуд, ки қабули "Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010-2020" (аз 1. 10.2009) аз зумраи онҳо буд. Дар барнома чунин омадааст: "Миқдори умумии табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ дар ҷумҳурӣ мутаносибан 13909 ва 30445 нафарро ташкил медиҳанд. Таъминнокии табибон ба 10000 аҳолӣ дар ҷумҳурӣ 18,6 ва ба кормандони миёнаи тиббӣ 41,1-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳандаҳо ба ҳисоби миёна дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ мутаносибан 28,2 ва 75,5-ро ташкил медиҳанд.

Гуфтаҳои боло гувоҳи кам будани теъдоди табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ нисбат ба ҷумҳуриҳои ҳамсояи Ӯзбекистон (мутаносибан 26,6

---

[1] Маърӯзаи раиси Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои ноҳияи Тоҷикобод : М. Идиев аз 18.июли соли 1992 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.8. В.23-45; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт Абдуҷабборов Т. дар давраи ҳисоботии соли 1997 //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.75. В.16-29.

[2] Регионы Республики Таджикистан. Статистический сборник. - Душанбе, 2001. - С.75-89.

фоиз ва 101,2 фоиз) ва Қирғизистон (мутаносибан 23,8 фоиз ва 54,3 фоиз) мебошад”[1].

Дар ҷумҳурӣ дар 7 беморхонаи минтақавӣ ва 90 маркази саломатии деҳот умуман нарасидани табибон мушоҳида мешавад. Дар беш аз 25 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла навоҳии водии Рашт мутахассисони соҳаи наркологӣ, рӯҳшиносӣ, бемориҳои сил, дил, саратоншинос, чашм, эндокринология, табибони оилавӣ, техникҳои тиббӣ, ташхиси шуой ва ренгенологҳою паталоганатомҳо намерасанд. Имрӯз тибқи ҷадвали воҳидҳои корӣ дар ҷумҳурӣ 4195 воҳиди кории табибон ва 7630 воҳиди кори кормандони миёнаи тиббӣ холӣ мебошад. Бо ҷойи кор таъмин будани штатҳои табибон ва кормандони миёнаи тиб мутаносибан 82,1 фоиз ва 84,1 фоизро ташкил медиҳад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори умумии кормандони соҳаи тандурустӣ коҳиш ёфта истодааст. Соли 2007 дар муқоиса бо соли 2002 таъминнокии табибон ва кормандони миёнаи тиббӣ мутаносибан 6 ва 12,6 фоиз кам шудааст. Ҳол он, ки дар ин муддат шумораи аҳолӣ 10,8 фоиз зиёд гардидааст”[2].

Нишондиҳандҳои таъминнокӣ вобаста ба минтақаҳо, бо табибон ва кормандони миёнаи тиб низ шаҳодат медиҳад, ки навоҳии водии Рашт ва вилояти Хатлон дар ин самт мушкилот доранд. Агар таъминнокиро бо табибон муқоиса намоем аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 62,7 % ва вилояти Суғд 20,4% ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳоле, ки ин ҳолат дар водии Рашт – 11% ва вилояти Хатлон 9,1%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда вобаста ба кормандони миёнаи тиббӣ низ нобаробарии ҷуғрофиро нишон медиҳад. Дар таъмин намудан бо кормандони миёнаи тиб низ Душанбе 60,2 %, ВМКБ 73%, аммо водии Рашт 29, 5 % ташкил медиҳад[3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд дар он минтақаҳое, ки сатҳи таъмини аҳолӣ бо табибон паст аст, миқдори довталабони дохилшуда ва донишҷӯён дар

---

[1] Барномаи таёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010- 2020. (аз 1. 10.2009) //http://moh.tj //Санаи мурочиат: 6.01.2019
[2] Барномаи таёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010- 2020. (аз 1. 10.2009) //http://moh.tj //Санаи мурочиат: 6.01.2019
[3] Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои солҳои 2010- 2020. (аз 1. 10.2009) //http://moh.tj //Санаи мурочиат: 6.01.2019

муассисаҳои таълимии тиббӣ кам ва баръакс дар ҷойҳое, ки таъмин бо табибон нисбатан хуб аст, миқдори довталабони дохилшуда ва донишҷӯён зиёд аст. Чунин ҳолат дар оянда барои аз байн бурдани номутаносибии ҷуғрофии таъмини аҳолӣ бо табибон мусоидат намекунад ва андешидани чораҳои заруририро талаб менамояд.

Ҳамин тавр, дар системаи банақшагирӣ ва тарбияи кадрҳо масъалаҳои нобаробарии ҷуғрофӣ, вобаста ба ихтисос ва шуғл, инчунин нобаробарии ташкилӣ (дар доираи як шаҳр ё як ноҳия теъдоди зиёди кормандони тиб ва норасоии онҳо дар муассисаҳои дигар шаҳру ноҳияҳо) ба мушоҳида мерасад.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маводи оморӣ нишон медиҳад, ки тайёр кардани мутахассисони соҳаи тиб–табибон ва кормандони миёнаи тиб дар навоҳии водии Рашт бо ду самт амалӣ шуда истодааст:

1. Дар коллеҷҳои тиббие, ки бевосита дар минтақа фаъолият доранд;

2. Дар донишкадаву коллеҷҳои тиббие, ки дар дигар шаҳру навоҳии мамлакат ҷойгиранд.

Дар барномаҳои давлатӣ, махсусан барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии водии Рашт масъалаи таҳкими иқтидори кадрӣ махсус таъкид ёфта, реҷаи тарбияи онҳо вобаста ба шаҳру ноҳияҳо тасдиқ гардидааст.

Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт аз муассисаҳое ба шумор меравад, ки соҳаи тандурустии минтақаро бо кормандони миёнаи тиб таъмин месозад. Коллеҷи мазкур фаъолияти худро баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, соли 1992 оғоз намуда, давоми фаъолияташ садҳо нафар мутахассисони соҳа – ҳамшираҳо ва момодояҳоро омода кардааст.

Тавре собиқ директори муассиса Маҳмадисо Ҷононзода қайд мекунад: “Бинои қаблии омӯзишгоҳ дар маркази ноҳия канори шоҳроҳ қарор дошт ва ба талаботи меъёрҳои муосир ҷавобгӯ набуд. Бо дастур ва супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2013 сохтмони бинои нави Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт оғоз гардид. Пас аз се

сол, саҳеҳтараш 27-уми сентябри соли 2016 бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ ва истиқболи гарму сипосгузории мардум дар остонаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ сурат гирифт"[1].

Бинои коллеҷи мазкур сеошёна буда, фармоишгари он Дирексияи сохтмони иншооти Ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, лоиҳакаши он Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пажӯҳишгоҳи илмӣ, лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯии САНИИОСП» мебошад, ки маблағи лоиҳавии он зиёда аз 10 млн сомониро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, дар назди Коллеҷи тиббӣ хобгоҳи 3 ошёна иборат аз 138 ҷойи хоб сохта ба истифода дода шуд. Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2011 «Дар бораи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2012-2016» Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 сохтмони бинои хобгоҳро оғоз намуда буд, ки соли 2016 ба истифода дода шуд[2].

Дар Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт бо дарназардошти филиалҳо 769 нафар донишҷӯ таҳсил мекунад, ки аз ин шумора 448 нафарро духтарон ташкил медиҳанд. Коллеҷ дар ноҳияҳои Лахшу Сангвор ва Нурободу Тоҷикобод бахшҳои фаръии худро дорад, ки дар онҳо бештар духтарон таҳсил мекунанд.

Дар Коллеҷи тиббӣ бо мақсади боз ҳам хубтар аз бар намудани тахассус ва донишандӯзии ҷавонон шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудаанд. Бинои муассиса аз 3 ошёна иборат буда, дар он ду ҳуҷраи озмоишӣ–кимиёвӣ ва кори ҳамширагӣ, 12 синфхона, 6 ҳуҷраи корӣ, толори фароғатӣ, ошхона бо 60 ҷой, толори замонавӣ барои 250 ҷойи нишаст барои баргузории чорабиниву ҷамъомадҳо, китобхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мавҷуд

---

[1] Ифтитоҳи бинои таълимӣ ва хобгоҳи Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт //https://bonuvon.tj //Санаи муроҷиат: 22.10.2019

[2] Ифтитоҳи бинои таълимӣ ва хобгоҳи Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт //https://bonuvon.tj //Санаи муроҷиат: 22.10.2019

мебошанд. Инчунин, дар назди коллеҷ хобгоҳи сеошёна бо 138 ҷойи хоб, синфхонаи компютерӣ, толори хониш, ошхона ва шустушӯйгоҳи муҷаҳҳаз бо шароити хуб барои донишҷӯйён омода шудаанд[1].

Имрӯз филиалҳои коллеҷ дар дигар навоҳии водии Рашт бо мақсади таъмин бо ҳамшираҳо ва бародарони шафқат кушода шудаанд. Дар маҷмуъ дар коллеҷи мазкур ва филиалҳои он 124 нафар омӯзгори дорои дараҷаҳои олӣ ва якум ба тарбияи мутахассисони соҳа машғуланд. Муассиса дорои зербинои муосири таҳсилот мебошад. Ин ҳама имконият медиҳад, ки кормандони баландпояи соҳа дар муассиса ва филиалҳои он тайёр карда шаванд[2].

Тибқи баҳодиҳии табибон ва сарпарастони муассисаҳои тандурустии минтақа ва худи беморон хатмкунандагони ин даргоҳ дар баробари бархӯрдорӣ аз донишу малакаи хуби кор ва ошноӣ бо технологияҳои муосири тиббӣ, ҳамзамон бо масъулияти баланду инсондӯстӣ, хушгуфториву хушрафторӣ ба дилу дидаҳои мардум ҷо ёфтаанд.

Дар баробари бинои коллеҷ имрӯз дар бемористону марказҳои саломатии ноҳияҳои минтақа даҳҳо адад синфхонаҳо мавҷуд мебошанд, ки бо таҷҳизоту дастгоҳҳои зарурӣ ва кулли аёниятҳои замонавӣ таъминанд. Дар ҷараёни таҳсил донишҷӯйён дар шуъбаҳои гуногуни муассисаҳои тиббӣ таҷрибаомӯзӣ мекунанд ва бо ин роҳ пас аз хатми омӯзишгоҳ ҷой кори худро муайян месозанд. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки бештари хатмкунандагони коллеҷ ба кор таъмин карда мешаванд.

Аз тарафи дигар, мутахассисони соҳа аз ҳисоби хатмкунандагони МТМУ навоҳии водии Рашт дар донишгоҳу коллеҷҳои тиббии ҷумҳурӣ тайёр карда мешаванд. Қисми зиёди довталабон ба тариқи ИМД, ки ММТНПҶТ амалӣ мекунад, бо дониши худ ба муассисаҳои тиббии мамлакат, махсусан Донишгоҳи тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни

---

[1] Сайдамирзод Д. Парваришгоҳи табибони сабукдасти раштӣ // https://bonuvon.tj //Санаи муроҷиат: 22.10.2019

[2] Сайдамирзод Д. Парваришгоҳи табибони сабукдасти раштӣ //Бонувони Тоҷикистон. – 2018. –№144 (ноябр). – С.32-33.

Сино ва Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дохил мешаванд. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои духтарони деҳот, махсусан кӯҳистон, ки ихтисосҳои тиббиро интихоб кардаанд, имтиёз муқаррар шудааст[1].

Новобаста аз ин, аз сабаби паст будани сифати таҳсилот дар минтақа ва рақобати зиёд дар ихтисосҳои тиббӣ (дар муқоиса ба дигар ихтисосҳо) шумораи хеле ками довталабони минтақа имкони дохил шудан ба донишкадаву донишгоҳҳои тиббии мамлакатро доранд. Инро ба назар гирифта ҳамасола ба тариқи квотаи президентӣ шумораи муайяни хатмкунандагони навоҳии водии Рашт ба донишкадаву донишгоҳҳои тиббии мамлакат дохил карда мешаванд[2].

Дар беҳдошти тандурустии водии Рашт саҳми соҳибкорони маҳаллӣ назаррас буда, онҳо дар пайравӣ аз Сарвари давлат пайваста ташаббус нишон медиҳанд. Масалан, бо ташаббуси соҳибкор Ризвоншо Шоев Маркази ташхисӣ-табобатии “Сияриён” моҳи июни соли 2019 ба истифода дода шуд.

Беморхонаи мазкур аз се ошёна ва таҳхонаи дорои таҷҳизоти муосири тиббӣ ва 50 кат (кроват) барои муолиҷаи беморон иборат буда, дар ошёнаи якуми он ҳуҷраҳои томографияи компютерӣ, рентгенӣ, рақамӣ, УЗӢ, гастроскопия, колоноскопия, ҳуҷраи бемориҳои занона, стомотология, дорухона, гӯшаи гиёҳҳои шифобахши ватанӣ, таҳхона, ҳуҷраҳои физиотерапевтӣ, ташхисгоҳ ва ошхона мавҷуд мебошанд. Дар маркази муосири тиббӣ 40 нафар мутахассиси варзидаи тиббии дараҷаи олӣ ва миёна ба сокинону ниёзмандон шоиста хизмат мерасонанд[3].

Бахши тандурустӣ дар навоҳии водии Рашт яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ба аҳолии минтақа Муассисаҳои кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ, сохтори госпиталӣ, коллеҷҳои тиббӣ ва Марказҳои назорати давлатии санитарӣ-эпидемиологӣ хизмати тиббӣ

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. 171с; Роҳнамои довталаб. Душанбе, 2019.

[2] Квота: камбудиҳоро бартараф бояд кард //https: //www.maorif.tj //Санаи муроҷиат: 22.12.2018

[3] Президенти мамлакат дар ноҳияи Рашт Маркази ташхисиву табобатии “Сияриён”-ро ба истифода доданд //http://moh.tj //Санаи муроҷиат: 23.03.2019

мерасонанд. Дар марказҳои саломатии навоҳии водии Рашт марказҳои репродуктивӣ фаъолият мекунанд, ки барои солим таваллуд намудани фарзандон ва беҳбудбахшии сатҳи репродуктивии занон масъул мебошад.

Беҳдошти солимии модарон татбиқи барномаҳои давлатӣ доир ба солимии репродуктивӣ, танзими оила ва ҳамзамон фаъолияти хуби муассисаҳои КАТС, хадамоти патронажӣ ва тибби оилавӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Масъалаҳои пешрафт ва ҳифзи саломатии модару кӯдак пеш аз ҳама, ба ҳалли саривақтии мушкилоти соҳа дар сатҳи маҳал, паҳн намудани иттилоот дар байни ҷамоатҳо, ба роҳ мондани фаъолияти мукаммали гурӯҳҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббӣ, гузаронидани таҳлили амиқ, омӯзиш ва ташхиси саривақтии беморихо аз ҷониби муассисаҳои тандурустии минтақа дар иртибот аст.

Гарчанде тайи солҳои охир шумораи таваллуд дар хона пайваста коҳиш ёфта истодааст, аммо ҳамоно дар ин самт мушкилиҳо зиёданд. Дар муқоиса ба дигар манотиқи мамлакат таваллуд дар хона ва фавти кӯдакон дар навоҳии водии Рашт бештар ба чашм мерасад. Барои мисол рақамҳои омориро, ки марбут ба ноҳияи Рашт мебошанд, меорем.

**Ҷадвали № 11**

**Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ва хона, сатҳи фавти модар**

| Нишондодҳо | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|
| Шумораи умумии таваллуд | 3023 | 3386 | 3404 |
| Таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ | 1390 | 1920 | 2165 |
| бо фоиз | 46 | 58 | 63 |
| Таваллуд дар хона | 1633 | 1466 | 1239 |
| бо фоиз | 54 | 42 | 37 |
| Фавти модар (шумора/ шумора ба 100 ҳаз з/т) | 33 (1) | 29,5 (1) | 29,3 (1) |

Солҳои охир дар ноҳияи Рашт ва дигар навоҳии минтақа коҳишёбии индекси солимии модарон ба назар мерасад. Сабаби ин гирифтор будани занони ҳомила ба бемориҳои экстрагеніталӣ (аз ҷумла, бемориҳои гурда, камхунӣ, ҷоғар ва ғайра), саривақт муроҷиат накардан ҳангоми аломатҳои ҳомиладорӣ, риоя накардани фосилаи байни таваллуд, таваллуд дар

шароити хона, зоиш дар синни бармаҳал, дастрасӣ надоштан ба маводи пешгирикунандаи ҳамл, сатҳи пасти иттилоотнокии занон дар масоили саломатии репродуктивӣ ва камбизоатии занон мебошад. Бо вуҷуди саривақт ошкор гардидани бемориҳои экстрагениталӣ дар байни занон тибқи маълумоти коршиносони маҳаллии соҳаи тандурустӣ мушкилоти асосӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ба занҳои ҳомила ин саривақт мурочиат накардани онҳо ба духтурон мебошад.

Дар давоми солҳои 2013, 2014 ва 2015 камхунӣ миёни занҳои ҳомила ва баъди таваллуд мунтазам коҳиш ёфта истодааст. Сабаби асосии кам шудани бемориҳои камхунӣ миёни занҳои қобили таваллуд ин дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани табобат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ мебошад[1].

Чунин ҳолат дар бемории ҷоғар низ мушоҳида мешавад. Мутаассифона, дар бисёр ҳолатҳо ин ба гирифтории оризаи ҳомиладории занҳо ва ҳатто ба фавти модару кӯдак оварда мерасонад.

Барои мусоидат намудан ба солимии репродуктивии занон дар соли 2015 Марказҳои солимии репродуктивии водии Рашт шумораи зиёди занҳоро қабул кардааст, ки ба қисми ками онҳо ёрии контрасептивӣ расонида шудааст. Ба ҳисоби миёна 50 фоизи занҳои қобили таваллуди минтақа аз маводи контрасептивӣ истифода мебаранд. Дар навоҳии минтақа муоинаи аҳолӣ аз ҷумла, занони ҳомила ва кӯдакон бо ҷалби кормандони соҳа дар байни занҳои синну соли репродуктивӣ дарсҳои омӯзишӣ дар мавзӯъҳои «Хатари исқоти ҳамл ба саломатии занон», «Воситаҳои пешгирии ҳомиладории номатлуб», «Танзими оила», «Бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда» пайваста ташкил карда мешавад.

Самти муҳимми дигари фаъолияти муассисаҳои тандурустии навоҳии водии Рашт ин хизматрасонӣ ба кӯдакон мебошад. Чи тавре дар боло ишора

---

[1] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт "Дар бораи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2014" //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.140. В.22-50; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тоҷикобод оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар шашмоҳаи аввали соли 2012 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.40. В.102-120; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт М. Толибов дар иҷлосияи бистум (даъвати дуюм)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳия //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.20. В.32-49; Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012" //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.46. В.131-159.

шуд шумораи фавти кӯдакон дар водии Рашт дар муқоиса ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бештар ба чашм мерасад. Барои мисол фавти кӯдаконро дар ноҳияи Лахш солҳои 2014-2016 меорем.

**Ҷадвали № 12**

**Сатҳи фавти кӯдакон дар солҳои 2014-2016**

| **Нишондод** | **2014** | **2015** | **2016** |
|---|---|---|---|
| Фавти кӯдакони то 5 сола (аз рӯйи 1000 з/т) | 10 | 11 | 11 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *13,7* | *14,6* | *15,4* |
| Фавти кӯдакони то 1 сола (аз рӯйи шумора 1000 з/т) | 39 | 39 | 29 |
| *Бо ҳисоби фоиз (%)* | *2,2* | *21* | *1,7* |

Сабаби кам шудани шумораи фавти кӯдакони то 1- сола пеш аз ҳама дар саривақт муроҷиат намудан ба табибон ва муолиҷа намудан дар муассисаҳои тиббӣ мебошад. Сабаби фавти кӯдакони аз 5 то 17-сола номусоид омадани боду ҳаво, сардии аз меъёр зиёд дар фасли зимистон, бемориҳои шадиди роҳҳои нафас бо оризаҳояшон, нуқсонҳои модарзодӣ ва афзоиши ҳодисаҳои нохуш мебошад[1].

Сатҳи фавти кӯдакони аз 0 то 5-сола дар ноҳияи Нуробод баланд боқӣ монда, соли 2021 нисбати соли 2018 ба андозаи 2,0% ҳодисаи фавти кӯдакони ин синну сол зиёд шудааст[2].

Сабаби асосии паст шудани фавти кӯдакон ин рушди тибби оилавӣ ва баланд гардидани сатҳи хизматрасонӣ дар самти саривақт табобат намудани занони ҳомила ва кӯдакони онҳо ба ҳисоб меравад.

Дар баробари дигар вазифаҳо дар шароити муосир яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои тандурустии навоҳии минтақаи Рашт пешгирӣ кардани бемориҳои сироятӣ мебошад

Дар мубориза алайҳи бемориҳои вараҷа дар минтақа нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ҳамаи ашхосе, ки бо бемориҳои таби баланд ба беморхонаҳо муроҷиат намудаанд, пурра аз ташхис гузаронида шуда, нисбаташон чораҳои амалӣ андешида шудааст. Дар доираи “Дастурамал оид ба эпидемиология, нишонаҳо, ташхиси озмоишгоҳӣ, табобат ва

---

[1] Давлатов Б. Маркази саломатӣ-дармонбахши дардҳо //Мавҷи Хингоб. 2018. № 8. 18 август. – С.9.
[2] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Нуробод барои солҳои 2021-2025. Нуробод, 2021. С.24.

пешгирии гелминтозҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар ҳамаи навоҳии минтақа нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, ба таври ройгон беморон ташхис ва табобат карда мешаванд.

Дар баробари ин гирифторӣ ба бемории ВНМО дар солҳои 2018/2021 нисбат ба солҳои 2014-2015 зиёд шудааст, ки хеле ташвишовар мебошад. Сабаби асосии баланд гаштани нишондиҳандаи мазкур ба муҳоҷирати меҳнатӣ, нашъамандӣ марбут буда, инчунин аз ҳисоби танфурӯшии занон ба вуқӯъ пайвастааст.

Дар давоми солҳои 2013-2021 ба муассисаҳои тандурустии навоҳии водии Рашт таҷҳизоти зиёди тиббӣ ворид карда шуд, ки қисман заминаи моддию техникии муассисаҳои тиббиро беҳтар гардонид. Акнун бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани касалиҳои сироятӣ, баланд бардоштани савияи дониши мутахассисони соҳа ва такмил додани системаи тандурустӣ дар минтақа барномаҳои зиёди соҳавӣ мавриди амал қарор дорад. Аз ҷумла, Барномаи ташаккули тарзи ҳаёти солим, Барнома мубориза бар зидди бемории диабети қанд, Барнома оид ба пешгирӣ ва мубориза алайҳи бемории ВИЧ/СПИД, Барномаи мубориза бар зидди бемориҳои тропикӣ (вараҷа), Барномаи ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона, Барнома оид ба пешгирии бемории ишемияи дил, Барномаи солимии репродуктивӣ, Барномаи зидди бемориҳои сил, Барномаи пешгирии бемориҳои чоғар, Барномаи соҳавии эмтаъминкунӣ, Барнома оид ба пешгирии бемории камхунӣ ва ғайра.

Мувофиқи равандҳои нави ислоҳоти тандурустӣ ва татбиқи самараноки «Стратегияи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020» дар назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Донишкадаи такмили ихтисоси баъдидипломии кормандони тибби Тоҷикистон» ташкил карда шудааст. Дар муассисаи мазкур барои тайёр намудани кормандони соҳаи тиб модули нави тарзи идоракунӣ ва маблағгузорӣ тартиб дода шудааст, ки тавассути он кормандони соҳа омӯзонида мешаванд. Ҳамасола дар муассисаи мазкур

миқдори муайяни табибони навоҳии водии Рашт, бо мақсади сайқали донишу маҳораташон омӯзонида мешаванд.

Новобаста аз икдомҳои номбурда норасоии кадрӣ мушкилоти асосии соҳаи тандурустии навоҳии водии Рашт мебошад. Имрӯз низ норасоии шумораи табибони баландихтисос дар минтақа бештар ба чашм мерасад[1].

Бо ташаббуси Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста чорабинии марказонидашудаи тиббиву машваратӣ – “Корвони саломатӣ” ба навоҳии водии Рашт ташкил карда мешавад, ки ҳадаф аз он пешгирии бемориҳо ва баланд бардоштани сатҳи маърифати тиббии мардум мебошад[2].

Дар рафти ин чорабинии башардӯстона дар ҳар ноҳия аз 600 то 1800 нафар беморон ба таври ройгон муолиҷа мешаванд. Илова бар машваратҳои мутахассисон ба иштирокчиён доир ба пешгирии бемориҳои ВИЧ/СПИД, сил ва ғайра ба таври ройгон аз ҷониби духтурон дастуру китобчаҳо тақдим карда мешаванд.

Айни ҳол, дар муассисаҳои тандурустии минтақа норасогии мутахассисони дорои маълумоти олӣ зиёдтар ба назар мерасад, аз ҷумла рӯҳшинос, рентгенолог, сироятшинос, неонатолог, нарколог, духтури чашм ва ғайра.

Дар навоҳии водии Рашт барои ҳалли масъалаҳои солимии аҳолӣ иштироки ҷомеа қариб ба назар намерасад ва ташаббусҳои аҳолӣ оид ба беҳтар намудани вазъи санитарию гигиенӣ начандон хуб зоҳир мегарданд. Фаҳмиши аҳолӣ вобаста ба пешбурди тарзи ҳаёти солим дар сатҳи бениҳоят паст қарор дорад.

Таҳлили вазъи тандурустӣ дар навоҳии водии Рашт нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳа ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд. Фаъолияти қисми зиёди беморхонаву бунгоҳҳои тиббӣ ва дорухонаҳо фалаҷ

[1] Диловари Мирзо, Ҳифзи саломатии мардум дар мадди назар аст //http: //sadoimardum.tj //Санаи мурочиат: 23.12.2019

[2] Диловари Мирзо, «Корвони саломатӣ” дар Рашт //http://sadoimardum.tj //Санаи мурочиат : 20.10.2019; ”Корвони саломатӣ” ба 650 сокини Рашт кӯмаки тиббӣ расонид //https: //khovar.tj //Санаи мурочиат: 31.10.2019; Хуршеди Андам, ”Корвони саломатӣ” ба Шарқи Тоҷикистон //https: //www.ozodi.org //Санаи мурочиат: 6.10.2019

гардида ё тамоман хароб шуданд. Табибону кормандони соҳа тарки касби худ карданд, ки ин вазъияти соҳаро боз ҳам мураккабтар намуд.

Баъди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Ҳукумати мамлакат барои барқарорсозии муассисаҳои тандурустӣ нақшаву барномаҳои алоҳидаро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа на танҳо муассисаҳои харобгаштаи соҳа барқарор карда шуданд, балки садҳо адад муассиса, дорухона ва нуқтаҳои тиббии нав сохта ба истифода дода шуданд.

Агарчанде дар ҳама навоҳии минтақа Коллеҷи тиббӣ ва ё филиалҳои он фаъолият мекунанд ва ҳукумат тариқи квотаи президентӣ ҳамасола шумораи муайяни хонандагонро ба донишгоҳҳои тиббии кишвар дохил мекунад, дар минтақа ҳамоно норасиии кадрӣ ба чашм мерасад.

Соҳаи тандурустӣ самти муҳим ба ҳисоб меравад, зеро азму талоше, ки барои беҳбудии саломатии аҳолӣ нигаронида шудааст, рушди устувори иқтисодӣ ва рушди неруи инсонии кишварро таъмин менамояд.

# БОБИ II. ҲАЁТИ ФАРҲАНГИИ ВОДИИ РАШТ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## 2.1. Вазъи маориф

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ дар Тоҷикистон монанди дигар соҳаҳои иҷтимоӣ дар соҳаи маорифи халқ муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи мамлакат инъикос ёфтаанд. Сарфи назар аз мураккабии вазъи сиёсӣ ва мушкилоти давраи гузариш Ҳукумати ҷумҳурӣ, махсусан Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи маорифро соҳаи муҳиммтарину афзалиятноки кишвар эълон намуда, зери пуштибонии махсуси давлат қарор дод[1]. Дар ин муддат аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ, бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, зиёда аз 400 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар, таҳия ва тасдиқ гардиданд.

Замони муосир замони дастовардҳои бузурги илмӣ-техникӣ ва кашфиёти навини хиради инсонист ва роҳ ба сӯйи онҳо ба танзими кори мактабу маориф ва сиёсати дурусти давлату ҳукумат дар ин самт вобастагӣ дорад. Тавре, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни кишвар таъкид намуда: «Илму маориф аз самтҳои хеле муҳимми сиёсати давлатӣ буда, пешрафти минбаъдаи Тоҷикистон ба рушди маорифи миллӣ ба беҳдошти заминаи таълим вобаста мебошад. Замони мо замони дастовардҳои бузурги илмиву техникӣ ва кашфиёти нав ба нави ақлонӣ мебошад, ки роҳ ба сӯйи онҳо танҳо ба воситаи мактабу маориф ва низоми дурусти таълим ибтидо мегирад»[2].

---

[1] Годовые статистические отчеты министерства и общеобразовательных школ (1995-1998) //БМДҶТ. Ф.360. Н.21. Б.327. В. 93об

[2] Эмомалӣ Раҳмон, Рушди маориф асоси таҳкими аркони давлат. Душанбе 2009. – С. 29.

Бо назардошти рушди бемайлони илму маорифи арсаи ҷаҳонӣ ва мутобиқ гардонидани низоми илму маорифи кишвар ба меъёрҳои байналмилалӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”[1] се маротиба тағйиру иловаҳо ворид гардида, қонуни мазкур аз нав таҳия гардид. Ҳамзамон барои тамоми зинаҳои таҳсилот низ қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки заминаи мактабу маорифро аз лиҳози ҳуқуқӣ, мустаҳкам ва рушди оядаи онро тақвият медиҳанд. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пешрафтаи хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ вусъат ёфта, дар ин самт миёни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ниҳодҳои он садҳо созишномаву тафоҳумҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расиданд. Дар заминаи ин созишҳо тайёр кардани кадрҳои болаёқат, мутахассисони баландихтисос дар хориҷи кишвар ба роҳ монда шуд[2].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос, барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дурахшандагон” ва бо мақсади танзими қабули шаҳрвандони кишвар барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии мамолики хориҷӣ “Маркази барномаҳои байналмилалӣ” таъсис дода шуд.

Дар натиҷаи ин тадбирҳо ҳамасола хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҳама манотиқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла водии Рашт, ба тариқи озмун ба донишкадаву донишгоҳҳои хориҷи кишвар фиристода мешаванд.

Аз тарафи дигар, дар заминаи ин ҳамкориҳо дар пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе филиалҳои донишгоҳҳои бонуфузи Россия, ба монанди ДДМ ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи миллии таҳқиқоти техникии

---

[1] Қонуни мазкур бори нахуст 27-уми декабри соли 1993 қабул гардида буд.
[2] Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2008 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2008. – С. 117-118; .

“Донишкадаи энергетикии Маскав” ва Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологии “Донишкадаи пӯлод ва хӯлаҳои Маскав” фаъолият доранд, ки дар онҳо донишҷӯйён аз тамоми манотиқи ҷумҳурӣ таҳсил мекунанд.

Дар сатҳи ҷумҳурӣ ҳамасола маблағгузорӣ ба соҳаи маориф зиёд гардида истодааст. Агар соли 2000-ум барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ 27,6 млн ҷудо шуда бошад, дар соли 2011 ин рақам 1 млрд 300 млн сомониро ташкил дод. Танҳо дар давоми солҳои 2012-2017 маблағгузории соҳаи маориф аз буҷаи давлат 2,3 баробар афзуда, соли 2017 нисбат ба соли 2016 16 % зиёд шудааст[1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ бунёди мактабҳои замонавӣ низ ба маротиб афзоиш ёфта, давоми солҳои 1992-2010 дар миқёси ҷумҳурӣ зиёда аз 2000 адад мактаб сохта ба истифода дода шуданд. Шумораи литсейҳои президентӣ ва мактаб-интернатҳо, ки бо мақсади дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ ва дарёфту тарбияи наврасону ҷавонони болаёқату соҳибистеъдод таъсис ёфтаанд ба маротиб зиёд гардида, қариб дар ҳама шаҳру навоҳии водии Рашт фаъолият доранд[2].

Бо ташаббуси бевоситаи Сарвари давлат анқариб дар ҳама навоҳии водии Рашт мактаб-интернатҳо барои ятимону бепарасторон таъсис дода шуда, таъминоти онҳо пурра аз ҳисоби давлат мебошад. Сабаби таъсиси чунин муассисаҳо дар он буд, ки дар натиҷаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ шумораи ятимону бепарасторон дар минтақа хеле зиёд гардид[3].

Мусоидат ба чопи китоб, таъмини синфхонаҳо бо маводи техникию аёнӣ, технологияи муосири компютерӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳу донишкадаҳо, пардохти саривақтии маош, бо имтиёзҳои нав таъмин кардани омӯзгорону устодон тариқи имкониятҳои мақомоти маҳаллӣ, ба хусус ҷудо кардани замин ва

[1] Номвар Қурбон, Саҳми Пешвои миллат дар рушди илму маориф // Илм ва ҳаёт. № 4 (148). Душанбе, 2019.– С.3-6.
[2] Ҳамонҷо.– С.4.
[3] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.– С.18.

дигар масъалаҳои вобаста ба рушди мактабу маориф ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Сарвари давлат қарор гирифтааст.

Бо мақсади ҷалби ҳарчи бештари духтарони маҳаллӣ аз манотиқи кӯҳистон дар донишгоҳу донишкадаҳо квотаҳои президентӣ ҷудо гардида, ин амал самараҳои нек овард. Ҳавасмандии донишҷӯёни макотиби олӣ ва хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ бо таъсиси стипендияи Президентӣ омили муҳимми болоравии сатҳи донишу малакаи онҳо гардид.

Тайи солҳои 1997–2015 ба 20 адад муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ 16009 нафар донишҷӯ, аз ин миқдор 9554 духтар ва 6476 писар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи суҳбат (бе имтиҳон) қабул гардиданд. Дар ин муддат зиёда аз 8349 нафар духтарону писарон (5923 нафар духтар ва 2426 нафар писар) тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро хатм намуда, тибқи роҳхат ба ҷойи истиқомати худ барои кору фаъолият фиристонида шуданд.

Норасоии минтақаро ба кадрҳо ба инобат гирифта, дар муқоиса ба дигар навоҳии мамлакат барои навоҳии Рашт ҳамасола шумораи бештари ҷойҳо ба тариқи квотаи президентӣ ҷудо карда мешавад (ниг. ба ҷад. зерин).

**Ҷадвали № 13**

**Шумораи квотаҳои ҷудошуда вобаста ба ноҳияҳо (2011-2018[1])**

| № | Ноҳия | 2011/2012 | 2012/2013 | 2013/2014. | 2014/2015 | 2015/2016 | 2017/2018 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Нуробод | 25 наф. | 25 | 26 | 31 | 26 | 22 |
| 2. | Рашт | 26 | 27 | 27 | 33 | 28 | 22 |
| 3. | Лахш | 25 | 26 | 26 | 31 | 27 | 25 |
| 4. | Тоҷикобод | 21 | 21 | 22 | 27 | 23 | 21 |
| 5. | Сангвор | 23 | 24 | 24 | 29 | 24 | 20 |

Аз ноҳияи Рашт давоми солҳои 1997- 2011 398 нафар тариқи Квотаи президентӣ ба таҳсил фаро гирифта шуданд, ки аз ин шумора 256

[1] Нақшаи қабули донишҷӯйён ба муассисаҳои олии касбии ҷумҳурӣ тибқи Квотаи президентӣ// Бойгонии ҷории Вазорати маорифи ҶТ. 2018. С.1-2.

нафарашро духтарон ташкил медиҳанд [1]. Аз ноҳияи Сангвор бошад, аз соли 1997 то 2020 зиёда аз 400 нафар хонандагони ноҳияи Сангвор тариқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои миёна ва олии кишвар дохил шуданд, ки қисмати зиёдашро духтарон ташкил медиҳанд. Аз ин шумораи зиёдашон баъди хатми муассисаҳои олии кишвар дар соҳаи маориф фаъолият доранд[2].

Мақсад аз қабули барномаву стратегияҳои давлатӣ, махсусан Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, таъмини некӯаҳволии кормандони соҳаҳои иҷтимоӣ, рушди муассисаҳои илму маориф ва фароҳам овардани шароити мусоиди фаъолият барои неруҳои зеҳнии мамлакат ба ҳисоб меравад. Ҳамасола бо Фармони Президенти кишвар музди маоши кормандони соҳаи маориф ва илм ба ҳисоби миёна аз 15 то 30 % зиёд карда мешавад, ки аз ғамхориҳои давлату ҳукумат ба ин соҳаи муҳим гувоҳӣ медиҳад. Масалан гирем, дар давоми солҳои 2000-2005 музди меҳнати кормандони соҳаи маориф 6,9 маротиб афзуда, аз 11 сомонии соли 2000 ба 76,3 сомонӣ дар соли 2005 афзуд. Аз рӯйи таҳлили маводи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнати миёнаи кормандони соҳаи маориф аз 279 сомонии соли 2014 ба 699 сомонӣ дар соли 2016 баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2000-ум 6,5 баробар зиёд аст ва нисбат ба соли 2005 бошад, 9,1 маротиба зиёд мебошад.

Солҳои охир бо амалишавии барномаҳои алоҳидаи давлатӣ таъмини мактабҳои водии Рашт бо китобу дастурҳои таълимӣ беҳтар шуда истодааст. Ҳамасола бо мақсади чопи китоб, харидории технологияи компютерӣ барои мактабҳои манотиқи гуногуни кишвар, аз фонди эҳтиётии Президенти кишвар маблағҳои муайян ҷудо карда мешаванд. Дар заминаи амалишавии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи компютеркунонии мактабҳои асосӣ ва миёнаи таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2003-2007” як қатор мактабҳои навоҳии водии Рашт соҳиби

---

[1] Маориф пояи давлатдорист: ҳисоботи мудири маорифи ноҳия //Оинаи Рашт. 2012. №25. август. – С.1-2; Воҳӯрии раис бо духтарон //Оинаи Рашт. 2015. апрел. – С. 1; Духтарони соҳибмаълумот //Оинаи Рашт. 2011. №8. август. – С.3.

[2] Паёми Раиси ноҳияи Сангвор Шоҳиён Зарифхӯҷа Фақер бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Мавҷи Хингоб. 2018. № 9. 18 сентябр. – С.1-2.

компютер шуданд. Аз рӯйи маълумоти оморӣ, агар дар соли таҳсили 2001/2002 ба сари ҳар як компютер 250 хонанда рост меомад, дар соли таҳсили 2002/2003 ин рақам ба 110 хонанда баробар шуд, ки аз суръати баланди компютеркунонии мактабҳои ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад[1].

Дар аввали солҳои соҳибистиқлолӣ дар натиҷаи харобиҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қисмати зиёди мактабу боғчаҳои навоҳии водии Рашт хароб гардиданд. Илова бар ин, аз ҷониби баъзе ашхоси мутаассиб ва гумроҳ, ки зидди таълиму тарбияи дунявӣ буданд, ин амал дидаву дониста ҷорӣ карда мешуд. Дар минтақаи Рашт кам набуданд ҳолатҳое, ки аз ҷониби ин гуна ашхос мактабҳо баста ва ё ба масҷид табдил дода мешуданд. Воқеан ин барои миллати тамаддунофари тоҷик як "фоҷиаи маънавӣ" буд[2].

Дар натиҷаи омилҳои зикршуда ва афзоиши аҳолӣ дар минтақаи Рашт, чун дигар манотиқи кишвар дар 10-соли аввали Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти норасоии биноҳои таълимӣ ба чашм мерасид. Кам набуданд мактабҳое, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доштанд. Гарчанде барои бартараф кардани ин мушкилот аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ чораҳо андешида шуданд, аммо он чанд соли баъд низ ба мушоҳида мерасид. Бо мақсади пурра аз байн бурдани ин мушкилот 27-уми августи соли 2008 (№436) Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008-2015, ки дар хонаҳои шахсӣ, вагонхонаҳо ва биноҳои маъмуриву ҷойҳои ҷамъиятӣ қарор доштанд" қабул гардид. Дар барнома сохтмон ва азнавсозии 804 адад бинои мактабҳо бо маблағи 590 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шуд. Гарчанде барнома пурра иҷро нагардид (83%) ин мушкилот дар навоҳии кӯҳии ҷумҳурӣ, хосатан водии Рашт қариб

---

[1] Годовые статистические отчеты общеобразовательных школ Раштского района (2002/2003 //БМДЧТ. Ф.360. Н.21. Б.513. В. 96с.; Годовые статистические отчеты общеобразовательных школ Джиргатольского района (2002/2003) //БМДЧТ. Ф.360. Н.21. Б.514. В. 153с.; Годовые статистические отчеты общеобразовательных школ Таджикабадского района (2002/2003) //БМДЧТ. Ф.360. Н.21. Б.515. В. 66с.; Годовые статистические отчеты общеобразовательных школ Нурабадского района (2003/2004) //БМДЧТ. Ф.360. Н.21. Б.532. В. 116с; Годовые статистические отчеты общеобразовательных школ Тавилдаринского района (2002/2003) //БМДЧТ. Ф.360. Н.21. Б.532. В. 152с.

[2] Ҳамон ҷо.

ҳал гардид. Дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ 666 адад биноҳои таълимӣ азнавсозӣ гардиданд.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамасола дар кишвар шумораи муайяни мактабҳо таъмир ва ё аз нав сохта мешаванд. Бинобар ба навиштаи муаррих Абдуфаттоҳ Шарифзода: “Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё сохтмон, таъмир ва барқарорсозии мактабҳо, биноҳои шуъбаҳои маориф дар ноҳияҳои Восеъ, Ёвони вилояти Хатлон, Айнӣ, Кӯҳистони Мастчоҳи вилояти Суғд ва ноҳияҳои Файзобод, Роғун, Нуробод, Рашт ва ноҳияи Роштқалъаи ВМКБ таъмиру таҷдид шуданд”[1].

Аз ҳисоби қарзҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Бонки рушди Осиё, Хазинаи байналмилалии ОПЕК, маблағҳои буҷаи давлатӣ аз 153 номгӯй китобҳои дарсӣ барои мактабҳои таҳсилоти умумӣ (таҳсилашон бо забони тоҷикӣ) 97 номгӯй китоб бо теъдоди 8 млн 237 ҳазор нусха бо маблағи 26 млн. 351 ҳазору 430 сомонӣ нашр гардидаанд.

Дар азнавсозӣ ва сохтмони биноҳои муассисаҳои таълимӣ нақши соҳибкорону ашхоси саховатпешаи водии Рашт назаррас аст. Ҳамасола аз ҷониби ашхоси ҷудогонаи саховатпеша мактабу муассисаҳои таълимӣ бунёд карда мешавад.

Нақшаи қабул ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол пурра иҷро мегардад. Танҳо дар соли 2003 ба мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24276 нафар, аз ҷумла 10547 нафар (43,4%) дар гурӯҳҳои буҷетӣ ва 13729 (56,6%) нафар дар гурӯҳҳои шартномавӣ қабул шуданд. Қабули донишҷӯёйн нисбат ба соли 2002 дар гурӯҳҳои буҷетӣ 1172 ва дар гурӯҳҳои ройгон 3551 нафар зиёд аст. Агар дар соли 2002 иҷрои нақшаи қабули духтарон ба мактабҳои олӣ тибқи Квотаи президентӣ 94 фоизро ташкил дода бошад, (аз 664 нафар 626 нафар қабул шудааст), соли 2003 аз 619 нафар

[1] Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2011 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С. 420.

606 нафар духтарон ба факултаҳои гуногуни мактабҳои олии ҷумҳурӣ қабул шуданд, ки 98 % иҷрои нақшаи давлатиро ташкил медиҳад.

Дар баробари муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбии зикргардида (асосан дар Душанбе, Қӯрғонтеппа, Кӯлоб ва Хуҷанд) дар тайёр кардани мутахассисони гуногун соҳа барои хоҷагии халқи мамлакат, махсусан соҳаи маориф, нақши коллеҷу омӯзишгоҳ ва донишкадаҳои минтақаи басо Рашт назаррас аст.

Агар ба гузаштаи мактабу маориф дар замони Шӯравӣ нигоҳ кунем, нахустин макотиби замонавӣ дар ноҳмяи Рашт (онвақта Ғарм) соли 1925 ташкил шуда, дар андак муддат бахши маориф ба дастовардҳои назаррас ноил гардид. Ба назари мо бузургтарин дастовард дар бахши маорифи солҳои 30-юми асри XX, ин ташкил намудани Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт мебошад. Ин омӯзишгоҳ дар соли 1932 ташкил гардида, имсол аз фаъолияти пурсамари он 89 сол пур мешавад. Дар давоми фаъолияти худ омӯзишгоҳи мазкур дар таъмини мутахассисони соҳаи омӯзгорӣ барои макотиби навоҳии водии Рашт ва дигар музофотҳои кишвар, инчунин барои таъмини мактабҳои тоҷикони ҷумҳуриҳои Ӯзбекистону Қирғизистон бо омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ нақши муассир доштааст. Таълиму тадрис дар замони Шӯравӣ дар ин омӯзишгоҳ хуб ба роҳ монда шуда буд.

Омӯзишгоҳ на танҳо омӯзгоронро барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омода мекард, инчунин довталабонро барои дохил шудан ба муассисаҳои олии касбии мамлакат низ омода мекард. Таҳлили таърихи фаъолияти омӯзишгоҳ далолат бар он мекунад, ки бештари хатмкунандагони он баъди хатми омӯзишгоҳ ба мактабҳои олии омӯзгории шаҳри Душанбе ва Қӯрғонтеппа дохил шуда, соҳиби маълумоти олӣ мешуданд.

Ҳоло омӯзишгоҳи мазкур бо он ифтихор мекунад, ки аз дастпарварони он 2 нафар ба дараҷаи академикӣ ва 40 нафар номзаду докторони илм ба воя расидаанд. Ҳоло аксари хатмкунандагони омӯзишгоҳ (айни замон Коллеҷи

омӯзгории шаҳраки Навободи ноҳияи Рашт) таҳсилоти олиро дар наздиктарин маҳалли зист Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт мегиранд.

Чи тавре ишора шуд ин аввалин муассисаи таъимӣ дар минтақа мебошад, ки дар заминаи он коллеҷу омӯзишгоҳҳои дигар дар навоҳии водии Рашт ташаккул ёфтанд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо мехостем дар бораи фаъолияти ин омӯзишгоҳ дар солҳои соҳибистиқлолӣ муфассал истода гузарем.

Баъди эълони истиқлолияти давлатӣ ва оғози ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ вазъият дар навоҳии водии Рашт мураккаб гардид. Ин вазъият бевосита ба соҳаи маориф низ бетаъсир намонд. Махсусан Омӯзишгоҳи омӯзгории Навобод вазъи мураккабро аз сар мегузаронд. 23-юми феврали соли 1993 директори он Асалов Давлатмаҳмад[1] аз ҷониби ашхоси гумроҳу бехирад ноҷавонмардона кушта шуд. Бинои омӯзишгоҳ ба доми оташ фурӯ рафта, аз он иншооти зебо қариб чизе боқӣ намонд.

Муаллифи китоби “Боргоҳи маърифат” ин ҳолатро чунин тасвир кардааст: “Бар асари бархӯрди тарафҳои муқобил бинои асосии таълимии Коллеҷ, ки он ҷо қувваҳои ҳукуматӣ муввақатан маскун шуда буданд, оташ гирифт. Бинои асосии таълимӣ бо ҳама дороии дохилаш: мизу курсӣ, қолину ҷевон, асбобу анҷоми кабинету лабораторияҳо, ки назираш дар ягон муассисаи таълимии минтақа вуҷуд надошт ба коми оташ рафт”[2]. Ҳатто баъзе овозаҳо дар бораи баста шудани омӯзишгоҳ низ паҳн мешуд, аммо бо талошу ҷонбозиҳои омӯзгорону масъулини ноҳия омӯзишгоҳ фаъолияти худро идома дод[3].

Ба назари мо яке аз дастовардҳои назарраси омӯзишгоҳ дар солҳои соҳибистиқлолӣ ташкили гурӯҳҳои духтарона дар ҷамоатҳои дурдасти ноҳия буд. Бо сабаби паёмадҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар баробари дигар қишрҳои ҷомеа омӯзгорони зиёде ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд ва ё

[1] Номбурда анқариб тамоми фаъолияти меҳнатиашро (23 сол) дар ин омӯзишгоҳ гузаронида буд.
[2] Маърӯзаи Раиси ноҳияи Ғарм дар Иҷлосияи нуҳуми (даъвати якуми)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (соли 1998) //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.84. В. 20-33.
[3] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат. Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 24-28.

тағйири касб намуданд. Дар натиҷа норасоии омӯзгорон, хосатан аз ҳисоби занону духтарон, як мушкилоти ҷиддӣ гардид, ки иқдоми таъсиси гурӯҳҳои духтаронаи омӯзишгоҳ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, гиреҳкушои он буд[1].

Чунин гурӯҳҳо соли 1995 дар назди МТМУ №3 (деҳаи Қазноқ), соли 1996 МТМУ №27 (деҳаи Навдӣ), соли 1997 МТМУ №13 (деҳаи Кадара), соли 1998 МТМУ №6 (деҳаи Санги Малик) ва ғайра таъсис дода шуданд. Дар ин гурӯҳҳо омӯзгорони омӯзишгоҳ ба тариқи вахтавӣ дарс мегуфтанд. Дар солҳои бисёр ҳам душвори 90-ум ин иқдом саривақтӣ ва самаранок буд[2].

Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№630) Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт ба Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рашт табдили ном кард. Давоми солҳои 1991-2018 шумораи ихтисосҳои коллеҷ аз як адади соли 1991 (таҳсилоти ибтидоӣ) ба ҳафт адад дар соли 2018 расонида шуд.

Сол то сол доираи фаъолияти коллеҷ мукаммал гардида, айни ҳол дар назди муассисаи мазкур мактаби ибтидоӣ-таҷрибавӣ, шуъбаи ғоибона, маркази омӯзиши забони англисӣ ва технологияи компютерӣ фаъолият доранд, ки дар солҳои истиқлолият созмон ёфтанд[3]. Давоми солҳои 1991-2016 шуъбаи рӯзонаи коллеҷро 1446 нафар (669 нафараш духтарон) ва шуъбаи ғоибонаро бошад (танҳо ихтисоси таҳсилоти ибтидоӣ) 669 нафар хатм намуданд[4].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ филиалҳои Коллеҷи омӯзгории ноҳияи Рашт дар Нуробод ва Лахш таъсис ёфта, баъдтар ба омӯзишгоҳҳои омӯзгорӣ табдил дода шуданд, ки дар тайёр кардани кадрҳои омӯзгории минтақа нақши муассир доранд[5].

Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуда, айни замон дар тарбияи кадрҳои омӯзгории водии Рашт нақши муассир дорад. Ташкили

---

[1] Маърӯзаи Раиси ноҳияи Ғарм дар Иҷлосияи нуҳуми (даъвати якуми)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (соли 1998) //Ф.2. Н.6. Б.84. В. 20-33.
[2] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат. Душанбе: Ирфон, 2018. – С. 29-32.
[3] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат. Душанбе: Ирфон, 2018. – С.51.
[4] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат. Душанбе: Ирфон, 2018. – С.81-85.
[5] Аҳмадов М. Боргоҳи маърифат. Душанбе: Ирфон, 2018. – С.51.

донишкада дар минтақа зарурати таърихӣ буда, дар рушди маориф, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ аҳаммияти калон дорад[1].

Ифтитоҳи мактаби олии омӯзгорӣ дар Раштонзамин падидаи нек ва олӣ буда, заминаҳои таърихии худро дорост. Собиқ мудири маорифи ноҳияи Рашт Муллоҷон Аҳмадов мегӯяд, ки ғояи ташкил намудани мактаби олии омӯзгорӣ дар Рашт ҳанӯз дар соли 1989 ба миён омада буд. Ба гуфтаи ӯ, дар охирҳои солҳои мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ бо вуҷуди ғамхориҳо нисбати омӯзгорон норасоии муаллимон дар макотиби водии Рашт ба назар мерасид. Дар баъзе макотиби навоҳии водии Рашт муаллимони ҷавон аз дигар минтақаҳои кишвар, ки он ҷо макотиби олии омӯзгорӣ амал мекарданд, даъват мешуданд. Бо ин ҳама, - меафзояд Муллоҷон Аҳмадов, ин ҳолат норасоии кадрҳои омӯзгориро наметавонист ба пуррагӣ барорад. Чунин як пешниҳод ба гуфтаи ӯ, бо далели набудани базаи моддиву техникӣ барои масъулини Вазорати маорифи Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон ғайримкон ҳисобида шуд.

Танҳо соли 1992 имконият даст дод, то аввалин Филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Душанбе дар ноҳияи Ғарм (ҳозира Рашт) ташкил карда шавад. Мирзохӯҷа Пиров нахустин декани факултети филологияи филиал дар ин бора чунин овардааст: “Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон ирсол намуд ва се шуъбаи рӯзона: филологияи тоҷик, таърих, математика, инчунин як гурӯҳ аз Донишгоҳи техникии Тоҷикистон кушода шуд”[2].

Мирзохоҷа Пиров, ки номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ буд, сарвари он интихоб гардид. Шуъба фаъолияти худро дар заминаи базаи Омӯзишгоҳи педагогии шаҳраки Навобод оғоз кард. Мувофиқи гуфтаи Мирзохӯҷа Пиров: “Таълими донишҷӯйён дар шаҳраки Навобод ва сипас дар шаҳраки Ғарм оғоз ёфт, ки дар ибтидо 360 нафар донишҷӯ аз устодони филиал таълим

---
[1] Исроилов, И.Н., Эшонов Б. Дониш чашмаи обест... – Рашт, 2010. –96с.
[2] Боргоҳи маърифат.Душанбе: Деваштич, 2007. – С.78.

мегирифтанд”. Ҳарчанд аз лиҳози сиёсӣ ва иқтисодӣ солҳои душвор буданд, Мирзохӯҷа Пиров навиштааст, ки мардум ҳамаҷониба филиалро дар шаҳраки Навобод дастгирӣ мекарданд: “Дар Санги Кар (деҳае дар наздикии шаҳраки Навобод,- М. А.) бо дастгирии Раиси ноҳия О. Бобоҷонов ошхона, нонвойхона ташкил намудем, ки ба ҳар як нафар донишҷӯ ва устод дар рӯз як дона нони кулча мерасид. Инчунин, як қисми одамон хайру саховаташонро ба мо арзонӣ медоштанд”[1].

Асосан ҳуҷҷатҳои бойгонӣ аз он далолат мекунанд, ки воқеан барои ташкили мактаби олии омӯзгорӣ дар минтақаи Рашт заминаҳо мавҷуд буданд. Зеро аз як ноҳияи Рашт нафарони зиёди соҳибунвон дар риштаҳои омӯзгорӣ ба воя расиданд ва бо ташкили филиал бархе аз ин устодон ба тадрис ҷалб шуданд: Мирзохӯҷа Пиров, (номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сарвари филиал), Акбар Шарифов (номзади илмҳои филологӣ, дотсент), Алишоҳ Шомаҳмадов (номзади илмҳои физика-математика, дотсент), Муродбек Одилов, номзади илмҳои тиббӣ, дотсент), Насрулло Исоев (номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент), Муҳаббат Қосимов (номзади илмҳои педагогӣ, дотсент) ва инчунин муаллимони калони соҳибтаҷриба, ки солҳои зиёд дар ДДОТ ба номи С. Айнӣ дарс дода буданд: Довуд Эшонов, Бегиҷон Эшонов; ассистентон Ҳотам Маҳрамов, Маҳмадӣ Ҳасанов, Маҳмудҷон Хоҷаев ва дигарон. Аксари омӯзгорон таҷрибаи калони педагогӣ дошта, муаллифу мураттиби китоб, дастурҳои илмиву методӣ ва мақолаҳои зиёди илмӣ-оммавӣ буданд. Масалан, Мирзохӯҷа Пиров муаллифи 12 китоби таълимӣ-методӣ, 73 мақолаи илмӣ-методӣ ва ҳамзамон яке аз муаллифони китоби “Адабиёти тоҷик” барои синфи 5 мебошад.

Солҳои 1992 – 1994 рӯз то рӯз авзои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ печида мегардид ва аз ҳисоби сокинони водии Рашт дар макотиби олии ҷумҳурӣ нафарони кам таҳсил мекарданд. Танҳо ФДДОТ ба номи Қандил Ҷӯраев (ҳоло ба номи С. Айнӣ) дар ноҳияи Рашт метавонист ҷойҳои холии макотиби ин минтақаро бо кадрҳои омӯзгорӣ таъмин намояд. Соли якум 360 нафар ба ФДДОТ дар

---

[1] Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Раштонзамин. –Душанбе: Сифат, 2014. – С.9.

ноҳияи Ғарм қабул гардиданд, ки 41 нафари онҳо духтарон буданд. Аз китоби "Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Раштонзамин" меорем: "Ҳатто ба афроди раҳгумзада, ки силоҳ ба даст гирифта буданд, мулоқот анҷом додам ва натиҷаи чунин амал ҳамин шуд, ки баъзеҳо ба ҷойи силоҳ қалам ба даст гирифтанд"[1].

Машғулиятҳо бисёр хуб мегузаштанд ва филиал аз тарафи Раиси ноҳияи Рашт Орифҷон Бобоҷонов пурра дастгирӣ меёфт. Аммо вазъи бади сиёсӣ боис он шуд, ки филиал дар таърихи 3-юми апрели соли 1993 бо Фармони Раиси ноҳия Баҳриддин Музаффаров аз Навобод ба Ғарм кӯчонида шавад. Лекин бо назардошти базаи мустаҳкаму таҷрибаи зиёди навободии омӯзишгоҳи омӯзгорӣ боз филиал аз Ғарм ба Навобод интиқол дода шуда, сарвари Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Рашт Муллоҷон Аҳмадов дар як давра роҳбари филиал таъйин мегардад. Аммо вазъи на чандон хуби сиёсӣ боис гардид, ки аз 1-уми сентябри соли 1995 фаъолияти филиали ДДОТ дар ноҳияи Рашт муваққатан қатъ гардид[2]. Боиси таассуф аст, ки аксари донишҷӯйёни филиали мазкур дар он солҳои мураккаб бо сабабҳои гуногун натавонистанд таҳсилоти худро дар шаҳри Душанбе идома диҳанд. Бисёр ҷавонон муҳоҷирати меҳнатиро ихтиёр намуда, духтарону бонувон таҳсилотро қатъ ва ҳамагӣ ҳудуди 30 нафар барои таҳсил ба ДДОТ ба номи С. Айнӣ рафтанд.

Пас аз 7 сол, санаи 22-июни соли 2002 дуюмбора фаъолияти

(ФДДОТ) яъне филиали Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт оғоз ёфта буд.

Соли таҳсили 2002/2003 дар ноҳияи Рашт шуъбаи таълими ғоибонаи факултети таърих ва филологияи тоҷики ДДОТ таъсис дода мешавад[3]. Соли 2007 шуъбаҳо ба филиал табдил дода шуда, аз 22-юми январи соли 2007,

[1] Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Раштонзамин. -Душанбе: Сифат, 2014. – С.9. Инчунин, нигоҳ кунед ба маърӯзаи Раиси ноҳияи Ғарм дар Иҷлосияи нухуми (даъвати якуми)-и Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (соли 1998) //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.6. Б.84. В.20-33.
[2] Омӯзгор, муҳаққиқ ва инсони накӯкор аз Раштонзамин. -Душанбе: Сифат, 2014. – С.10.
[3] Боргоҳи маърифат.Душанбе: Деваштич, 2007. – С.9.

Пиров Мирзохӯҷа бо фармони № 88 вазири маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон директори филиал таъин карда шуд”[1].

Соли 2008 дар ФДДОТ ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт 4 шуъбаи буҷавӣ ва 5 шуъбаи шартномавӣ амал мекарданд, ки дар онҳо 708 нафар донишҷӯйён, аз ҷумла 156 нафар духтарон, ба таълим фаро гирифта шуда буданд. Аз соли 2002 то 2007 дар филиал 4 нафар доктори илм, профессор ва 8 нафар номзад, дотсент, 10 нафар муаллими калон дарс мегуфтанд. Аввалин дастпарварон иборат аз 56 нафар филиалро соли 2007 хатм намуданд, ки ин ҳамчун воқеаи муҳимми таърихӣ номи онҳо дар китоби “Боргоҳи маърифат” (24 нафар дар риштаи филология ва 32 нафар дар риштаи таърих ва ҳуқуқ) қайд карда шуд[2].

Рӯйдоди муҳимми дигари таърихӣ он буд, ки филиали раштӣ соли 2010 соҳиби бинои панҷошёна гардид, ки дар маросими кушодашавии он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзид. Филиал дорои хобгоҳи замонавӣ мебошад. Саҳми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёди ягона мактаби олии омӯзгории ноҳияи Рашт басо назаррас аст. Маҳз бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2013 филиали мазкур мақоми донишкадаро гирифт. Сохтмони ин бино дар қатори дигар макотиби олии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои дохилӣ амалӣ гардид[3].

Донишкадаи давлатии омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт сол аз сол рушд намуда, ҳоло дар 4 факултети он аз рӯйи 16 ихтисос донишҷӯйён таҳсил мекунанд. Сол то сол шумораи донишҷӯйён меафзояд. Агар дар соли таҳсили 2013/ 2014 теъдоди донишҷӯйён дар шуъбаи рӯзона 957 нафар ва дар шуъбаи ғоибона 844 нафар бошад, пас дар соли таҳсили 2015/2016 шумораи

---

[1] Боргоҳи маърифат.Душанбе: Деваштич, 2007. – С.11.
[2] Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт “Дар бораи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2010” //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.21. В.38-53;Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Рашт “Дар бораи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2014” //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.140. В.22-50.
[3] Рушди маориф ва илм дар даврони Истиқлолияти давлатӣ. Душанбе: Маориф, 2016. – С. 211.

донишҷӯён дар шуъбаи рӯзона 1114 нафар ва дар шуъбаи ғоибона ба 1368 нафар расид[1].

Сол аз сол шумораи довталабон ба донишкада меафзояд. Масалан, тибқи иттилои Маркази миллии тестии Тоҷикистон дар соли таҳсили 2018–2019 рақами рамзии ДОТ дар ноҳияи Раштро беш аз 3000 довталаб интихоб намудаанд. Ба иттилои шуъбаи омори донишкада ин бори аввал аст, ки аз тариқи Маркази миллии тестӣ чунин шумораи зиёди довталабон донишкадаро интихоб намудаанд.

ДОТ дар ноҳияи Рашт аз лиҳози базаи модиву техникӣ тайи ин солҳо рушд намуда, ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет пайваст гардид. ДОТ дар ноҳияи Рашт дар соли таҳсили 2017/2018 аз низоми анъанавӣ пурра ба низоми таҳсилоти кредитӣ, ки тибқи талаботи бозори таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад гузашт.

Дар донишкада ҳамзамон корҳои илмӣ низ ба таври чашмрас зиёд гардида, сол аз сол теъдоди номзадҳои илм меафзояд.

Хулоса, фаъолияти мактаби олии омӯзгорӣ дар шаҳраки Ғарми ноҳияи Рашт иқдоми таърихии Ҳукумати Тоҷикистон ва самараи бебаҳои истиқлолияти давлатӣ аст, ки имрӯз кадрҳои он дар соҳаи маориф ва дигар бахшҳои ҳаётан муҳимми истеҳсолот кору фаъолияти мондагор менамоянд.

Новобаста аз дастгириҳои Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини муассисаҳои таълимии умумӣ бо кадрҳо имрӯз низ норасоии омӯзгорон қариб дар ҳама навоҳии водии Рашт ба чашм мерасад. Махсусан норасоии омӯзгорони фанҳои дақиқ, табиӣ, риёзӣ ва забонҳои хориҷӣ бештар ба назар мерасад. Бешак таҳлили адабиёти мавҷудаи илмӣ ва маводи бойгонӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки сабаби ин мушкилот ибтидои худро аз солҳои 90-ум мегирад, яъне ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, муҳоҷират ва тарки касб кардани омӯзгорон, паст будани музди меҳнати кормандони соҳа ва ғайра. Ин раванд бештар дар солҳои 1991-2000-ум мушоҳида мешуд (ниг. ба ҷад. зер).

---

[1] Ҳисоботи солонаи ректори ДОТ дар ноҳияи Рашт барои соли хониши 2016-2017 //www.dot.tj //Санаи муроҷиат: 4.12.2017.

**Ҷадвали №14**

**Шумораи омӯзгорони муассисаҳои рӯзонаи таҳсилоти умумӣ дар водии Рашт (дар аввали соли таҳсил)[1]**

| | | Шумораи хонандагон вобаста ба соли таҳсил (бо миқдори ҳазор нафар) | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | Номи ноҳия | 1991/ 1992 | 1992/ 1993 | 1993/ 1994 | 1994/ 1995 | 1995/ 1996 | 1996/ 1997 | 1997/ 1998 | 1998/ 1999 | 1999/ 2000 | 2000/ 2001 |
| 1. | Нуробод | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 0,2 | 1,3 | 1,2 | 1,2 | 1,2 |
| 2. | Сангвор | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,3 | 0,4 |
| 3. | Рашт | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 |
| 4. | Тоҷикобод | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,7 |
| 5. | Лахш | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,7 | 0,8 | 1,3 | 0,9 | 0,9 |

Чи тавре аз рақамҳои оморӣ бар меояд, қариб дар ҳама навоҳии водии Рашт дар ин ин марҳала шумораи омӯзгорон майл ба камшавӣ дорад. Аз тарафи дигар ба мактаб шахсоне роҳ ёфтанд, ки дорои маълумоти миёнаи умумӣ буданд. Ин вазъ албатта ба сифати таълиму тарбия низ бетаъсир намонд. Аз тарафи дигар омӯзгорони ҷавоне, ки муассисаҳои таълимии кишварро хатм намуда ба касби омӯзгорӣ машғул мешуданд, дониши казоӣ надоштанд, ки ин омил низ таъсири манфии худро ба сифати таълим дар минтақа мерасонид. Лозим ба тазаккур аст, ки ин мушкилот танҳо хоси мактабу маорифи водии Рашт набуда, анқариб дар ҳама манотиқи ҷумҳурӣ ба чашм мерасид.

Мушкилоти дигари марбут ба низоми маорифи навоҳии водии Рашт дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ин норасоии биноҳои таълимӣ ва умуман мактаб буд. То солҳои охири Ҳокимияти Шӯравӣ минтақа дар таъмини хонандагон бо биноҳои таълимӣ қариб мушкилот надошт, аммо дар натиҷаи ҷанги таҳмилӣ, дар баробари ҳазорҳо биноҳои маъмуриву истиқоматӣ, садҳо мактаб низ ба доми оташ рафта, таҷҳизоту васоити таълимӣ ғорат карда шуданд. Дар ин бора маълумоти мудири Шуъбаи маорифи ноҳияи Сангвор – Хоҷаев С.У. (соли 1995) мисол шуда метавонад: “Дар мактабҳои №1, №4, №8,

[1] Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2001. – С.7.

№2 дастгоҳҳои кабинетҳои лингофонӣ, радиоузелҳо ва компютерҳо ғорат карда шуданд. Дар бесарусомониҳои вақтҳои охир аз онҳо асаре намондааст. Ҳоло бошад, дарёфт намудани чунин воситаҳои техникӣ амри маҳол мебошад. Аз ин рӯ роҳбарони мактабҳоро лозим аст, ки чунин воситаҳоро эҳтиёт кунанд"[1].

Мутаассифона, ғорати ҳамагуна моликияти давлатӣ, махсусан муассисаҳои таълимӣ дар ҳама навоҳии минтақа ба чашм мерасид, ки то имрӯз гарчанде давлат садҳо ҳазор доллари амрикоиро барои барқарор кардани онҳо сарф намудааст, аммо то ҳол ин мушкилот ҷой дорад.

Маҳз барои ҳамин дар солҳои 90-ум дар вагонхонаву хонаҳои шахсӣ ва дигар биноҳои маъмурӣ ҷойгир шудани мактабҳо як чизи маъмулӣ гардид. Аз гуфтаҳои шоҳидон ва маводи бойгонӣ маълум мегардад, ки кам набуданд ҳолатҳое, ки мактабҳои дунявӣ, аз ҷониби шахсони мутаассибу куҳнапараст ба мадрасаву масҷидҳо иҷборан табдил дода мешуданд. Ин падидаро метавон донишсӯзӣ ва гумроҳсозии ҷомеа (хосатан наврасону ҷавонон) ном бурд. Маҳз дар асоси омилҳои номбурда дар солҳои 90-уми қарни гузашта кам шудани биноҳои таълимӣ ва хонандагон ба чашм мерасад (нигаред ба ҷадвали зер).

**Ҷадвали №15**

**Шумораи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон рӯзона, дар водии Рашт (дар аввали соли таҳсил)[2]**

| | | **Шум. Мактабҳо** | **Шумораи хонандагон вобаста ба соли тахсил (бо шумори ҳазор нафар)** | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **№** | **Ноҳия** | **2000/ 2001** | **1991/ 1992** | **1992/ 1993** | **1993/ 1994** | **1994/ 1995** | **1995/ 1996** | **1996/ 1997** | **1997/ 1998** | **1998/ 1999** | **1999/ 2000** | **2000/ 2001** |
| **1.** | Нуробод | **73** | 12,6 | 12,2 | 12,2 | 12,8 | 13,2 | 12,2 | 13,1 | 13,1 | 13,9 | 14,0 |
| **2.** | Сангвор | **49** | 2,2 | 2,2 | 2,5 | 2,6 | 2,7 | 2,6 | 3,1 | 3,2 | 3,3 | 3,3 |
| **3.** | Рашт | **104** | 17,6 | 22,6 | 22,1 | 22,9 | 23,2 | 23,8 | 24,6 | 25,7 | 26,9 | 27,6 |
| **4.** | Тоҷикобод | **43** | 6,2 | 5,9 | 6,1 | 6,3 | 6,7 | 6,9 | 7,2 | 7,7 | 8,0 | 8,1 |
| **5.** | Лахш | **51** | 12,8 | 12,7 | 12,4 | 12,9 | 12,6 | 12,6 | 12,3 | 12,8 | 12,8 | 13,2 |

Чи тавре аз рақамҳои оморӣ мушоҳида мешавад шумораи хонандагони муассисаҳои таълимии рӯзона дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ (1992-

---

[1] Иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара аз 28.11. 1995 //Филиали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷмкистон дар ноҳияи Рашт. Ф.7. Н.1. Б.7. В.40-41.

[2] Ҷадвали мазкур дар асоси ҳисоботи солонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019. - С.79.

1997) майл ба камшавӣ доштанд, ки бешак омили асосии он вазъи мураккаби сиёсии минтақа ба ҳисоб мерафт. Таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ собит менамоянд, ки муҳоҷирати иҷбории аҳолӣ, мушкилоти иқтисодӣ ва монеъшавии баъзе аз волидон барои таҳсили фарзандонашон дар мактабҳои дунявӣ, омилҳои ҷузъии кам шудани хонандагон дар МТМУ буданд.

Аз тарафи дигар норасоии биноҳои таълимӣ ва омӯзгорон низ сабаби дигари мушкилот буд. Дар ҳисоботи мудири Шуъбаи маорифи ноҳияи Тоҷикобод Назрӣ Худойдодов соли 1992 доир ба вазъи маорифи ноҳия чунин зикр шуда: "Ҳолати кори маориф хело вазнин мебошад. Масъалаи таҳсили хонандагон хуб нест. Биноҳои таълимӣ намерасанд, аз 384 нафар омӯзгорон 77 нафарашон дорои маълумоти умумӣ мебошанд"[1].

Дар ҳисоботи мудири Шуъбаи маорифи ноҳияи Сангвор Хоҷаев С.У. соли 1995 доир ба вазъи маорифи ноҳия чунин омадааст: "Масъалаи таълиму тарбия хеле душвор аст. Хонандагон сару либос ва пойафзоли дуруст надоранд. Бинобар ҳамин иштироки хонандагон дар дарсҳо хеле суст мебошад... Мувофиқи нақша имсол мебоист 68 нафар омӯзгорон баъди хатми мактабҳои олӣ ба ноҳия меомаданд, аммо то имрӯз 4 нафар хозир шудаасту халос"[2]. Ин мушкилоту норасоиҳо хоси ҳама навоҳии водии Рашт буданд[3].

Дар ин марҳала (солҳои 1991-2000) Ҳукумати мамлакат ва ниҳодҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва минтақа талош бар он мекарданд, ки муассисаҳои таълимии мавҷуд буда аз фаъолият боз намонанд. Чи тавре аз ҷадвали боло бар меояд баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон афзоиши хонандагон (гарчанде ночиз буд) ва таъмири биноҳои харобгашта пайваста амалӣ карда мешуд[4].

---

[1] Сессияи дуюми (даъвати 21-ум) Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Тоҷикобод аз 22. 01. 1992 //Филиали Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Ф.4. Н.1. Б.10. В.7.

[2] Иҷлосияи дуюми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Тавилдара а 28.11. 1995 //Филиали бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт Ф.7. Н.1. Б.7. В.2.

[3] Маърӯзаи Раиси ноҳияи Рашт дар Иҷлосияи чордаҳуми (даъвати дуюм) Маҷлиси вакилони халқи ноҳия (соли 2008) //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.21. В.71-100; Ҳисоботи муовини аввали раиси ноҳияи Нуробод дар бораи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар нимсолаи аввали соли 2009 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.1. Б.32. В.1-14; Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012 //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.46. В.131-159.

[4] Равшанзод, Маликфаридуни. Гражданское противостояние и миротворческий процесс в Республике Таджикистан в 90-годы ХХ в.: дис. ... кан. ист. наук/М. Равшанзод. – Душанбе, 2019. – 219с; Холмуродова М.Б. Таърихи раванди оштии миллии тоҷикон дар ҷанги шаҳрвандӣ (солҳои 1991-2001): дис. ... барои дарёфти доктори фалсфа (PhD)/ М.Б Холмуродова.–Кӯлоб, 2020. –176с.

Шурӯъ аз соли таҳсили 2001/2002 дар сохтмон ва фаро гирифтани кӯдакони синни мактабии навоҳии водии Рашт ба таҳсил ҳадафи асосии ниҳодҳои номбурда гардид, ки то соли 2010 қариб пурра иҷро гардид. Дар ин марҳала шумораи зиёди муассисаҳои таълимӣ аз таъмири ҷорӣ ва асосӣ гузаронида шуданд. Сабаб дар он буд, ки дар муқоиса ба дигар манотиқи мамлакат, биноҳои таълимии навоҳии минтақаи Рашт бештар зарар дида буданд, зеро амалиёти ҷангӣ дар ин минтақа бевосита сурат гирифта буданд.

Шурӯъ аз соли таҳсили 2010-2011 марҳалаи сеюм оғоз мегардад, ки дар ин марҳала дар баробари таъмир ва сохтмони биноҳои таълимӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо китобҳои дарсӣ, компютерҳо ва дигар таҷҳизоти зарурӣ амалӣ карда шуд. Дар барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии водии Рашт маблағҳои зиёде барои ҳалли мушкилоти соҳаи маориф равона шуданд (нигаред ба ҷадвал).

***Ҷадвали №16***

**Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон рӯзона дар водии Рашт (дар аввали соли таҳсил)**[1]

| | | Шум. Макта бҳо | Шумораи хонандагон вобаста ба соли таҳсил (бо шумори ҳазор нафар) | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| № | Номи ноҳия | 2018/ 2019 | 2009/ 2010 | 2010/ 2011 | 2011/ 2012 | 2012/ 2013 | 2013/ 2014 | 2014/ 2015 | 2015/ 2016 | 2016/ 2017 | 2017/ 2018 | 2018/ 2019 |
| 1. | Нуробод | 85 | 15,2 | 14,8 | 14,6 | 14,9 | 15,1 | 15,2 | 15,3 | 15,4 | 16,3 | 16,9 |
| 2. | Сангвор | 59 | 5,1 | 5,1 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,3 | 5,2 | 5,2 | 5,1 |
| 3. | Рашт | 113 | 22,2 | 22,6 | 22,1 | 22,9 | 23,2 | 23,8 | 24,6 | 25,7 | 26,9 | 27,6 |
| 4. | Тоҷикобод | 43 | 9,3 | 9,0 | 8,9 | 8,8 | 8,7 | 8,6 | 8,9 | 9,0 | 9,4 | 9,6 |
| 5. | Лахш | 61 | 14,4 | 14,4 | 14,1 | 14,3 | 14,3 | 13,1 | 13,2 | 13,1 | 13,2 | 13,0 |

Агар маълумотҳои омории ҷадвалҳои зикршударо таҳлил намоем, тағйироти куллиро ҳам дар шумораи биноҳои таълимӣ ва ҳам дар шумораи хонандагон мушоҳида хоҳем кард. Барои мисол, шумораи хонандагони навоҳии водии Рашт дар соли таҳсили 2021/2022 дар муқоиса ба соли

[1] Ҷадвали мазкур дар асоси ҳисоботи солонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омориии Агентии омори назди Президенти ҶТ таҳия шудааст. Минтақаҳои Тоҷикистон. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2021. – С.79; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷори ҳокимияти иҷроияи давлатии ноҳияи Рашт Тоҷикобод. 2021. 25с.; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тоҷикобод оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷори иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод. 2021. 22с.; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. 2021. 20с.; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Лахш оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. 2021. 28с.; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Нуробод оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод. 2021. 18с.

1991/1992 ба маротиб афзудааст: дар ноҳияи Нуробод аз 12,6 ба 16,9, Сангвор аз 2,2 ба 5,2, Рашт аз 17,6 ба 30,2, Тоҷикобод аз 6,2 ба 11,1 Лахш аз 12,8 ба 13,2 ҳазор зиёд гардидааст[1].

Афзоиши босуръат, зарурати таъмир ва сохтмони биноҳои таълимиро ба миён овард. Чи тавре аз маълумоти омории ҷадвалҳои боло пай бурдем, шумораи муассисаҳои таълимӣ (асосан МТМУ) дар соли таҳсили 2000/2001 дар ноҳияи Нуробод 79 ададро ташкил дода бошад, дар соли таҳсили 2021/2022 ба 85 адад, дар ноҳияи Сангвор аз 49 ба 59 адад, дар ноҳияи Рашт аз 104 ба 113 адад, дар ноҳияи Тоҷикобод аз 43 ба 51 адад, дар ноҳияи Лахш аз 51 ба 61 адад расонида шуданд. Илова бар ин, дар бештари муассисаҳои таълимии водии Рашт синфхонаҳои иловагӣ сохта ба истифода дода шуданд[2].

Таҳлили адабиёти мавҷуда ва матбуоти даврӣ нишон медиҳад, ки сохта ба истифода дода шудани биноҳои таълимӣ ва синфхонаҳои иловагӣ дар минтақа аз се манбаи молиявӣ амалӣ шудаанд:

- аз ҳисоби маблағҳои буҷавӣ;
- аз тарафи соҳибкорон ва дигар ашхоси саховатпеша;
- аз ҳисоби маблағҳои беруна: ташкилоти молиявии байналмилалӣ, фондҳо, сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ ва ғайра.

Дар натиҷаи тадбиқи иқдомҳои зикршуда имрӯз қариб пурра хонандагони синни мактабӣ дар ҳама навоҳии водии Рашт ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Ба назари мо таъсиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 ва баргузории имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ тавассути он аз ҷумлаи дастоварди назарраси низоми маорифи кишвар буд. Он тавонист баъзе монеа ва мушкилоти довталабонро осон ва имконияти дохилшавиро ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбӣ беҳтар намояд. Имрӯз довталабе, ки дониши казоӣ дорад ҳеҷ кас ва

---
[1] Ҳамон ҷо.
[2] Маҷмӯаи омории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2016 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. – С. 181.

ҳеҷ чиз монеаи дохил шуданаш шуда наметавонад. Илова бар ин, чунин падидаҳои манфӣ ба монандӣ гирифтани ришва, таѓобозӣ, хароҷоти зиёд барои рафтуомад (махсусан дар арафаи дохилшавӣ) ва ғайраҳо, бартараф гардиданд.

Дар арафаи таъсиси ММТНПҶТ сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба вазифаҳои ин ниҳоди маориф сухан гуфта, таъкид намуданд: "Вазифаи Маркази миллии тестӣ танҳо амалӣ гардонидани низоми ягонаи қабули имтиҳонҳо ба мактабҳои олӣ нест. Ин сохтори навтаъсис вазифадор аст, ки баъди анҷоми қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои омӯзиш ва мониторинги сифати таълими фанҳои гуногун дар шаҳру ноҳияҳо, мактабҳои алоҳида ва умуман дар ҳар як муассисаи таҳсилоти умумӣ таҳлилҳо гузаронад ва хулосаҳои худро барои беҳтар намудани сифати таълиму тадрис ба Вазорати маориф ва илм пешниҳод намояд"[1].

Маркази миллии тестӣ дар асоси фармону супоришҳои Сарвари давлат фаъолияташро ба роҳ монда, ҳамасола дар бораи сатҳу сифати дониши довталабони тамоми манотиқи ҷумҳурӣ санҷишу таҳлилҳо гузаронида, хулоса ва пешниҳодҳои худро ба муассисаҳои дахлдор ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ пешниҳод мекунад[2].

Рафти фаъолияти 6-солаи марказ (2014-2020) нишон дод, ки дар низоми маорифи кишвар, махсусан ноҳияҳои дурдаст, мушкилиҳо хело зиёданд. Норасоии асосӣ паст будани сатҳи дониши хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти миёнаи умумии асосӣ мебошад. Таҳлилҳои имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ нишон медиҳанд, ки анқариб дар ҳама навоҳии водии Рашт ин мушкилот ҷой дорад. Имрӯз низ кам нестанд ҳолатҳое, ки баъзе аз падару модарон барои таҳсили духтарон дар муасссисаҳои миёна ва олии касбӣ монеа мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамоно афкору ақоиди иртиҷоӣ ва хурофот омили асосии ин

[1] Суханронии сарвари давлат дар ифтитоҳи бинои ММТНПҶТ //www.prezident.tj //Санаи муроҷиат : 20.02.2018

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. 171с.

падидаи манфӣ мебошад. Мутаассифона, дар муқоиса ба дигар манотиқи ҷумҳурӣ ин мушкилот дар навоҳии водии Рашт бештар ба чашм мерасад. Барои тасдиқи фикри хеш мехостем якчанд рақамҳои омориро аз натиҷаи ИМД дар соли 2019 биёрем[1].

Аз ҳисоботи соли 2019-и ММТНПҶТ пайдост, ки: "шаҳру ноҳияҳо бо ҳиссаи камтарини духтарони хатмкунандаи синфи 11-уми азқайдгузашта ба Нуробод (5,28 %), Тоҷикобод (5,5 %), Кӯҳистони Мастчоҳ (16,2 %), Рашт (19,65 %), Лахш (20,74 %), Роғун (30 %), Сангвор (32,12 %), Ҷайҳун (38,85 %), Мурғоб (39,13 %) ва Деваштич (40,31 %) рост меоянд. Дар ИМД-и солҳои 2016-2018 низ ҳиссаи духтарони азқайдгузаштаи ноҳияҳои Нуробод, Тоҷикобод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Рашт, Лахш, Роғун, Сангвор, Ҷайҳун, Мурғоб ва Деваштич нисбат ба ҳиссаи духтарони азқайдгузаштаи шаҳру ноҳияҳои дигар кам буд"[2].

Бинобар ба ҳисоботи ММТНПҶТ дар 3-4 соли охир маълум мегардад, ки дар аксар ноҳияҳои водии Рашт, дар муқоиса ба ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ, шумораи ниҳоят ками духтарон барои дохил шудан ба муассисаҳои олии кишвар (баъди хатми синфи 11) ҳуҷҷат супоридаанд. Аз рӯйи пурсишҳо ва таҳлилҳо маълум мегардад, ки бештари духтарон-хатмкунандагони МТМУ-и водии Рашт хоҳиши идомаи таҳсилро дар муассисаҳои олии кишвар доранд, аммо бо омилҳои дар боло зикршуда ин ғайриимкон гаштааст.

Аз таҳилҳои оморӣ равшан аст, ки ин раванди манфӣ дар соҳаи маорифи минтақа мушкилоти зиёдро ба бор овардааст, ки муҳимтарини онҳо зиёд будани пошхӯрии оилаҳои ҷавон (аз сабаби омода набуданашон ба ҳаёти мустақилона), норасоии кормандони соҳаи тиб, аз ҳисоби занону

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019. – С.11-26.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. - С. 20.

духтарон, фавти зиёди кӯдакони навзод, норасоии омӯзгор заноне, ки дорои маълумоти олии касбӣ ҳастанд ва ҳоказо[1].

Ҳамасола Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои кории худ ба ин минтақа ин мавзӯи доғро мебардоранд ва таъкид месозанд, ки мақомоти дахлдор бояд кори худро дар ин самт ҷоннок созанд, то падару модарон (аз рӯйи эҳсоси динӣ М.А.) монеаи таҳсили фарзандон-духтарон барои таҳсилашон нашаванд. Ҳатто аз суҳбатҳо бо духтарон пурсон мешаванд, ки касе хоҳиши хондан дар донишкадаву донишгоҳҳои пойтахтро дорад? Дар сурати пайдо шудани хоҳишмандон онҳоро бе ҳеҷ имтиҳон ба донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ дохил мекунанд[2]. Ё ҳамасола ба тариқи Квотаи президентӣ шумораи зиёде (дар муқоиса ба навоҳии дигар) аз духтарони Раштонзамин ба таҳсил фаро гирифта мешаванд. Сарвари давлат мушкилоти мазкурро дар минтақа хуб медонанд ва чораҳо ва иқдомҳои дар боло зикр шуда далели онанд. Аммо, кори сохторҳои марбутаи шаҳру навоҳии минтақа дар ин самт беҳбудӣ мехоҳанд.

Бо дарназардошти ин вазъ, Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, шуъбаҳои маориф, роҳбаони Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умуми вазифадоранд, ки сиёсати ҳукуматро дар ин самт ҷоннок созанд, пеш аз ҳама корҳои ташвиқотӣ ва фаҳмондадиҳиро бо волидон пурзӯр намоянд.

Мутаассифона, аз ҳисоби умумии хатмкунандагон (писарон ва духтарон) низ ин ҳолат мушоҳида мешавад. Дар ҳисоботи солонаи ММТНПҶТ[3] чунин омадааст: “Дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод (24,98%), Тоҷикобод (32,26%), Лахш (35,35%), Мурғоб (36,81%), Рашт (44,63%), Кӯҳистони Мастчоҳ (46,49 %), Роғун (47,07%) ... ҳиссаи камтари хатмкунандагони соли ҷории мактабҳои ин шаҳру ноҳияҳо нисбат ба шаҳру

---

[1]Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Дарбанд Зиёратшо Саъдуллоев аз 25-уми декабри соли 2001 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.2. Б.160. В.1-18; Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ҷиргатол дар соли 2011 ва вазифаҳо барои соли 2012 //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.46. В.131-159; Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Нуробод Ҷобиров Д.П. дар соли 2009 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.1. Б.32. В.65-81; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт “Дар бораи тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2001” //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.115. В.13-66.

[2] Чунин ҳолатҳо анқариб дар ҳама сафарҳои кории Президенти мамлакат ба навоҳии минтақаи Рашт мушоҳида мешаванд.

[3] Аз рӯйи натиҷаи ИМД дар соли 2019.

ноҳияҳои дигар барои иштирок дар ИМД-2019 аз қайд гузаштааст. Ҳиссаи хатмкунандагони ин шаҳру ноҳияҳо дар солҳои 2016-2018, ки дар ин солҳо барои ИМД аз қайд гузашта буданд, нисбат ба шаҳру ноҳияҳои дигар камтар буд”[1].

Чи тавре аз маълумоти овардашуда маълум гардид қисмати зиёди хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии навоҳии водии Рашт барои дохил шудан ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ҳуҷҷат насупоридаанд. Дар ҳеҷ як ноҳияҳои зикршудаи водии Рашт хатмкунандагони ҳуҷҷатсупурда ҳатто ба 50% намерасад, ҳоло он, ки дар ноҳияҳои дигар ин нишондод хеле баланд аст. Масалан, шумораи хатмкунандагоне, ки барои дохил шудан ба донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат тавассути ИМД (соли 2019) ҳуҷҷат супурдаанд дар ноҳияи Шуғнон 82,3%, Бохтар 82,3%, Ишкошим 82,3%, Фирдавсӣ 82,3%, Мӯминобод 82,3%, Сино 82,3%, Ёвон 75,86%, Исмоиои Сомонӣ 75,74%, Кӯлоб 75,52%, Данғара 75,24% ва Вахш 75,22% рост меояд[2].

Аз таҳлили нишондоди ин шаҳру ноҳияҳоро муқоиса пайдост, ки аз нишондоди ноҳияҳои Нуробод, Тоҷикобод ва Лахши водии Рашт як баробар зиёд аст. Илова бар ин як қисми хонандагон, махсусан духтарони навоҳии водии Рашт дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ то синфи 9 таҳсил мекунанд. Барои мисол ноҳияи Нурободро мегирем. Давоми солҳои 2006-2009 аз ҳисоби умумии хатмкунандагони синфи 9 танҳо 41% таҳсилро дар синфи 10-ум идома доданд, ки шумораи умумии духтарон 22% ташкил медод. Таҳлили маълумоти оморӣ ва ҳуҷҷатҳои бойгонӣ собит менамояд, ки на танҳо дар ноҳияи Нуробод, балки дар дигар навоҳии минтақа низ аз рӯйи баробарии гендерӣ фарқияти калон вуҷуд дорад[3]. Албатта ин ҳолат ба меъёрҳои қоннунгузории мамлакат ва таълими дунявӣ мухолифат намуда, чораандешии таъҷилиро тақозо дорад.

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. – С. 20.
[2] Ҳамон ҷо. С.19-23.
[3] Программа развития Нурабадского района на 2009-2001. Душанбе, 2009. – С.7.

Ин раванд танҳо хоси иштироки довталабони навоҳии водии Рашт дар ИДМ ва идомаи таҳсил набуда, дар сатҳу сифати азхудкунии барномаи таълимӣ низ ба чашм мерасад. Дар 3 соли охир (2018, 2019, 2020) шумораи довталабони минтақаи Рашт, ки ба тақсимот роҳ ёфта, ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дохил мешаванд, дар муқоиса ба ноҳияҳои дигар хеле кам аст[1].

Инчунин, дар олимпиадаҳои гуногуни сатҳи ҷумҳурӣ, ки аз ҷониби ММТНПҶТ гузаронида мешавад, анқариб хонандагони навоҳии водии Рашт ҷойҳои ифтихориро сазовор намешаванд[2].

Таҷрибаи давлатҳои рушдкарда ва муваффақ нишон медиҳад, ки барои тарбияи кадрҳои баландихтисос таҳсилоти миёнаи умумӣ нокифоя аст. Дар ин раванд таҳсилоти томактабӣ нақши калидӣ дорад. Мутаассифона, баъди пош хӯрдани ИҶШС ва вазъи мураккаби сиёсии мамлакат кори муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ хело заиф гашта, ҳатто онҳо майл ба камшавӣ оварданд, ки навоҳии водии Рашт низ аз ин раванд истисно нест. Баъди фароҳам омадани шароити осоишта барои ҷоннок кардани кори муассисаҳои томактабӣ баъзе корҳо анҷом дода шуданд, аммо вазъ ҳамоно нигаронкунанда боқӣ мондааст[3].

Бинобар ба гузориши оморӣ дар ноҳияи Тоҷикобод соли 2021 шумораи кӯдакони томактабӣ 7600 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора танҳо 1,0 фоизаш ба муассисаҳои томактабӣ ҷалб шудаанд, ки ташвишовар аст. Дар ноҳия ҳамагӣ як боғчаи бачагона бо фарогирии 60 нафар кӯдак ва 15 маркази инкишофи барвақтии кӯдакони шашсола фаъолият мекунанд. Дар Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия таъмири асосии боғчаи

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. - С. 53-54; Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф в илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. - С.1-28.
[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, декабри соли 2019. 171с.
[3] Ифтитоҳи боғчаи "Зебуннисо" дар Нуробод //Омӯзгор. 2016. 30 сентябр.

“Парасту”-и ноҳия пешбинӣ шудааст, ки метавонад барои фарогирии 50 нафар кӯдак имконият фароҳам ояд[1].

Соли 2013 дар ноҳияи Сангвор (Тавилдара) як муассисаи томактабӣ бо теъдоди 22 тарбиятгиранда фаъолият мекард, ки дар он ду мураббӣ фаъолият доштанд. Соли 2020 шумораи боғчаҳо ба 3 ва тарбиятгирандагон ба зиёда аз 100 нафар расонида шуд. Инчунин шумораи марказҳои инкишофи кӯдакон, ки асосан дар назди МТМУ фаъолият мекунанд, аз ду адади соли 2020 ба 15 адад дар соли 2021 расонида шуданд[2].

Дар ноҳияи Лахш шумораи муассисаҳои томактабӣ аз се адади соли 2013 дар соли 2020 ба 6 адад, шумораи тарбиятгирандагон аз 169 нафар ба 216 (100 нафараш духтарон) нафар расонида шуд, ки дар онҳо имрӯз 16 нафар мураббӣ, ки 12 нафарашон дорои маълумоти олӣ мебошад, фаъолият мекунанд[3].

Чунин ҳолат дар ноҳияҳои Рашт ва Нуробод низ ба чашм мерасад. Дар минтақаи Рашт ду муассисаи томактабӣ бо фарогирии 167 тарбиятгиранда дар ноҳияи Нуробод бошад 1 муассиса фаъолият мекунад[4].

Бояд тазаккур дод, ки бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ноҳияи Рашт бинои нави замонавии боғчаи бачагонаи “Ахтарак” , ки аз тарафи соҳибкорони ватанӣ сохта шудааст, ба истифода дода шуда, айни замон дар ноҳия сохтмони бинои боғчаи бачагона дар шаҳраки Ғарм идома дошта, инчунин аз ҳисоби собиқ биноҳои муассисаҳои таълимӣ, ки дар онҳо биноҳои нав сохта шуданд, баъд аз таъмиру тармим бунёд ва ба кор оғоз

---

[1] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020. Тоҷикобод, 2017. - С.34-37; Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар соли 2018 //Бойгонии ҷори Мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллии ноҳияи Сангвор. 2018. - С.3-8.

[2] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тавилдара барои солҳои 2013-2017. Тавилдара, 2012. – С.35-37.

[3] Программа социального и экономического развития Джиргатольского района на 2013-217 годы. Джиргатоль, 2013. – С.41; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. Лахш, 2017. – С.28-29.

[4] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020. Рашт, 2017. – С.22; Программа социального и экономического развития Нурабадского района на 2013-217 годы. Нурабад, 2013. – С.37.

намудани 3 боғчаи бачагона дар деҳоти Навдӣ, Нусратулло Махсум ва Ҳоит ба нақша гирифта шудааст[1].

Аз маълумоти овардашуда равшан аст, дар ҳама навоҳии водии Рашт фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ аз 1 то 2,5 фоизро ташкил медиҳад, ки натиҷаи хеле паст аст. Бешак, ин ба сатҳи дониш ва ҷаҳонбинии хонандагон дар оянда таъсиргузор аст.

Чи тавре, ки дар ҳисоботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, мушкилоти дигари муассисаҳои томактабии навоҳии Рашт дар он аст, ки биноҳои бештари онҳо ба таъмир ниёз дошта, баъзеашон дар ҳолати садамавӣ қарор доранд. Инчунин, дар самти касбияти мураббияҳо ва сифати кори муассисаҳои томактабии минтақа мушкилиҳо ҷой доранд[2].

Соли 2019 “Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2025” (аз 22.06.2019, №316) қабул гардид, ки мақсади асоси он рушди зинаҳои таҳсилоти томактабӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия дар ин муаассисаҳо мебошад. Боварӣ ҳаст, ки бо амалӣ шудани барномаи мазкур қисме аз мушкилоти соҳа бартараф шуда, шумораи онҳо низ афзоиш хоҳад ёфт[3].

Ҳамин тавр, таҳлили вазъи маорифи навоҳии водии Рашт дар солҳои истиқлолият нишон медиҳад, ки он дорои ҷанбаҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад. Татбиқи барномаву стретегияҳои давлатӣ дар ин самт натоиҷи мусбии худро собит намуданд, ки афзоиши ҳамасолаи маблағгузории соҳа, барқарорсозии садҳо иншооти таълимии дар рафти ҷанг харобгашта, пайваста сохта шудани синфхонаҳои иловагӣ дар назди МТМУ, сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ ва ҷалби бештари хонандагон ба ин муассисаҳо (хосатан духтарон), бо китобу барномаҳои таълимӣ, компютер ва дигар

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатии ноҳияи Рашт. 2021. С.8.
[2] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. – С.11-13.
[3] Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2020 //Бойгонии ҷории Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.– С.14-94.

таҷҳизоти муосири таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, дохил шудани хатмкунандагони МТМУ ба тариқи Квотаи президентӣ дар муассисаҳои олии касбӣ ва ҳоказо далели онанд.

Дар баробари дастовардҳои соҳа дар сӣ соли истиқлоли давлатӣ ҳанӯз нуқсону камбудиҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки дастрасии нобаробари занону духтарон ва писарон барои таҳсил дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ (асосан аз рӯйи эҳсоси динӣ), паст будани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, норасоии омӯзгорони фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ, шумораи ниҳоят ками муассисаҳои томактабӣ, танқисии ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра, аз ҷумлаи онҳоянд.

Аз таҳлили маводи бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда хулоса метавон кард, ки ин мушкилоту норасоиҳо аз нобасомониҳои солҳои 90-ум маншаъ гирифта, то имрӯз вуҷуд доранд. Хурсандиовар он аст, ки талошу ғамхориҳои Ҳукумати кишвар, махсусан Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рафъи онҳо пайваста эҳсос мешавад.

## 2.2. Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ва нақши онҳо дар боло бурдани фарҳанги аҳолӣ

Халқи тоҷик аз зумраи халқҳои қадимтарини Осиёи Миёна буда, дар тӯли таърихи пурғановаташ ба ҳуҷуми аҷнабиён ва сафҳаҳои торики хеш нигоҳ накарда, фарҳанги бойи моддиву маънавие офарид, ки он асоси фарҳангу тамаддунҳои қадиму асримиёнагии минтақа гардид.

Новобаста аз маҳдудиятҳои замонӣ Шӯравӣ (нисбат ба фарҳанги миллӣ) тоҷикон тавонистанд дар ин Иттиҳод худро ҳамчун миллати фарҳангӣ муаррифӣ кунанд. Дар ин марҳала дар ҷумҳурӣ садҳо театру осорхонаҳо, кинотеатру клубҳо, хонаҳои фарҳангу чойхонаҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд карда шуданд[1].

Фурӯпошии ИҶШС ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар баробари соҳаҳои дигари хоҷагии халқ ба ҳаёти мадании ҷумҳурӣ таъсири манфии

---
[1] БМД ҶТ. Фонди 1483. Номгӯйи 10. Бастаҳои 2,17,18. (минбаъд БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.2,17,18.)

худро расонид. Дар ин давра дар навоҳии водии Рашт қисмати муассисаҳои фарҳанг-маърифатӣ: клубу чойхонаҳо, китобхонаву осорхонаҳо ғорат карда шуда, дастаҳои эҷодӣ, театрҳо аз фаъолият боз монданд[1].

Аз ҷониби ашхос ва гурӯҳҳои мутаассиб муносибати ғайриинсонӣ нисбат ба муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ (ҳатто кормандони онҳо) ва ёдгориҳои таърихӣ ба чашм мерасид. Дар навоҳии водии Рашт кам набуданд ҳолатҳое, ки ашёҳои хонаҳои маданият ва клубҳо ғорат шуда, ин иншоот ба масҷид табдил дода мешуданд[2]. Рафторҳои ғайриинсонӣ далолат аз бухрони маънавии ҷомеа буд. Омили дигари коҳиш ёфтани шумораи муассисаҳои фарҳангӣ дар навоҳии водии Рашт дар он буд, ки ҳангоми барҳамдиҳии собиқ колхозу совхозхо моликияти онҳо, аз ҷумла бино ва амволи муассисаҳои фарҳангӣ дар ихтиёри онҳо қарордоштаро хоҷагиҳои фермерию дехқонии навтаъсис аз худ намуда, хусусӣ гардониданд.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали президент интихоб шуданаш фарҳанги миллиро яке аз рукнҳои муҳимми сиёсати худ қарор дода, пайваста ба таҳкими бунёди маънавии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодиву созандаи мардум, ҳисси ифтихору ҳувияти миллӣ аҳаммияти ҷиддӣ медиҳанд. Мақоми фарҳанг дар ташаккули ҷаҳонбинии нав бештар гардида, нақши тарбиявии он дар раванди ҷаҳонишавии муосир боло меравад.

Бо мақсади рушди соҳаи фарҳанг, барқарорсозии муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва муаррифии фарҳанги миллӣ дар солҳои истиқлолият даҳҳо барномаву санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул ва дар амал татбиқ гардиданд, ки муҳиммтаринашон қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фарҳанг” (1997), “Дар бораи хуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба

---

[1] Годовой отчет по библиотекам (Рогун, Тавилдаре, Джиргатол, Таджикабад, Гарм и т.п.) за 1993 -1994 гг. //БМДЧТ. Ф.1483. Н.10. Б.127, 131,132.

[2]Маърӯзаи ҷонишини раиси Комитети иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Ҷиргатол С. Самадов “Доир ба плани тараққиёти иҷтимоиву иқтисодии ноҳия барои соли 1992” //ФБМДҶТНР. Ф.6. Н.1. Б.71. В.1-10; Ҳисоботи Кумитаи иҷроияи Шӯрои депутатҳои халқии ноҳияи Комсомолобод дар соли 1994 ва вазифаҳо барои соли 1995 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.2. Б.112. В.1-35.

он” (1998), “Дар бораи берун баровардан ва дохил намудани сарватҳои фарҳангӣ” (2001), “Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ” (2002), “Дар бораи фаъолияти китобдорӣ” (2003), “Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо” (2003,2012), “Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ” (2006), “Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2005) мебошанд[1].

Давоми солҳои 2006-2013 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 барномаи рушди фарҳангро бо маблағи 133 миллиону 108 ҳазор сомонӣ қабул намуда буд, ки қисми он иҷро гардида, қисмати дигар соли 2020 ба итмом расид[2]. Рушди соҳаро наметавон бе маблағгузорӣ тасаввур кард. Инро ба инобат гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузории соҳаи фарҳангро пайваста зиёд менамояд. Аз буҷаи давлатӣ агар соли 2000-ум ба соҳаи фарҳанг ва варзиш дар маҷмуъ 13 млн сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас дар соли 2014 ҳаҷми он 558,2 миллионро ташкил дод. Маблағгузории соҳа дар солҳои зикршуа зиёда аз 500 маротиба афзуда, дар маҷмуъ 2 миллиарду 451,1 ҳазор сомониро ташкил додааст. Ҳамин тавр, дар марҳалаи зикршуда ҳаҷми музди меҳнати кормандони соҳаи фарҳанг анқариб 13 маротиба афзудааст[3].

Дар заминаи ин ва дигар тадбирҳои Ҳукумати кишвар дар мамлакат барои эҳё, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ фазои мусоиди ҳуқуқӣ фароҳам омада, ҷиҳати бунёди инфрасохтори он маблағгузории давлатӣ пайваста афзоиш меёбад.

Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар навоҳии водии Рашт садҳо кормандони соҳаи фарҳанг ва санъат тарки касбу кори худ намуданд, ки ин ба паст шудани маънавиёти ҷомеа, хосатан ҷавонон сабаб шуд. Фаъолият накардани ниҳодҳои фарҳангӣ боиси боло рафтани таассуби динӣ дар минтақа гардид. Ин раванд зиёни худро пеш аз ҳама ба маънавиёти насли

---

[1] Зубайдов А. Нақши Пешвои миллат дар рушди фарҳанги миллӣ //Тоҷикистон. – 2017. – №9-10. – С.16-17.

[2] Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.02.2016, №53 қабул шудааст) //https:// Vfarhang.tj //Санаи муроҷиат: 15.12.2018

[3] Раҳимҷонов Х. Истиқлолият – маҳаки асосии рушди фарҳанги миллӣ // Баҳори Аҷам. 2016. №26-27. 6-уми сент. – С.7; Абдуллоев Ш. Замони истиқлол марҳалаи хос барои фарҳанги миллӣ// Баҳори Аҷам. 2016. №26-27. 6-уми сент. – С.11.

наврас расонид. Дар чунин вазъ ғояи умумимиллӣ дар заминаи арзишҳои таърихиву фарҳангии халқи тоҷик метавонист ҷомеаи Тоҷикистонро муттаҳид созад.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар соли 1999 1100-солагии давлати Сомониён таҷлил гардид. Барои дар сатҳи зарурӣ таҷлили ин ҷашни умумимиллӣ ҳукуматҳои иҷроияи маҳаллии минтақа нақша-чорабиниҳоро мураттаб ва амалӣ карданд. Дар ҳама навоҳии водии Рашт ин ҷашн дар сатҳи зарурӣ баргузор гардид. Воқеан, таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён барои ҷомеаи ҷангзадаи Тоҷикистон вазифаи муттаҳидгардониро иҷро кард, ки барои кишвар дар он шабу рӯз хеле муҳим буд[1]. Давоми солҳои 1995-2000 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Намояндагии барномаи рушди СММ оид ба таҳкими сулҳ ва боварӣ дар тамоми манотиқи кишвар, пеш аз ҳама водии Рашт чорабиниҳои гуногуни фарҳангиро баргузор намуданд.

Эълони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ба мо имкон дод, ки бо ташкилоти байналмилалӣ чун ЮНЕСКО, Бунёди Оғо-Хон, ЮНИСЕФ, Бунёди Сорос ҳамкориҳои фарҳангии худро дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монем. Дар солҳои баъдиҷангӣ ва минбаъд бо маблағгузории ин ниҳодҳои байналмилалӣ даҳҳо барномаҳо доир ба омӯзиши маданияти моддӣ ва маънавии Тоҷикистон, аз ҷумла водии Рашт амалӣ шуданд[2].

**Адабиёт.** Бешак, водии Рашт зодгоҳи симоҳои машҳури илму адабиёт ва санъату маънавиёти тоҷикон аст. Ҳанӯз дар асрҳои миёна адибони Раштӣ чун Тоҷудавлаи Раштӣ, Мавлавӣ Ҷомии Сонӣ, Мавлавӣ Шаҳидӣ, Мавлавӣ Қосимӣ, Муҳаммадшарифи Гулханӣ, Раҳими Ғармӣ, Мирзо Азизбеки Ҳиҷрӣ, Абдулҳай Муҷихарфӣ маъруфу машҳур буданд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ низ ин анъана идома ёфта адибони забардаст чун Боқӣ Раҳимзода, Акобир Шарифӣ ва дигарон ба воя расиданд. Дар замони истиқлол адибони зодаи Раштонзамин чун Меҳмон Бахтӣ, Холназар Муҳаббатов, Гулрухсор

[1] Каримова Р.Н. Культура Таджикистана в годы независимости (1991-2011). Душанбе, 2013. – С.7-9.
[2] Фарҳанги ғайримодии халқи тоҷик: натиҷаи экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва санъатшиносии кормандон ПИТФИ аз навоҳии минтақаи Рашт. – Душанбе: Аржанг, 2018. – 224с.

Сафиева, Мухтарам Ҳотам, Муҳаммадраҳими Сайдар, Ҷумъа Қувват, Ҳоҷӣ Мурод, Аҳлиддини Ҳисорӣ, Диловари Мирзо, Алишери Муҳаммадӣ, Шодӣ Солеҳ, Мирзо Шералӣ, Худододи Зайниддин, Нуриддини Садриддин, Садриддини Нурзод, Абдухалил Сатторӣ, Ғанихуҷа Шарифов, Илҳомҷон Назрӣ ва боз чандини дигар барои рушди адабиёти муосири тоҷик хизмат доранд. Дар эҷодиёти қаламкашони муосири Раштонзамин мафҳумҳои “истиқлол”, “сулҳ”, “ваҳдат”, “ миллат”, “худшиносӣ” ва ҳоказо мавзуъҳои меҳварӣ мебошанд[1].

Дар водии Рашт Шуъбаи раштии иттифоқи нависандагон таъсис дода шудааст, ки мутаассифона фаъолияташ чандон назаррас нест. Барои пешравӣ ва баланд бардоштани обрӯю эътибори Иттифоқи журналистони Тоҷикистон бояд фаъолияти шуъбаҳои минтақавии он низ ҷоннок карда шаванд.

Чи тавре Ҷумъа Қувват сарвари шуъбаи минтақаи Раштии иттифоқ қайд мекунад “шуъбаи минтақавии Раштии Иттифоқи журналистон 180 аъзо дорад. Бо ибтикори шуъба дар ноҳияҳои Рашт, Ҷиргатол, Тоҷикобод ва Сангвор чорабиниҳои оммавӣ пайваста доир мегарданд”[2]. Дар ин минтақа муҳимтарин иншооти стратегии мамлакат - Неругоҳи барқи обии “Роғун” ҷойгир аст. Вале шуъба, ба ақидаи иҷрокунандаи вазифаи раиси Иттифоқ Ёқуби Исмоилзода ба ин иншооти муҳим аҳаммияти ҷиддӣ намедиҳад[3]. Дар зарфи панҷ сол танҳо се чорабинӣ бо иштироки намояндагони вазорату идораҳо доир гардидааст. “Дар ин самт мо ҳатто дастуру ҳидоятҳои Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба сафарҳои эҷодӣ ба иншооти муҳимми мамлакат ва эҷоди асарҳои баландғоя оид ба синфи коргар, заҳматкаши деҳотро сарфи назар намудаем”, - иброз медорад Ё. Исмоилзода[4]. Дар маҷмуъ, фаъолияти раёсату шуъбаҳои иттифоқ дар минтақа қаноатбахш нест. Бо мақсади зиёд намудани масъулият ва боло

---

[1] Диловари Мирзо, Назаре ба таърихи Рашти куҳан //Ҷумҳурият. – 2012. – 25 август (110).
[2] Табарӣ М. Қаламкашони минтақавӣ чӣ ҳол доранд? //Ҷумҳурият. – 2016. 16 январ (№11).
[3] Табарӣ М. Қаламкашони минтақавӣ чӣ ҳол доранд? //Ҷумҳурият. – 2016. 16 январ (№11).
[4] Ҳамон ҷо.

бурдани обрӯю мақоми иттифоқ ба раисони шуъбаҳо салоҳияти фарох дода шудааст.

Агар фаъолияти шуъбаҳои иттифоқи мазкурро дар вилояти Суғд бинем аз замин то осмон фарқият аст. Бинобар иттилои Илҳом Ҷамолиён, раиси шуъбаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар вилояти Суғд, шуъба 486 аъзо дорад. Дар вилоят мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ барои рушди матбуот, дастгирии моддии расонаҳо лоиҳаҳои муҳимро амалӣ менамоянд. Бунёди Кохи матбуот бо таҷҳизоти замонавӣ, ҷудо намудани қитъаҳои замин барои манзил ба журналистон қобили дастгирӣ мебошанд. Дар вилоят барои сайқал додани малакаю маҳорати касбии журналистон озмунҳои “Хомаи созанда”, ”Атласи Хуҷанд”, ”Шоҳроҳи абрешим–шоҳроҳи Ваҳдат” гузаронида мешаванд. Фаъолияти васоити ахбори оммаи хусусӣ низ дар вилоят хуб ба роҳ монда шудааст.

Ноҳияи Лахш аз он гӯшаҳои кишвар аст, ки дар он тоҷикону қирғизҳо бародарвор зиндагӣ мекунанд. Чи тавре муовини Раиси ноҳияи Лахш – Баргигул Аббосова навишта: “Айни замон дар ноҳия беш аз 43 нафар қаламкашон бо забонҳои тоҷикию қирғизӣ фаъолияти эҷодӣ доранд, ки аз ин шумора 7 нафарашон соҳибкитоб буда, намунаи эҷодиёти дигарон дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ нашр мешаванд”[1].

Маҳфили адабӣ, ки дар назди идораи ҳафтаномаи «Паёми Ҷиргатол» фаъолият менамояд, моҳе як маротиба баргузор гардида, шабҳои эҷодии адибон ва ҳунармандон бо ҳаводорони шеъру наво дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот пайваста баргузор мешаванд. Масалан моҳи январи соли 2016 бо ибтикори ҳайати эҷодии ҳафтаномаи «Паёми Ҷиргатол» дар маркази ноҳия ҳамоиши адабӣ ба унвони «Ду ҳамқадами давру замон - тоҷику қирғиз» баргузор гардид. Дар ҳамоиш адибони водии Рашт масъалаҳои вазифаҳои

[1] Худодод Зайниддин, Фарҳанг дӯстиро тақвият мебахшад //Ҷумҳурият. – 2016. 19 январ (№12). – С.3.

аҳли қалам дар масири худшиносию ватанпарастии ҷавонон ва якпорчагии кишвару миллатро мавриди баррасӣ қарор доданд[1].

**Санъати мусиқӣ.** Акашариф Ҷӯраев, Муддин Бадриддин, Шумқор Одинабеков, Тоҳир Каримов, Иброҳим Кобулиев, Худойдоди Шулдурӣ, Зафар Нозимов, Зулфиқаҳҳор Исмоилов, Усмони Ҳоитӣ, Хосияти Фарғонагӣ, Саймуддин Бурҳонов, Фозил Одилов, Аврод Бурҳонов, Қумрӣ Қодирова, Ҷовидон Нозимов, Моҳрухсор Сафиева, Ҷӯрабек Давлат ва чанде дигар аз он ҳунармандони мардумие ҳастанд, ки бо ҳунари худ шуҳрати фарҳанги водии Раштро ба зинаҳои баланд бардоштаанд ва таҷрибаи мактаби хешро ба шогирдон омӯзондаанд[2].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар назди Шуъбаи фарҳанги навоҳии минтақаи Рашт гурӯҳҳои ҳунарӣ созмон дода шудааст, ки дар тамоми чорабиниҳои сатҳи ҷумҳурӣ, минтақавӣ ва ноҳиявӣ фаъолият мекунанд.

Миёни наврасону ҷавонон сурудҳои эстрадӣ шуҳрат пайдо карданад, ки мутаассифона ҷойи сурудҳои миллӣ-халқиро иваз намуда истодаанд. Ин падида хоси ҳама кишварҳои олам буда, дар заминаи "фарҳангӣ-оммавӣ", ки осори ҷаҳонишавӣ аст, ташаккул ёфта истодааст.

Барои мисол, дар назди шуъбаи фарҳанги ноҳияи Лахш гурӯҳи ҳунарии «Садои Лахш» таъсис ёфта, фарогири 32 нафар ҳунарпешагон мебошад. Дар назди шуъбаи фарҳанг ансамбли тарона ва рақсии «Садои Лахш» ташкил шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо донишҷӯйёни муассисаҳои таҳсилоти касбии ҳудуди ноҳия дар гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ саҳми босазо мегузорад. Аҳли қалам ва ҳунар дар баландбардории маърифати шаҳрвандон нақши муассир доранд. Дар чойхона, фароғатгоҳҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ онҳо бо ҳаводорони каломи бадеъ ва санъат пайваста маҳфилу вохӯриҳо мегузаронанд[3].

---

[1] Худодод Зайниддин, Фарҳанг дӯстиро тақвият мебахшад //Ҷумҳурият. – 2016. 19 январ (№12). – С.3.
[2] Саҳми тоҷикободиҳо дар равнақи санъати кишвар //Паёми Тоҷикобод. 2018. №23. 21-уми ноябр. – С.2.
[3] Худодод Зайниддин, Фарҳанг дӯстиро тақвият мебахшад //Ҷумҳурият. – 2016. 19 январ (№12). – С.3.

Дастовардҳои санъаткорони Раштонзамин на танҳо дар дохили мамлакат, балки берун аз он низ боиси таҳсин аст. Масалан, ансамбли тарона ва рақси "Баёзи кӯҳистон" (соли таъсис 2002), ки дар назди шуъбаи фарҳанги ноҳияи Тоҷикобод амал мекунад, дар Фестивали фолклории байналмилалӣ – "Баҳори Бойсун", ки соли 2003-юм дар Бойсуни Ӯзбекистон баргузор шуд, соҳиби мукофоти асосии озмун – "ГРАН-ПРИ" гардиданд[1].

Санъаткорони ноҳияи Тоҷикобод Давлати Исмоил (1998) ба унвони Ҳофизи халқии Тоҷикистон, ва Иброҳими Кобулӣ, ки дорои унвони Ҳофизи халқии Тоҷикистон буд, бо ордени "Дӯстӣ" (1999), ва Муқим Масъудов (2000) Сунатулло Раҳматуллоев (2004) ба унвони "Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон" сарфароз гардиданд. Илова бар ин, давоми солҳои истиқлолият 38 нафар ҳунармандони ноҳия ба дарёфти нишони "Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" мушарраф гардиданд[2].

Дар бештари навоҳии водии Рашт мактабҳои санъати бачагона фаъолият менамоянд, ки дар онҳо муаллимони касбӣ дарс мегӯянд. Барои мисол дар ноҳияи Рашт 11 нафар муаллимон, аз он 4 нафар бо маълумоти олии касбӣ, боқимонда дорои маълумоти махсуси касбӣ буда, ба 73 нафар хонандагон санъати мусиқӣ меомӯзонанд. Дар мактабҳои мусиқӣ асосан аз рӯйи ихтисосҳои фортепиано, рубоб, таблак, ғиҷҷак, най, аккордеон, санъати овозхонӣ ва рассомӣ дарс гузаронида мешавад. Инчунин, дар мактабҳои мазкур ба хонандагон ҳамчун фанҳои умумӣ дарси назарияи мусиқӣ, адабиёти мусиқӣ, солфеджио ва хор гузаронида мешавад. Дар фасли зимистон синфхонаҳо ба воситаи печкаҳо бо истифодаи ангишт гарм карда мешаванд.

Мушкилоти асосии мактабҳои санъат норасоии асбобҳои мусиқии миллӣ, фортепиано, таъмирталаб будани асбобҳои мавҷуда, синфхонаҳо, мизу курсӣ ва таҷҳизоти компютерӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин мактабҳои мусиқӣ, ки ҳанӯз дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ таъсис ёфта буданд, садҳо

[1] Кобулиев С. Истиқлолият ба рушди соҳаи фарҳанг мусоидат намуд //Паёми Тоҷикобод. 2018. №23. 21-уми ноябр. – С.2.
[2] Ҳамон ҷо

нафар овозхонону навозандагоне тарбия ёфтаанд, ки санъати мусиқии миллиро на танҳо дар, сатҳи ҷумҳурӣ, балки берун аз он муаррифӣ намудаанд.

**Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ**. Дар солҳои 90-уми қарни гузашта бо сабабҳои маълум маблағгузорӣ ва базаи моддӣ-техникии муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ якбора паст гардид. Аз рӯйи маълумоти оморӣ соли 1991 дар ҷумҳурӣ 1433 клуб, 1747 китобхона (бо 16,1 млн китоб) ва 27 осорхона фаъолият мекард[1].Чи тавре дар боло зикр кардем дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ шумораи муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ коҳиш ёфт. Соли 2003 дар кишвар 1045 клуб, 1430 китобхона, 39 осорхона ба қайд гирифта шуд[2].

Бо мураккаб шудани вазъи сиёсии ҷумҳурӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи он низ сохтмони муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ на танҳо қатъ гардиданд, балки шумораашон сол то сол кам шудан гирифтандд. Дар охирҳои солҳои 80-ум дар бештари маҳалҳои аҳолинишин клубу китобхонаҳо фаъолият мекарданд. Пас аз ҷанги шаҳрвандӣ аллакай 80% маҳалҳои аҳолинишин бе клубу китобхона монданд[3].

Дар навоҳии водии Рашт давоми солҳои 90-ум бештари муасисаҳои маданӣ-маърифатӣ танҳо дар қоғаз вуҷуд доштанд – барои ҳисоботи оморӣ. Дар асл ин муассисаҳо бо мақсадҳои дигар истифода мешуданд. Масалан, бештари онҳо ба нуқтаҳои савдо, анбор, масҷид, мағоза, ошхона ва ғайра табдил дода шуда буданд[4].

Мудири бахши фарҳанги ноҳияи Сангвор Сабоҳат Қурбонова аз мушкилоти муассисаҳои фарҳангии ноҳия ва минтақа дар солҳои аввали истиқлолият сухан ронда, таъкид мекунад, ки “Бо сабаби харобу валангор гардидани муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ аҳли ҳунар мушкилоти азимеро пушти сар менамуданд. Китобҳо бо сабаби набудани маҳзан дар хонаҳои шахсӣ нигоҳ дошта мешуданду зимни боронгарию барф осеб медиданд.

---

[1] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол. – С. 273.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Годовые отчеты библиотек. Т.1. за 1999 год. //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.147. В. 12-36; Годовые отчеты библиотек. Т.1. за 2000 год. //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.147. В. 104.
[4] Годовой отчет по библиотекам Гармского, Тавилдаринского районов за 1994 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.133. В. 12-36.

Бахши фарҳанг (хонаҳои фарҳанг М.А.) низ дар ҳолати садамавӣ қарор доштанд ва ҳунармандон наметавонистанд ба таври бояду шояд омодагӣ гиранд. Дар бораи театри халқӣ ҳоҷати гап ҳам набуд”[1].

Барои равшан шудани вазъ мехостем баъзе рақамҳои омориро биёрем. Дар ҳисоботи соли 1993 шумораи китобхонаҳои шаҳри Роғун 20, ноҳияҳои Сангвор 14, Тоҷикобод 12 ва Лахш 56 адад оварда шудаанд[2]. Чи тавре аз рақамҳои оморӣ мушоҳида мешавад, дар ин навоҳии минтақа, ки амалиёти ҷангӣ сурат мегирифтанд шумораи китобхонаҳо ҳанӯз дар соли 1993 коҳиш ёфта буд. Дар ноҳияи Лахш, ки дар ин давра оромтар буд шумораи китобхонаҳо беосеб боқӣ монда буданд.

Дар як ҳуҷҷати бойгонӣ корманди масъули яке аз китобхонаҳои ноҳияи Сангвор Барфиев А. доир ба вазъи китобхонаҳо сухан карда (соли 1993) қайд мекунад, ки “Дар чунин вазъи мураккаби ҷумҳурӣ фаъолияти китобхонаҳо ғайриимкон гаштаанд. Китобхонаи деҳаи Ёзғандро самолёт зада валангор кард, молу мулки китобхонаҳо ғорат карда шуданд ва зиёда аз 1450 нусха китоб аз тарафи хонандагон ба китобхона баргардонида нашуд...”[3].

Маҳз ин раванд боис бар он шуд, ки то охири солҳои 90-уми қарни гузашта дар навоҳии минтақа шумораи китобхонаҳо ба нестӣ расиданд[4].

Ҳукумати мамлакат бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва ҷалби ҷавонону наврасон ба китобу китобхонӣ ду барномаи давлатиро қабул нумуд: “Барномаи рушди китобхона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015”, “Барномаи компютеркунонии китобхонаҳои оммавии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013”. Дар доираи ин барномаҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоиву

---

[1]Муҳаббати Юсуф, Ҳамсоли истиқлол (Мусоҳиба бо мудири бахши фарҳангӣ ноҳияи Сангвор Сабоҳат Қурбонова) //Баҳори Аҷам. - 2016. - № 26-27 (394). 6 сент. - С.12.

[2] Годовой отчет по библиотекам (Гарм) за 1993 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.128. В. 22.
Отчёт библиотек и клубные учреждения Комсомолабадского района за 1994 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.131. В. 2; Отчёт библеотек и клубных учреждений Таджикабадского района за 1994 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.132. В. 2.

[3] Годовой отчет по библиотекам (Рогун, Тавилдара, Джиргатол) за 1993 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.127. В. 4,24, 42.

[4] Годовые отчеты библиотек. Т.1. за 1999 год. //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.147. В. 12-36.

иқтисодии навоҳии водии Рашт (солҳои 2011-2013, 2016-2018, 2018-2020) як қатор чорабиниҳо ба мақсади ғанӣ гардонидани китобхонаҳои минтақа гузаронида шуд. Дар ин раванд дар баробари муассисаҳои давлатӣ шахсони алоҳида, сафоратҳои давлатҳои хориҷа, ташкилоти байналмилалӣ саҳми худро гузоштаанд.

Соли 2007 бо мақсади ҷалби аҳолӣ, хосатан наврасону ҷавонон ба китоб аз тарафи Вазорати фарҳанг дар тамоми қаламравӣ ҷумҳурӣ аксияи "Корвони китоб" гузаронида шуд. Дар аксияе, ки ба навоҳии водии Рашт раҳсипор шуда буд, шоирону нависандагони машҳури кишвар иштирок намуда, бо хонандагону ҳаводоронашон вохӯриву шабнишиниҳо гузарониданд[1]. Барои дастрас намудани китобҳои тозанашр ба тамоми манотиқи ҷумҳурӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 200 ҳазор сомонӣ маблағ ҷудо намуданд[2].

Давоми солҳои 2007-2017 китобхонаҳои ноҳияҳои водии Рашт: Нуробод, Сангвор, Рашт, Тоҷикобод ва Лахш дар чаҳорчӯбаи ду барномаҳои давлатӣ: "Рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015" ва "Рушди муассисаҳои фарҳангӣ барои солҳои 2016-2020" тавассути Ҳаракати фарҳангии "Корвони китоб" аз тарафи Корхонаи давлатии таъминот ва савдои "Китоб" бо теъдоди 23129 нусха китоб ва васоити китобхонавӣ таъмин карда шудаанд. Илова бар ин, аз тарафи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба китобхонаҳои навоҳии минтақа 1115 нусха, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 21303 нусха, Шӯрои ҷамъиятии ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон 249 нусха ва шаҳрванд Зафар Саидов 45 нусха китобҳои ройгон расонида шуд.

Дар давоми солҳои зикргардида аз тарафи мақомоти дахлдор ҳамагӣ 19991 нусха ба навоҳии водии Рашт китобу маводи зарурӣ рӯзномаи китобхонавӣ ва ҳоказо харидорӣ гардиданд. Дар давоми 11 сол китобхонаҳои ин навоҳӣ бо 65 832 нусха китобу воситаи китобхонавӣ (формуляри хонанда, рӯзномаи китобхонавӣ ва ғ.) таъмин карда шудаанд[3]. Хурсандиовар он аст, ки дар деҳоти

---

[1] Корвони китоб ба Ҷиргатол расид //https: //khovar.tj //Санаи муроҷиат: 9.08.2019
[2] Очеркҳои таърихи Тоҷикистони соҳбистиқлол. – С.275.
[3] Корвони китоб ба навоҳии водии Рашт //https: //Vfarhang.tj //Санаи муроҷиат: 15.12.2019

дурдасти навоҳии водии Рашт китобхонаҳо аз ҷониби сокинони маҳаллӣ сохта ва ё азнавсозӣ мешаванд, ки далолат аз китобхону китобдӯст будани тоҷикон аст[1].

Аз рӯйи ҳисоботи соли 2021 дар китобхонаҳои ноҳияи Нуробод дорои 57 977, ноҳияи Рашт 135871, ноҳияи Сангвор 21817, ноҳияи Тоҷикобод 36539 нусха маҳсулоти чопӣ мавҷуд аст[2].

Барои мисол, дар ноҳияи Рашт танҳо соли 2019 аз тарафи соҳибкорон ва шахсони саховатпеша сохтмони китобхонаҳо дар деҳаҳои Қазноқи Ҷамоати деҳоти Нусратулло Махсум, Қалъаи Сурхи Ҷамоати деҳоти Қалъаи Сурх ва Варзигони Ҷамоати деҳоти Боқӣ Раҳимзода идома дошта, аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ зиёда аз 500 ҳазор сомонӣ, Боғи фарҳангӣ-фароғатии маркази ноҳия таъмир ва барқарорсозӣ карда шуда, аз тарафи ташкилоту муассисаҳои ноҳия бо 50 ҳазор дона гулҳо бунёд гариданд[3].

**Ҷадвали №17**

**Шумораи китобхонаҳо дар навоҳии водии Рашт дар соли 2021*[4]***

| **№** | **Ноҳия** | **Шумораи китобхонаҳо** |
|---|---|---|
| 1. | Нуробод | 23 |
| 2. | Рашт | 40 |
| 3. | Лахш | 28 |
| 4. | Тоҷикобод | 16 |
| 5. | Сангвор | 7 |

[1] Пешвои миллат ва рушди ноҳияи Рашт. Душанбе: ЭР-граф, 2016. – С. 9.

[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт. 2021. 25с.
Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тоҷикобод оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод. 2021. 22с.
Ҳисоботи Раиси ноҳияи Сангвор оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор. 2021. 20с.
Ҳисоботи Раиси ноҳияи Лахш оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. 2021. 28с.
Ҳисоботи Раиси ноҳияи Нуробод оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод. 2021. 18с.

[3] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи Соли 2019 //http: //rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019

[4] Ҷадвали мазкур дар асоси маводи зерин мураттаб шудааст: Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Ҳукумати ноҳияи Сангвор. 2019. – С.11; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. Лахш, 2017. – С. 34; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020. Нуробод , 2017. – С.30; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020. Рашт, 2017. – С.25-26.

Аз шумораи умумии китобхонаҳо бештарашро китобхонаҳои деҳот ташкил медиҳанд. Масалан дар ноҳияи Тоҷикобод аз 16 китобхонаи мавҷуда 12 китобхонааш дар деҳот, 2 китобхонаи марказӣ ва ду китобхонаи дигар бачагона мебошанд. Дар ноҳияи Лахш аз 28 китобхона 27-тояш китобхонаи деҳот дар ноҳияи Рашт бошад аз 36 адад китобхонаҳои деҳотӣ, 2 китобхонаи марказӣ ва ду китобхонаи бачагона ба қайд гирифта шудаанд. Китобхонаҳои деҳотии минтақа аз норасоии бино, мизу курсиҳо, рафҳои китобмонӣ, компютер ва китобҳои тозанашр танқисӣ мекашанд[1].

Маврид ба зикр аст, ки бештари китобхонаҳои амалкунанда дар солҳои соҳибистиқлолӣ таъмир ва ё азнавсозӣ шудаанд, зеро дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар баробари дигар муассисаҳои фарҳангӣ китобхонаҳо низ хароб гардида буданд

Яке аз иқдомҳои наҷиб дар самти ҷалби ҷавонон ба китоб ва китобхонӣ ин озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, мебошад, ки дар тамоми манотиқи кишвар гузаронида мешавад. Дар як муддати кӯтоҳ ин тавонист самари хуб диҳад. Гарчанде аз навоҳии минтақаи Рашт касе дар ин озмуни ҷумҳуриявӣ ғолиб наомада бошад ҳам, аммо дар рафти он иштироки фаъолона доштанд. Илова бар ин, дар навоҳии минтақа дар рафти ин озмун доираи васеи ҷавонону наврасон дар он иштирок мекунанд[2]. Барои мисол танҳо дар ноҳияи Рашт дар ин озмун 437 нафар хонандагон-мактаббачагон ва 50 нафар донишҷӯйёну омӯзгорон ва дигар хоҳишмандон иштирок намуданд[3].

Хонандагону ичтирокчиёни озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” аз навоҳии Рашт на танҳо дар сатҳи ноҳияву минтақа, балки дар сатҳи ҷумҳурӣ низ иштироки фаъолона доранд. Масалан соли 2020 Сулаймони Аҳмад –

---

[1]Музаффаров У. Диёри ҳамболи истиқлол: ба таъсиси ноҳияи Тоҷикобод 25 сол пур шуд //Боҷу хироҷ. – 2016. – 18 август; Нақшаи чорабиниҳои ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Сангвор ( аз 23.07.2018, №91 тасдиқ шудааст, дар соли 2020) //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор.– С.1-5.

[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http://rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019

[3] Ҳисобот оид ба фаъолияти бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт. 2019. – С.4.

фориғутаҳсили МТМУ №13 ноҳияи Тоҷикобод дар сатҳи ҷумҳурӣ дар номинатсияи хондан ва азёд кардани осори адибони классикии тоҷик сазовори ҷойи дуюм гардид[1].

Ҳамасола бо ташаббуси китобхонаҳои навоҳии водии Рашт намоиши китоб баргузор мегардад, ки мақсад аз он ҷалби бештари наврасону ҷавонон ба китоб ва китобхонӣ аст.

Новобаста ба корҳои иҷрошуда имрӯз низ дар фаъолияти китобхонаҳои минтақаи Рашт камбудиҳо зиёданд. Масалан бештари китобҳои китобхонаҳо то ҳол китобҳои замони Шӯравӣ буда, бо забони русӣ ҳастанд, ки қариб хонанда надоранд. Аз тарафи дигар китобҳои тозанашр саривақт дастрас карда нашуда, навоҳии минтақа ба мутахассисони соҳаи китобдорӣ ниёз дорад. Гарчанде барои беҳдошти соҳа барномаҳои адоҳида қабул гардида бошанд ҳам, онҳо дар амал татбиқ намешаванд. Масалан тибқи “Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013” барои компютеркунонии китобхонаҳои кишвар 2 миллиону 280,2 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардида буд, аммо ба Вазорати фарҳанг танҳо 1 миллиону 35 ҳазор сомонӣ ҷудо гардид. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ тибқи нишондоди барномаи мазкур уҳдадориҳои худро дар самти таъмини китобхонаҳо бо компютерҳо, пайвастшавии китобхонаҳо ба шабакаи умумиҷаҳонии интернет, харидории барномаҳои махсуси китобхонавии мутамарказии умумиҷаҳонии иттилоотӣ, таҳияи феҳристҳои электронӣ, таъсиси вебсайти китобхонаҳо ва китобхонаҳои электронӣ иҷро накарданд[2].

Моҳҳои июн-июли соли 1999 ва июл-августи соли 2001 дар шаҳри Душанбе фестивалҳои ҷумҳуриявии эҷодиёти халқии «Андалеб» гузаронида шуд. Намояндагони аксарияти ноҳияҳои кишвар, аз ҷумла водии Рашт ба ин озмуни бонуфуз мусиқии классикии халқӣ, суруд, рақс, эҷодиёти халқро пешниҳоди тамошобинон карданд. Озмуни ҷумҳуриявии телевизионии

[1] Пирӯзии Сулаймон //Паёми Тоҷикобод.2020. № 24. – С.3.
[2] Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 (бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 9.02.2016, №53 қабул шудааст).

эҷодиёти халқ – «Андалеб» ҳамасола баргузор мегардад. Дар ин озмуни ҷумҳуриявӣ сокинони навоҳии водии Рашт фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои ифтихорӣ низ мегарданд. Дар Озмуни ҷумҳуррияии «Андалеб - 2014» барномаҳои ҳунарии санъаткорони ноҳияҳои Тоҷикобод, Ҷиргатол ва Рашт аз ҷониби ҳакамон баҳои баланд гирифта, ба даври ҷамъбастӣ пешниҳод карда шуданд[1].

Дар тӯли 20-соле, ки Озмуни ҷумҳуриявии “Андалеб” гузаронида мешавад, ноҳияҳои водии Рашт ҷойҳои ифтихориро соҳиб мешаванд. Масалан ноҳияи Нуробод дар озмуни “Андалеб”-и солҳои 2001, 2004, 2006, 2008, 2014, 2016 ва 2020 сазовори ҷойҳои ифтихорӣ (1, 2, 3) гардидааст[2].

Инчунин ба ифтихори “Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” моҳҳои сентябр-ноябри соли 2018 дар ҷумҳурӣ Вазорати фарҳанг дар ҳамкории муштарак бо Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи ҳунармандони Тоҷикистон Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии телевизионии эҷодиёти халқ “Андалеб” доир гардид, ки ноҳияи Тоҷикобод ба даври дуюм роҳ ёфта, сазовори ҷойи ифтихорӣ гардид[3].

Чорабинии дигари фарҳангӣ Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии "Бӯстон" мебошад, ки ҳадафи он чун “Андалеб” эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва дарёфти чеҳраҳои нав аз миёни наврасону ҷавонон дар ҷодаи санъати овозхонӣ, рақсу навозандагӣ, ҳаҷв ва бадеҳахонӣ мебошад. Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар шароити бархӯрди тамаддунҳо ва фарҳангҳои гуногун низ ҳадафи дигари чунин озмунҳост[4].

Дар ноҳияи Нуробод даври навбатии Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии эҷодиёти халқ «Бӯстон–2017» баргузор гардид. Тибқи нақша аввал намоиши

[1] Ҷамъбасти даври аввали «Андалеб-2014» дар Рашт //http: //www.jumhuriyat.tj //Санаи муроҷиат:23.12.2018
[2] Кобулиев С. Истиқлолият ба рушди соҳаи фарҳанг мусоидат намуд // Паёми Тоҷикобод. 2018. №23. 21-уми ноябр. – С.2; Абдусатторов Б. Қалбҳоро тасхир сохтанд //Паёми Тоҷикобод. 2018. №24. 1-уми декабр. – С.3.
[3] Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2018 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019. – С. 19-20.
[4] Гулнисои Саъдоншо, Фестивал - озмуни ҷумҳуриявии "Бӯстон - 2017" дар Нуробод //http: //www.jumhuriyat.tj //Санаи муроҷиат:31.01.2018

ҳунарҳои мардумӣ ташкил шуд. Дар он аз ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия ҳунармандон маҳсули меҳнати худро ба маърази тамошо гузоштанд.

Бояд қайд намуд, ки баҳри эҳдо намудани ҳунарҳои мардумӣ дар ноҳия аҳаммияти хоса зоҳир мегардад. Дар ин намуд занҳо хеле фаъол буданд. Дар баробари ҳунари кадбонуӣ занони ноҳия ба шуғли гулдӯзӣ, зардӯзӣ, дӯхтани сарулибоси миллӣ, занбӯриасалпарварӣ машғул мебошанд. Ҳайати ҳакамон аз намоишгоҳ дидан намуда, ба ҳунари волои занону духтарон баҳои баланд доданд.

Пас аз боздиди меҳмонон ва ҳайати ҳакамон аз намоишгоҳ дар толори кохи фарҳанги ноҳия истеъдодҳои ҷавон барномаи омоданамудаашонро дар ҳамаи бахшҳои фестивал - озмун бо маҳорати баланд пешкаши ҳозирин намуданд. Ҷавонону наврасон бо маҳорати хос ҳунарнамоӣ карда, роҳхат ба даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявиро ба даст оварданд.

Дар Озмуни ҷумҳуриявии “Тоҷикистон Ватани азизи ман” ҳунарманди ҷавони ноҳия Шаҳло Ҳафизова дар номинатсияи “Сарояндаи анъанавӣ” сазовори ҷойи дуюм ва бо маблағи 20 000 сомонӣ қадрдонӣ гардид[1].

Дар баробари озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ дар навоҳии водии Рашт пайваста озмунҳои ноҳиявию минтақавӣ гузаронида мешаванд. Масалан тибқи “Нақшаи чорабиниҳои Мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар соли 2012” барои гузаронидани озмуни “Шоми меҳр” дар байни ташкилоту муассисаҳои ноҳия аз 9 июли соли 2012, № 890 Қарори Раиси ноҳия ба тасвиб расид[2]. Мақсад аз баргузории ин озмун аслан ҷалби оммавии сокинони ноҳия ба фарҳанг ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии эшон буд. Мақсади ташкил намудани ин озмун дар он буд, ки солҳои охир бо сабабҳои маълум (яъне таъсири ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри XX) сокинони ноҳия то ҷое аз санъат дур шуда буданд. Аҳён-аҳён дар маъракаҳои хурсандӣ санъаткоронро даъват менамуданд. Натиҷаи ҳамин буд, ки дигар ҳунармандон низ ба касби дӯстдоштаашон машғул

---

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http://rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019

[2] Оинаи Рашт. –2012. –№ 31-32. нояб. – С.3.

намешуданд. Водие, ки қарнҳои пешин соҳибмактаб буд, дар ду даҳсолаи охир умуман хеле камҳавсала шуд. Замоне номи хунёгарони номдор Ҳоҷӣ Абдулазиз, Акашариф Ҷӯраев, Муддин Бадриддинов, Тоҳир Каримов, Иброҳим Кобулиев, Худойдоди Шулдурӣ, Зафар Нозимов, Зулфиқаҳҳор Исмоилов, Усмони Ҳоитӣ, Хосияти Фарғонагӣ, Саймуддин Бурҳонов, Фозил Одилов, Аврод Бурҳонов, Қумрӣ Қодирова, Давлат Ҷӯрабек ва даҳҳо нафари дигар на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз он ҳам маъруф буданд, аммо дигар мардум намехостанд дар тӯю сурашон садои дилошӯби мусиқӣ ба гӯш бирасад. Акнун дар ноҳияи Рашт маъракаҳои тӯй аз худоӣ тафовуте надоштанд. Аз тарафи дигар хуруфоти динӣ омили санъатбезории мардум, хосатан ҷавонон, гардид. Ин вазъ хоси на танҳо Рашт, балки дигар манотиқи он низ буд.

Озмуни “Шоми меҳр” на танҳо риштаҳои гусастаи меҳру муҳаббатро дубора ба ҳам пайваста, балки барои дарёфти чеҳраҳои нав, ҷалби васеи сокинони ноҳия саҳми сазовор гузошта тавонистанд. Аз ҷумла раисони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, роҳбарони шуъбаи маориф, омӯзишгоҳи тиббӣ, шуъбаи тандурустӣ, омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва филиали Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ на танҳо корҳои зиёди таблиғотиро бо роҳ монданд, балки фаъолтарин ширкаткунандагони озмуни “Шоми меҳр” буданд. Чорабинии мазкур дар ҷамоатҳои шаҳракию деҳотии Ғарм, Ҳиҷборак, Раҳимзода, Ҷафр, Ясман, Оби меҳнат, Қалъанак, Тагоба, Нусратулло Махсум, Қалъаи сурх ва ташкилоту муассисаҳои дар боло ёдшуда дар сатҳи баланд гузаронида шуд. Иштирокчиёни озмун дар баробари ба маърази намоиш гузоштани дастовардҳои худ дар зарфи 20 сол, гӯшаҳои гуногунро низ пешкаши тамошобинон намуданд. Гӯшаи “Аз таърихи деҳоти мо” яке аз беҳтарин гӯшаҳо буд. Маҳз дар ин гӯша таърихи таъсиси шаҳраку деҳот хеле хуб зикр ёфта, дар бораи ҳаёту фаъолияти раисони ҷамоат дар тӯли солҳои мавҷудияти он маълумот дода мешуд.

Раиси собиқ Ҷамоати деҳоти Нусратулло Махсум Зафарҷон Саидбеков дар суҳбат гуфт, ки озмуни мазкур моро водор намуд, ки пеш аз ҳама

таърихи ташкилшавии деҳотамонро омӯзем, оид ба зиндагиномаи шахсони маъруф, ки дар ҳудуди деҳоти мо зиндагӣ кардаанд, маълумоти саҳеҳ ба даст овардем. Дар натиҷа бисёр чизҳое пайдо шуданд, ки кайҳо мо онҳоро ба гӯшаи фаромӯшӣ дода будем. Ҳаёт ва фаъолияти собиқ раисони ҷамоатамонро дарёфт кардем, ки омӯзиши корномаи эшон нишон дод, агар муаллимон онҳоро дар дарсҳои тарбиявиашон истифода баранд, дар тарбияи ватандӯстии насли наврас аз манфиат холӣ нест[1].

Чунин фестивалу озмун ва ҳамоишҳои фарҳангӣ ба монанди "Оши палав", ""Хандаи ҳусн", "Ҷилваи чакан","Тараннуми ҷавонӣ ва саодат", "Сайри гули лола", "Тоҷикистон – Ватани азизи ман", "Нон шудам, шоистаи ҳар хон шудам", "Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасон", "Рассомони наврас", "Чароғи ҳидоят" пайваста баргузор мегарданд. Чунин озмунҳо барои боло бурдани завқи эҷодӣ ва умуман маънавиёти ҷомеа хеле муҳим буда, дар ташаккули худшиносӣ ва ифтихори миллӣ нақш мебозанд[2].

Бо иштироки кормандони бахши фарҳанги навоҳии водии Рашт ҳамасола чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба ҷашнгирии Соли нави мелодӣ, Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи Модар, Наврӯзи байналмилалӣ, Рӯзи ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Рӯзи ваҳдати миллӣ, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами давлатӣ ва ғайра гузаронида мешаванд. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои минтақа толорҳои фарҳангӣ пайваста таъмиру азнавсозӣ мешаванд. Масалан азнавсозии Филармонияи халқии ноҳияи Рашт (соли 2017) ба маблағи 495 ҳазор сомонӣ ба анҷом расонида шуд[3].

---

[1] Ҳисобот оид ба фаъолияти бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт. 2019. – С.2; Оинаи Рашт -2012. –№ 31-32. нояб. – С.3; Ҳисобот оид ба фаъолияти бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. 2019. –С.1-6; Ҳисобот оид ба фаъолияти бахши фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод. 2016. – С.1-5;

[2] Ҷумъаи Мирзо, Муҳаббат ба фарҳанг //Оинаи Рашт. 2007. №5-6. март. – С.6; Оинаи Рашт. - 2017. -№14. 14 ноябр. – С.2; Иҷлосияи шонздаҳоми Маҷлиси вакилони халқи Сангвор, даъвати панҷум //Мавҷи Хингоб. 2018. № 10. октябр. – С.1-7; Ҷамъбасти бобарор //Нури Нуробод. 2018. №1-2. январ. – С.1-4.

[3] Оинаи Рашт. - 2017. -№18. дек. – С.2.

**Театр.** Театр дар ҳама давру замон моҳияти хосаи маънавӣ дошта, дар ҳаёти фарҳангии мамлакат санъати театрӣ ҷиҳати бедор намудани завқи бадеӣ, тарбияи маънавӣ ва дарки зебопарастӣ нақши боризро дорост.

Дар солҳои аввали истиқлолият вазъи театр ва кинои тоҷик дар ҳолати ногувор қарор гирифт. Чи тавре санъатшиноси тоҷик – Маҳмадулло Табаров қайд мекунад “Театрҳои тоҷик дар аввали истиқлолият муваққатан фаъолияти худро боз доштанд. Пароканда будани дастаҳои эҷодии театрҳои ҷумҳурӣ барои рушди фарҳанги театр монеа буд. Бад шудани сатҳи иҷтимоиёти мардум ба сатҳи маънавиёти мардум таъсири манфӣ расонид. Иштироки аҳолӣ дар намоишҳои театрӣ якбора паст шуд”[1]. Дар солҳои охир театрҳои кишвар ба навоҳии водии Рашт пайваста сафарҳои ҳунарӣ ташкил медиҳанд[2]. Дар баробари ин дар як чанд ноҳияи минтақа (Рашт, Сангвор, Лахш) театрҳои халқӣ фаъолият мекунанд, ки кори онҳо низ чандон назаррас нест[3]. Мушкилоти асосии театрҳои халқӣ набудани кадрҳои баландихтисоси соҳа, маводу ашёҳои зарурӣ, маоши ночиз ва ғайра мебошад.

Фаъолияти Киностудияи “Тоҷикфилм”, хосатан бахши раштии он, низ дар солҳои аввали истиқлолият ба буҳрон дучор шуд. Имрӯз низ фаъолияти он чандон назаррас нест. Мутаассифона ин холигиро филмҳои бегона, хосатан туркӣ, пур кардаанд. Бешак ин раванд ба маънавиёти ҷомеа таъсири манфии худро мерасонад, зеро ба василаи ин филмномаҳо маданияти бегона тарғиб мегардад[4].

**Осорхонаҳо.** Дар давраи пас аз Шӯравӣ ҷойи муҳимро дар ҳаёти фарҳангӣ-маърифатии ҷомеа осорхонаҳо ишғол менамоянд. Осорхонаҳо на фақат арзишҳои моддӣ ва маънавиро дар худ ҷамъ мекунанд. Онҳо боз

---

[1] Табаров М. Театр ва истиқлолият. Душанбе, 2010. – С.143.
[2] Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017 //Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016. – С. 13.
[3] Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2017 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2018 //Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. – С. 23.
[4]Ҳисобот оид ба фаъолияти шӯъбаи истеҳсол, паҳнкунӣ, намоиши филмҳо, иҷозатномадиҳӣ ва назорати маводҳои авдиовизуалӣ дар водии Рашт дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Шуъбаи минтақавии муассисаи давлатии “Тоҷикфилм ” дар ноҳияи Рашт. 2019. – С. 1-5.

корҳои фарҳангӣ-маърифатиро пеш мебаранд: ташкил намудани саёҳат, гузаронидани лексияҳо, намоишҳо, паҳн намудани адабиёти махсус.

Агар дар соли 1991 дар Тоҷикистон 27 осорхона фаъолият мекард, дар соли 2009 он ба 43 осорхона расонида шуд. Аз теъдоди умумии осорхонаҳо 33-тояш кишваршиносӣ ва санъатшиносӣ, 8-тояш адабӣ, 2-тояш соҳавӣ мебошанд. Ба истиснои ноҳияи Сангвор дар навоҳии дигари водии Рашт осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ дар назди хонаҳои маданият амал мекунанд[1].

Инчунин дар ноҳияи Рашт бо ташаббуси соҳибкор ва кишваршинос Мирзошоҳи Акобир осорхонаи "Кӯҳсори Аҷам", дар деҳаи Ҷарф таъсис дода шудааст, ки дорои 2200 нигора мебошад[2].

Солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар мактабҳои миёнаи навоҳии водии Рашт осорхонаҳои зиёди мактабӣ-кишваршиносӣ таъсис дода шуда буданд, ки бо сабаби воқеаҳои маълуми солҳои 90-ум қисми зиёди онҳо нобуд гардиданд. Баъди фароҳам омадани шароити осоишта дар баъзе муассисаҳои таълимӣ фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дубора барқарор ва ба роҳ монда шуд. Аз рӯйи маълумоти Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ айни ҳол дар назди МТМУ №1,2-и н. Рашт, МТМУ №5,13 н. Тоҷикобод, МТМУ №2 н. Лахш осорхонаҳои мактабӣ фаъолият доранд[3].

Мутаассифона ҳолати осорхонаҳои минтақа ногувор буда, дар онҳо шумораи ночизи нигораҳо ҷамъоварӣ шудаанд, ки доир ба таъриху фарҳанг ва хоҷагии халқи навоҳии минтақа маълумоти ночиз медиҳанд. Қисмати бештари нигораҳо дар шароити ба талаботи осорхонавӣ мувофиқ нигохдорӣ нашуда, бинобар мавҷуд набудани лабораторияи махсуси таъмиру тармим хавфи нобудшавии онҳо зиёд аст[4].

---

[1] Абдусатторов Б. Биёед, нигораҳои осорхонаро афзун гардонем //Паёми Тоҷикобод. 2018. №2. 13-уми январ. – С.3.
[2] Бӯзургмеҳри Б., Маҳмуд Б. Рашт дар манзари сайёҳони ҷаҳон //Ҷумҳурият. 2018. №195. 4 окт. – С.2-3.
[3] Мӯминова Х. Назаре ба фаъолияти осорхонаҳои мактабӣ дар замони истиқлолият //Паёмномаи Фарҳанг. 2017. №3.
[4] Шарифзода Ф. Бунёди осорхонаҳои нав дар Тоҷикистони соҳибистиқлол //Паёмномаи фарҳанг. 2016. №3. – С.108.

Барои ҷамъоварӣ ва нигаҳдошти осори таърихӣ ҷоннок кардани фаъолияти осорхонаҳо ва пурзӯр намудани базаи моддӣ-техникии онҳо ниҳоят зарур аст, зеро бештари осори таърихии минтақа нобуд шуда истодааст[1].

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои арҷ гузоштан ба мероси таърихӣ ва абадӣ гардонидани шахсиятҳои миллати тоҷик шароити мусоид фароҳам оварда шуд. Дар ин замина хуб мешуд дар баробари хона-осорхонаи шоирон, олимон ва арбобони давлатии Тоҷикистон – Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, осорхонаҳои ходимони давлатӣ Нусратулло Махсум, Моёншо Назаршоев низ таъсис дода шаванд.

Муассисаҳои дигари фарҳангӣ клубҳо мебошанд. Чи тавре ба мо маълум аст, дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон шумораи зиёди клубҳо сохта ба истифода дода шуданд. Дар солҳои истиқлолият, бо сабаби нооромиҳои солҳои 90-ум шумораи онҳо коҳиш ёфта, қисман ба чойхонаву китобхона табдил шуда, қисмати дигар хусусӣ гардонида шуданд. Барои мисол соли 1994 шумораи клубҳо дар ноҳияҳои Тоҷикобод зиёда аз 20, Нуробод 17, Рашт 35-ро ташкил медод[2].

Аз рӯйи маълумоти соли 2020 дар навоҳии водии Рашт ҳамагӣ 21 клуб ба қайд гирифта шудааст, ки вобаста ба ноҳияҳо чунинанд: Нуробод – 4 адад, Лахш – 10 адад, Рашт – 3 адад , Тоҷикобод – 2 адад, Сангвор –2 адад[3].

Дар деҳоти навоҳии водии Рашт клубҳои аз тарафи гурӯҳҳои ҳаваскори маҳаллӣ истифода мешаванд ва дар онҳо пайваста чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ гузаронида мешаванд.

---

[1] Абдусатторов Б. Биёед, нигораҳои осорхонаро афзун гардонем //Паёми Тоҷикобод. 2018. №2. 13-уми январ. – С.3.

[2] Годовой отчет по библиотекам (Гарм) за 1993 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.128. В. 22;Отчёт библеотеки и клубные учреждения Комсомолабадского района за 1994 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.131. В. 2; Отчёт библеотеки и клубные учреждения Таджикабадского района за 1994 год //БМДҶТ. Ф.1483. Н.10. Б.132. В. 2.

[3] Ҳисобот дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Ҳукумати ноҳияи Сангвор. 2019. – С.11; Барномаи рушди ичтимоиву иқтисодии ноҳияи Лахш барои солҳои 2018-2020. Лахш, 2017. – С. 34; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020. Нуробод , 2017. – С.40; Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2020. Рашт, 2017. – С.25-26.

Айни ҳол, дар тамоми навоҳии водии Рашт қасрҳои фарҳанг фаъолият доранд, ки давоми солҳои 2016-2020 ҳамаи онҳо аз таъмир бароварда шуданд[1].

**Мероси таърихию фарҳангӣ.** Дар солҳои 90-ми асри XX вазъи ёдгориҳои таърихии халқи тоҷик дар ҳолати ногувор қарор дошт. Дар давраи шӯравӣ бо дастгирии давлат ҷамъияти тоҷикии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ корҳои муҳимро анҷом медод. Дар давраи муосир ин ташкилоти ҷамъиятӣ аз сабаби набудани маблағ барои таъмир ва барқарор намудани ёдгориҳо дар ҳолати парокандагӣ қарор дошт. Ба ғайр аз ин, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ Ҷамъияти ҳифзи ёдгориҳо ва сохторҳои он дар ҳаҷми 1,5 млн. доллар зарари моддӣ дид.

8 феврали соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифз ва истифода намудани иншооти мероси таърихӣ-фарҳангӣ» қабул гардид. Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро нисбат ба ҳифз ва истифода намудани ёдгориҳои таърихӣ, таъмир ва нигоҳдошти онҳо барои наслҳои оянда, самаранок истифода бурдан барои таҳқиқоти илмӣ ва таблиғоти ёдгориҳои таърихӣ барои тарбияи ватандӯстонаи ҷомеа ба танзим медарорад. Қонуни мазкур меъёрҳои ҳуқуқиро, ки ба ҳифз ва истифода намудани объектҳои меросии таърихӣ-фарҳангии дар қаламрави Тоҷикистон бударо муайян менамояд.

Мувофиқи моддаи 1: «Мақсади қонуни мазкур иборат аз ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи ҳифз ва истифода намудани объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ барои таъмини амнияти пурра, ҳаматарафа ва самаранок истифод намудан ва рушдиояндаи онҳо мебошад».[1]

Раштонзамин чун дигар манотиқи Тоҷикистон таърихи куҳан дошта, харобаҳои зиёде дар манотиқи ҷудогонаи он дучор меояд. Бостоншинос

---

[1] Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2017 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2018 //Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2018. – С.53-54; Натиҷаҳои фаъолияти вазорат дар соли 2018 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2019. – С. 27-28.

Юсуфшо Ёқубшо ба таърихи Рашти куҳан баҳо дода таъкид менамояд, ки “Дар асрҳои II-I то милод дар водии Рашт шаҳрҳо пайдо шуда буданд. Ковишҳои бостоншиносӣ дар Дарбанд, қалъаҳои Писараку Духтарак, Ботурхон ба он далолат мекунанд, ки дар замони Кушониён дар водӣ шаҳрҳо пайдо шуда буданд. Ҳафриёт нишон медиҳанд, ки якчанд кӯшк ва марказҳои фарҳангӣ ва маъмурӣ дар шаҳрҳои Дарбанд, Ғурканд (Ғарм), Диж (Ҳоит) ва Лахш амал мекарданд. Дар асрҳои VII—VIII водӣ ба якчанд шоҳигарӣ муттаҳид мешаванд ва шоҳони онҳо унвони “деҳқони Рошт”-ро доштанд. Ҳангоми ҳуҷуми арабҳо шоҳи ин кишвар (деҳқони Рошт) ба императори Чин нома навишта аз вай хоҳиш кардааст, ки дар мубориза бар зидди арабҳои истилогар ба раштиҳо мадад расонад”[1].

Далелҳои овардаи муаррих аз таърихи бостонӣ доштани водии Рашт далолат мекунад. Бо Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2001 номи Ғарм ба номи Рашт, ки номи таърихияш буд, тағйир дода шуд[2].

Дар водии Рашт низ садҳо ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва табииву монументалӣ вуҷуд доранд, ки аз таърихи куҳан доштани ин диёри тоҷикон далолат мекунанд. Ёдгориҳои минтақаро асосан бошишгоҳҳо, димнаҳо, қабристонҳо, қалъаву мақбараҳо ташкил медиҳанд, ки дар ҳама манотиқи водӣ дучор меоянд[3].

Дар осори бостоншиносон ва муаррихон А.Н. Манделштам, В.А. Ранов, Ю. Яъқубов, И.А. Маслов, Т.Г. Филимонова, М. Р. Ахметджанов ёдгориҳои бостонии ноҳияи **Рашт**: қалъаҳои Шоҳон (асрҳои XVI-XVII), Бобурхон, Духтарқалъа (асрҳои XVII-XVIII), Писарқалъа (асрҳои XVII-XVIII), Қалъаи Калон (асрҳои XVII-XVIII), Ялдамич (асрҳои XVII-XVIII), Ҳусайн (асрҳои XVIII-X1X), Шул (асрҳои XVIII-X1X), Сангин (асри XVIII), Ҳисорак (асри XVII), Качамандӣ (асрҳои XVIII-X1X), Бунисафиён (асрҳои XVIII-X1X),

[1] Диловари Мирзо, Назаре ба таърихи Рашти куҳан //Ҷумҳурият. - 2012. (№110) 25-уми август. – С.3; Ҳалимова З. Рашти бостон //Дин ва ҷомеа. -2019. – № 6. – С.3-6.
[2] Диловари Мирзо, Назаре ба таърихи Рашти куҳан //Ҷумҳурият. - 2012. (№110) 25-уми август. – С.4.
[3] Паёми раиси ноҳия Шоҳиён Зарифхӯҷа Фақер бахшида ба 27-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон //Мавҷи Хингоб. 2018. № 9. 18 сентябр. – С.1-2.

Япалоқӣ (асрҳои XVIII-X1X), Турсун (асрҳои XVIII-X1X), димнаи Сар, дидбонгоҳи Даҳана (асрҳои XII-XVI), бошишгоҳи Гӯри Қазоқон (асрҳои X-XII); **Сангвор**: ёдгориҳои бостонӣ – шаҳрак ва бошишгоҳи Шер Қалъа (дар Миёнаду, асрҳои V-VIII), Кофирқалъа (асри V-VI); **Нуробод:** қалъаи Калонак (асрҳои XV- XVIII), харобаҳои қалъаҷой дар деҳаи Самсолиқ (асрҳои X-X1), қалъаи Кофир (асрҳои XVIII-X1X), қалъаи Ҷамҳур (асрҳои V-VIII), қабристони Юст (ҳазораи II), қалъаи Имлок (Дарбанд, асрҳои V-VIII), мавзеъи табиию таърихии Хоҷа Роғун (давраи неолит); **Лахш**: чунин мавзеи таърихии Қизтерек дар Ҷамоати деҳоти Ваҳдат, мавзеи таърихии Чилтан, тасвирҳои рӯйи сангии Шилбилӣ (давраи мезолит), тасвирҳои рӯйи сангии Ачиқалма (мезолит), қабристони Сариҷӯй, ёдгории бостонии Арал (деҳаи Сасиқбулоқ), гӯрҳои қӯрғонҳо дар деҳаҳои Шилбилӣ Кашар ва Девона, мақбараи Шоҳхатиб, шаҳраки Домбраӣ, мавзеи бостонии Чоргул, маҷмааи Хоҷаи Тавоф (асрҳои XVII-XVIII), мавзеи таърихии Хоҷа Маҳмади Валӣ (асрҳои XVII- XVIII), Гӯри Малик, мавзеи таърихии Нонвбой, Токимазор (деҳаи Занкон), мавзеи таърихии Бурга, мавзеи таърихии Қӯчқорсанг (деҳаи Ҷилондӣ), Қочқӯрғон ва ғайра[1].

Дар навоҳии водии Рашт шумораи зиёди мазору мақбараҳо мавҷуданд, ки вобаста ба ноҳияҳо чунин ҷойгир шудаанд: дар **Тоҷикобод** – мақбараҳои Эшони Мирзомалик (асри XVIII), Муҳаммад Ҳусайни Яъқуб (асри XVIII), Мақбараи Абдулаббос мулаққаб ба Рӯшноӣ (асрҳои XV-XVI) Мавлавӣ Абдураҳим (асрҳои X1X-XX), Ҳазрати Эшон (асри X1X), Шайх Абдулло (X1X), Шинӣ (асрҳои XIV-XV)[2]; **Сангвор** – хазинаи Аканҷонбой (асри IX), оромгоҳҳои Бурхи Сармасти Валӣ, Хӯҷа Алоуддин (асри XX), Эшони Халифа (асри XX), Ҳазрати Хӯҷаи Абдолон (асри XX), Ҳазрати Хӯҷа Мерган (асри XX), Ҳазрати Хӯҷаи Сабзпӯш (асри XX), Эшони Мағзумон (асри XIV), Бибӣ Моҳрӯй (асри XIV), Охундӣ, Мирзогулоб (асри XV), Эшони Шайхи Валӣ (асри XX), Эшони Султон (асри XX), Эшони Сулаймон

[1] Феҳристи ёдгориҳои таърихиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Бебок, 2017. – С.10-16.
[2] Ҳамон ҷо. – С.20.

(асри XX); **Нуробод** – мақбараҳои Ҳазрати Ҳамза (асрҳои XVIII-X1X), Ҳазрати Бибӣ, мавзеи таърихии Чилхона, мақбараҳои Хоҷа Ғиёсиддин, Хоҷа Султони Авлиё, Хоҷа Абдураззоқи Валӣ, Домулло Икром, Эшони Шодӣ, Шамсиддинхоҷа, Хоҷаи Парон; **Рашт** – оромгоҳ-мақбараҳои Хоҷа Абдуллоҳи Валӣ, Хоҷаи Сабзпӯш, Хоҷаи Турсун, Хоҷа Машъала, Хуҷумбори Валӣ ва ғайра[1]. Инчунин, дар ноҳияи Рашт ёдгориҳои монументалӣ – муҷассамаҳои Исмоили Сомонӣ (2013), Нусратуллои Махсум (2006) ва Модари Ҳоит (1949/2009) мавҷуданд.

Мутаассифона, ёдгориҳои таърихию фарҳангии водии Рашт то имрӯз аз ҷониби бостоншиносону муҳаққиқони ватанӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Донишро зарур аст, ки ба омӯзиши ин ёдгориҳо диққати хоса диҳад. Бо боварӣ метавон иброз кард, ки омӯзиши ин осори ниёгон сафҳаҳои нави таърихи кишварро боз хоҳад кард.

**Васоити ахбори омма.** Дар давраи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ соҳаи матбуот, радио ва телевизион ба бuҳрони "озодии сухан" гирифтор шуд. Аз сензураи Шӯравӣ озод шуда ба сензураи дохилӣ дучор гардид. Дар шароити ҷанги шаҳрвандӣ ҳангоме, ки «одами ярокдор» ба кормандони соҳаи мазкур фишор меовард рӯзноманигорон ба хотири таъмини бехатарии ҳаёти хеш маҷбур мешуданд, ки ҳар як сухани худро санҷида бо ибора ва ишора ҳарф зананд. Мисоли равшан қатли зиёда аз 70 рӯзноманигор дар ин солҳо мебошад, ки қисми онҳо дар навоҳии водии Рашт кушта шудаанд.

Новобаста аз ин, дар ин солҳо васоити ахбори омма дар ташаккули афкори иттилоотии ҷамъиятӣ нақши пурарзиш дошт. Конститутсияи соли 1994 озодии матбуот ва иттилоотро аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровард ва ин сабаб шуд то Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи арзандаро дар байни кишварҳои демократӣ соҳиб шавад. Дар заминаи Қонуни асосӣ санадҳои дигари меъёри ҳуқуқӣ – «Доир ба матбуот ва дигар васоити ахбори омма», «Доир ба телевизион ва пахши радио» (1996), «Доир ба сирри давлатӣ» ,

[1] Ҳамон ҷо. – С.14-15.

«Доир ба ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (1998), «Доир ба иттилоотонӣ» (2001), «Доир ба иттилоот» , «Доир ба ҳимояи иттилоот». Дар маҷмуъ Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии мазкур фаъолияти васоити ахбори омма ва озодии матбуотро танзим намуданд.

Бо сабаби яку якбора паст шудани сатҳи маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг дар навоҳии водии Рашт фаъолияти рӯзномаҳои маҳаллӣ қатъ гардид. Ин мушкилӣ бо муътадил шудани вазъ ва фароҳам омадани шароити осоишта бартараф карда шуд. Айни ҳол, ҳама навоҳии водии Рашт дорои рӯзномаҳои худ мебошад. Масалан дар ноҳияи Рашт – "Оинаи Рашт", Нуробод – "Нури Нуробод", Тоҷикобод – "Паёми Тоҷикобод", Сангвор –"Мавҷи Хингоб", Лахш – "Паёми Ҷиргатол" пайваста нашр мешаванд. Дар рӯзномаҳо пайваста аз дастоварду муваффақиятҳои ноҳияҳо, фаъолияти муасисаҳо, шахсиятҳои шинохта, дар маҷмуъ ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ, сиёсиву фарҳангии онҳо, мақолаҳо нашр карда мешаванд[1].

Кори рӯзномаҳои маҳаллӣ дар водии Рашт беҳбудӣ мехоҳад. Барои мисол дар ноҳияи Лахш Муассисаи давлатии ҳафтаномаи «Паёми Ҷиргатол» фаъолият дорад, ки дар он 8 нафар корманд кор мекунанд. Муассисаи мазкур аз сабаби надоштани бинои корӣ, дар бинои Ҷамоати шаҳраки «Ваҳдат» муваққатан иҷоранишин аст. Мутаассифона, аз сабаби набудани бинои матбаа ва таҷҳизоти чопӣ ҳафтаномаи «Паёми Ҷиргатол» дар шаҳри Душанбе бо теъдоди 1100 нусха моҳе 2 маротиба бо се забон интишор мегардад. Ба истиснои ноҳияи Рашт, ки дорои матбааи худ аст, дар ноҳияҳои дигар чунин мушкилиҳо вуҷуд доранд.

Дар даҳсолаи аввали истиқлолият бештари навоҳии водии Рашт аз мавҷҳои телевизионҳои давлатӣ маҳрум буданд. Ҳукумати мамлакат ин мушкилиро зина ба зина бартараф намуд. Айни ҳол дар навоҳии минтақа пойгоҳи пахши мавҷҳои телевизионӣ амал мекунад ва аҳолии водии Раштро

---

[1]Маърӯзаи ҳисоботии Раиси ноҳияи Нуробод Ҷобиров Д.П. дар соли 2009 //ФБМДҶТНР. Ф.5. Н.1. Б.32. В.65-81; Оиди иҷрои барномаиислоҳоти кишоварзӣ дар ноҳия (Рашт) ва тадбирҳои минбаъда оид ба зиёд намудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ (2001) //ФБМДҶТНР. Ф.2. Н.1. Б.114. В.10-23; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Тоҷикобод оид ба рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳия дар соли 2011 //ФБМДҶТНР. Ф.4. Н.1. Б.27. В.161-171.

бо барномаҳои «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо», “Синамо” “Варзиш” ва “Тоҷикистон” бархурдор менамояд. Инчунин, шабакаи барномаи якуми радиои Тоҷикистон, 9 шабакаи барномаи дуюми Радиои Тоҷикистон, як шабакаи радиои «Фарҳанг» дар истифодаи аҳолии минтақа қарор доранд[1]. Мавҷуд набудани студияҳои телевизион ва радиои маҳаллӣ, мутахассисони ботаҷриба, мушкилоти соҳа мебошанд.

Дар маҷмуъ муасисаҳои маданӣ– маърифатии навоҳии водии Рашт, ки дар рафти воқеаҳои нохуши солҳои 90-ум вайрону валангор гардидаву аз фаъолият боз монда буданд, дубора барқарор карда шуданд. Дар баробари ин садҳо иншооти нави маърифатӣ дар минтақа қомат афрохтанд. Айни ҳол муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ дар навоҳии Рашт бо чунин шумора вуҷуд доранд: дар ноҳияи Нуробод 33 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 22 китобхона (дорои 62,4 ҳазор адабиёти гуногун), 1 қасри фарҳанг, 1 осорхона, 5 хонаи фарҳангӣ ва 4 клуб фаъолият мекунад; Лахш – дар назди бахши фарҳангӣ ноҳия 49 муассисаҳои маданӣ–фароғатӣ аз ҷумла, 28 китобхона, 8 хонаи маданият, 10 клуби деҳот, 1 осорхона дар маркази ноҳия ва 1 филиали он дар Ҷамоати деҳоти Лахш, 1 мактаби мусиқии бачагона, боғи фарҳангӣ-фароғатӣ амал мекунад; Рашт дорои 64 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 13 хонаи фарҳангӣ, 3 клуб, 40 китобхона, 1 мактаби мусиқӣ, 2 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, филармонияи халқӣ, театри халқӣ, осорхонаи назди бахши фарҳанг, 2 ёдгории таърихии монументалӣ амал намуда истодаанд[2]. Инчунин, дар ноҳияи Рашт 93-масҷид, аз инҳо 6-тоаш масҷиди ҷомеъ ва 87–тоаш масҷиди панҷвақта фаъолият карда истодаанд. Дар қатори инҳо 173 чойхона – фароғатгоҳҳои ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Рашт дар хизмати мардуми ноҳия қарор доранд; **Сангвор** – дар ноҳия 1 театри халқӣ, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 7 китобхона ва се хонаи фарҳанг фаъолият менамоянд. Инчунин, дар ноҳия як масҷиди ҷомеъ ва 42 масҷиди панҷвақта

---

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияи Рашт дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http: //rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019;

[2] Нақшаи чорабиниҳои ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Лахш ( аз 1.06.2018, №297 тасдиқ шудааст ) //Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Лахш. – С.1-8

расман ба қайд гирифта шудааст[1]; **Тоҷикобод** – дар ноҳия ҳамагӣ 23 муассисаи маърифатӣ: 2 китобхонаи марказӣ, 12 китобхонаи деҳотӣ, 2 китобхонаи бачагона, 1 кохи фарҳанг, 2 хонаи фарҳанги деҳотӣ, 2 клуби деҳотӣ, 1 осорхона ва 1 боғи фарҳангӣ фаъолият мекунанд. Илова бар ин дар ноҳияи Тоҷикобод 14 мавзеъҳои таърихӣ, 35 масҷид (4 масҷиди ҷомеъ), 15 чойхона ва як меҳмонхона ба қайд гирифта шудааст[2].

Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо дар фаъолияти муассисаҳои маданӣ-маърифатии навоҳии Рашт мушкилиҳои зиёде низ мавҷуданд. Муассисаҳои маданӣ-маърифатии минтақа аз нарасидани мизу курсӣ, асбобҳои мусиқию навозандагӣ, баландгӯякҳо, сарулибоси саҳнавӣ, сарояндагӣ, рассомӣ, рафҳои китобмонӣ, адабиёти тозанашр ва таҷҳизоти компютерӣ танқисӣ мекашанд.

Бо вуҷуди ҷанги шаҳрвандӣ ва маҳдудиятҳои иқтисодӣ дар зарфи 28 соли истиқлолият соҳаи фарҳанги ноҳияҳои водии Рашт ба дастовардҳои назаррас ноил шуданд. Иштироки ҳунармандони минтақа дар озмуну чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ : “Андалеб 2006-2014”, дар шаҳри Душанбе, 1100-солагии давлати Сомониён, 80-солагии шаҳри Душанбе, 2700-солагии шаҳри Кӯлоби бостонӣ, корвони Роҳи абрешим дар вилояти Суғд, садои кӯҳистон дар ВМКБ, ҷашни “Фалак” дар шаҳри Душанбе, “Чакомаи гесӯ” соли 2011, ҷашни Наврӯз-2011”, Рӯзҳои фарҳангии ноҳияҳои минтақа дар шаҳри Душанбе-2016 ва ғайра, намунаи он аст[3].

Падидаи дигари мусбӣ дар ҳаёти фарҳангии ҳам ҷумҳурӣ ва ҳам водии Рашт ин эҳёи дубораи расму русум, анъана ва ҷашнҳои миллӣ аст. Ҳамасола дар навоҳии Рашт ҷашнҳои миллӣ чун Сада, Меҳргон, Наврӯз ва Тиргон бо тантана ҷашн гирифта мешаванд. Илова бар ин, дар даврони истиқлолият садҳо китобу мақола доир ба таъриху фарҳанг ва чеҳраҳои мондагори водии

---

[1] Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Ҳукумати ноҳияи Сангвор. 2019. – С.11.
[2] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Тоҷикобод барои солҳои 2018-2020. Тоҷикобод, 2017. – С. 40-41; Ҷумъа Мирзо, Муҳаббат ба фарҳанг //Оинаи Рашт. 2007. №5-6. март. - С.6;
[3] Сатиров С. Натиҷа 110,5 хол //Оинаи Рашт. 2008. №8. апрел. – С.3;

Рашт ба нашр расиданд. Ин ҳама дар ташаккули худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихорӣ миллӣ нақши муҳим гузошт.

Ҳамин тавр, дар солҳои соҳибистиқлолӣ новобаста аз вазъи мураккаби солҳои 90-ум аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба соҳаи фарҳанг таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд. Дар ин солҳо (1991-2021) фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанаҳо, одобу аҳлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуда, бо шарофати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии навоҳии водии Рашт ва ҳаллу фасли маҷмуи мушкилоти мавҷудаи соҳа як силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ ба тасвиб расиданд, ба рушду такомули фарҳанги миллӣ такони бузург бахшиданд.

Ба назари мо рушди фарҳангӣ миллӣ дар водии Рашт дар се марҳала идома ёфт: 1) даври аввал бо ҷараёни барқарорсозии фаъолияти муассисаҳои маданӣ- маърифатӣ рабт дошт; 2) марҳалаи дуюм баҳри гузоштани қадамҳои мушаххас дар татбиқи нақшаҳои стратегии рушди фарҳанги миллӣ созгор буд; 3) ниҳоят даври сеюм давраи барномарезӣ ва инкишофи босуръати соҳа гардид.

Дар заминаи иқдомҳои зикршуда фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ мақоми хоса пайдо намуд, ки намунаи он аз ҷониби ЮНЕСКО пазируфта шудани “Шашмақом” ҳамчун шоҳкориҳои мероси шифоҳӣ ва ғайримодии инсоният, мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз (2010), ба рӯйхати мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО шомил шудани ёдгории “Саразм” ва ғайра мебошанд.

## 2.3. Рушди сайёҳӣ, мушкилот ва дурнамои он

Сайёҳӣ яке аз бахшҳои муҳимми иқтисодиёти муосир ба ҳисоб рафта, дар ғанӣ гардонидани буҷаи кишварҳо дар ин самт муваффақ назаррас аст. Солҳои охир рушди туризм дар ҳама манотиқи олам ба чашм мерасад.

Масалан дар давлати Испаниё туризм зиёда аз 30 % -и даромади миллиро ташкил медиҳад[1].

Ҳар як кишвар дорои имкониятҳои ба худ хоси сайёҳӣ мебошад. Тоҷикистон чун кишвари кӯҳсор дорои имконоти воқеии рушди сайёҳӣ мебошад. Дар замонҳои қадим аз қаламрави мамлакат Шоҳроҳи бузурги абрешим мегузашт ва он дар баробари тиҷорати байналмилалӣ ба мубодилаи фарҳанги Шарқу Ғарб таъсир гузоштааст. Кишвари мо бо табиати рангину дилангези худ дили ҳазорҳо хориҷиёнро тасхир мекунад. Аз як тараф захираҳои табиӣ аз тарафи дигар ёдгориҳои таърихию меъморӣ ва хусусиятҳои хоси дастовардҳои миллӣ воситаҳои муҳимми ҷалби сайёҳони хориҷӣ мебошанд. Аз рӯйи ҳисоботи мутахассисон наздики 10 дарсади қаламрави кишварро захираҳои табиӣ ташкил медиҳанд. Ин дар ҳолест, ки нишондиҳандаи мазкур дар Ӯзбекистони ҳамсоя ҳамагӣ 0,7 дарсад мебошад. Хусусияти дигари иқлими Тоҷикистон дар он аст, ки иқлими рангоранг дорад. Масалан аз водии Вахши тафсон дар як муддат метавон ба Бадахшони сард расид[2].

Аз рӯйи маълумоти профессор Холназар Муҳаббатов, ки худ низ зодаи ин минтақа мебошад “Айни замон дар кишвар 4 мамнуъгоҳ, 2 боғи миллӣ ва 13 паноҳгоҳ бо беҳтарин манзараву ёдгориҳои табиӣ–таърихӣ, дар шакли аввалаи худ нигоҳ дошта мешаванд”[3]. Дар ин мавзеъҳо нодиртарин ҳайвоноту рустаниҳо, ки ба Китоби сурхи байналмилалӣ ворид шудаанд, ҳифз мешаванд. Ин дороиҳо имкони рушди туризми экологиро дар мамлакат фароҳам меоранд. Экотуризм солҳои охир дар тамоми ҷаҳон рушд ёфта истодааст. Зеро бо ин васила сайёҳон дар баробари боздид аз табиати рангин, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ва дигар мавзеъҳои сайёҳӣ,

---
[1] Муҳаббатов Х. Тоҷикистон сарзамини муъҷизаҳост //Ҷумҳурият. –2015. -№58. –20-уми март.
[2] Эмомализода Н.Э. Аҳаммияти солҳои 2019-2021 эълон намудани “Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”// //http://si-khatlon.tj //Санаи мурочиат: 23.01.2020
[3] Муҳаббатов Х. Тоҷикистон сарзамини муъҷизаҳост //Ҷумҳурият. –2015. –№58. –20-уми март.

ҳамзамон аз урфу одату анъанаҳои миллии мардуми маҳаллӣ аз наздик шинос мешаванд ва он хеле ҷолибу хотирмон аст[1].

Инро ба инобат гирифта, ташкилоти байналмилалии «British Backpacker Society» дар раддабандӣ аз рӯи имкониятҳои сайёҳати саргузаштӣ ва пиёдагардӣ Тоҷикистонро ба даҳгонаи аввали кишварҳои беҳтарини ҷаҳон шомил намуда, дар ҷойи 7-ум қарор додааст[2].

Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ туризм дар Тоҷикистон начандон рушд ёфта буд. Сабаб дар он буд, ки низоми мавҷуда ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ИҶШС барои рушди туризми байналмилалӣ монеа мешуд. Истиқлолияти давлатӣ ниҳоят ҳамаи ин монеаҳоро бартараф намуд.

Бо назардошти ин, бо муътадил шудани вазъи мамлакат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди соҳа якчанд иқдомҳоро амалӣ намуд. Пеш аз ҳама якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд, ки соҳаи туризмро дар мамлакат танзим намуда, барои рушди он мусоидат карданд. Ин пеш аз ҳама қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи туризм",[3] "Барномаи тадбирҳои таъхирнопазир оид ба инкишофи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1997-1998", "Дар бораи тартиби литсензиякунонии фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пардохтҳои ҳатмии истифодаи табиат" (№ 388, соли 2002), "Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009"[4] «Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014», "Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2012-2019", "Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030" ва ғайра мебошад[5].

---

[1] Мираксода Ф.Ю. Туризм дар Ҷумҳурии Тоҷкистон: таърих ва дурнамои рушд. Дис. барои дарёфти номзади илмҳои таърих. ( 070002 – таърихи Ватанӣ). Душанбе. 2020. – С.48-58.

[2] С. Фирӯзӣ, Ҳ.И. Шоинов, Ҳ.А. Нозимов. Эҳёи касбу хунарҳои мардумӣ ва рушди сайёҳӣ муаррификунандаи асосии симои мамлакат// https: //kulob.tj //Санаи муроҷиат: 21.12.2019

[3] Қонуни Ҷумҳурии Точикистон "Дар бораи туризм". –Душанбе, –1999. -№824. //http: //base.mmk.tj //Санаи муроҷиат: 14.03.2017.

[4] Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2004-2009. Душанбе, 2003 //http: //base.mmk.tj //Сана муроҷиат: 11.12.2019.

[5] Эмомализода Н.Э. Аҳаммияти солҳои 2019-2021 эълон намудани "Рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" //http: //si-khatlon.tj //Санаи муроҷиат: 23.01.2020

Инчунин бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми майи соли 2017 Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта[1], соли 2018 "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардиданд. Дар заминаи иқдомҳои амалишуда дар мамлакат шароити мусоид барои рушди туризм ба миён омад[2].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои милллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон дар вохӯрии худ бо сокинони ноҳияи Рашт (26.06.2019) ҳадафи ин иқдомҳои Ҳукуматро чунин шарҳ дод: "Ҳадафи асосӣ аз эълон гардидани солҳои 2019–2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», пеш аз ҳама ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ бо роҳи беҳтар намудани инфрасохтор, яъне беҳсозии вазъи соҳаҳои маорифу тандурустӣ, фарҳанг, ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум дар ҳар як деҳа ва маҳалли аҳолинишин мебошад.

Дар навоҳии Рашт низ дар робита ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» бунёди инфрасохтори муосири сайёҳӣ, дар сатҳи байналмилалӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ва андешидани чораҳо дар самти инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ зарур мебошад.

Дар минтақа ёдгориҳои зиёди таърихиву фарҳангие мавҷуданд, ки метавонанд макони боздиди сайёҳону меҳмонон бошанд ва ҳамзамон бо ин, ба густариши ҳунарҳои миллӣ дар ин гӯшаи диёрамон мусоидат намоянд"[3].

Сарвари давлат раисони шаҳру ноҳияҳои минтақаи Раштро вазифадор намуданд, ки барои расидан ба мақсадҳои зикршуда дар самти мазкур ва ҳамзамон бо ин, ҷиҳати муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ, ҳифз,

---

[1] Абдуғаффорзода Н. Тоҷикистон кишвари сайёҳӣ мешавад //Бонувони Тоҷикистон. -феврали 2018. -№155. – С.2-4.
2 Солҳои 2019-2021 расман солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон шуданд //http: //orien.info //jomea //Санаи муроҷиат 23.01.2020
[3] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ваҳдати милӣ дар ноҳии Рашт //http: //base.mmk.tj //Санаи муроҷиат: 22.11.2019

инкишоф ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳайвоноту наботот ва мероси таърихиву фарҳангӣ, фароҳам овардани шароит барои сайёҳии экологӣ, табобатӣ, варзишию шикор ва кӯҳнавардӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Яке аз минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дорои иқтидорҳои бузурги сайёҳӣ мебошад водии Рашт аст. Раштонзамин аз замонҳои қадим таваҷҷуҳ ва диққати сайёҳону ҷаҳонгардонро ба худ ҷалб намуда буд. Ҳанӯз дар охирҳои ҳазорсолаи якуми то милод тавассути Роҳи Абрешим, ки водии Олою Рашт, шаҳру рустоҳои Ҳисору Хатлон, Балху Ирон ва Ироқро убур намуда, то баҳри Миёназамин мерасид ва Машриқу Мағрибро бо ҳам мепайваст, овоза ва шуҳрати ин сарзамини биҳиштосоро ба оламиён муаррифӣ менамуд.

Табиати афсункору назаррабои дараҳои Камаробу Ясман, Ҳоиту Вахё, Муҷихарфу Ҳакимӣ хеле нотакрору дилрабо буда, аз беҳтарин макони сайру сайёҳат ба шумор меравад. Чандин солҳост, ки диққати дӯстдорону шавқмандони сайёҳат ва кӯҳнавардиро қуллаҳои осмонбӯси Исмоили Сомонӣ, Пётри 1, пиряхи Федченко ба худ ҷалб намудааст. Ин сарзамин бо сарватҳои зеризаминӣ ва канданиҳои фоиданоку конҳои табиӣ, аз қабили ангишту алюминий, намаксангу хоки кулолӣ ва мармару фарфор низ шуҳрат дорад. Аз конҳои Назарайлоқу Миёнаду, Мук, Лахш ва Кашот ангишти аълосифат истихроҷ мегардад. Захираҳои тиллои дарёи Мук маълуму машҳур аст.Ин водӣ бо мавзеъҳои табобатии худ низ овозадор аст. Гармчашмаи Тандиқул хусусияти табобатӣ дошта, барои муолиҷаи касалиҳои гуногун хеле созгор аст. Меҳмоннавозии самимӣ ва меҳнатдӯстиву садоқатмандии сокинони диёри Қаротегин ба ҳамагон маълуму машҳур буда, ҳар касе меҳмони ин диёр мегардад, инро бо чашмони худ мебинаду эҳсос менамояд[1].

Яке аз минтақаҳои сайёҳии кишвар Боғи миллии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамасола шумораи зиёди сайёҳон ба ин минтақа ташриф меоранд. Он бо манзараҳои нодир, олами набототу ҳайвонот, ёдгориҳои табиию таърихӣ ва

[1] Сайре ба Раштонзамин //http: //tiroz.org //sayre-ba-rashtonazamin //Санаи муроҷиат: 22.02.2020

рушди сайёҳӣ 22-юми июни соли 1992 дар масофаи 1,2 млн гектар таъсис дода шуда, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми июни соли соли 2001 ҳудуди он то ба 2,6 млн гектар васеъ карда шуд. Фаъолияти боғ (парк) аз тарафи Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати ҶТ идора мешавад[1].

Боғи миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва ноҳияҳои Лахшу Сангвор идораҳои минтақавӣ дорад. Аз 2 611 674 гектари ҳудуди боғ 306613 гектараш дар ноҳияи Сангвор, 69912 гектараш дар ноҳияи Лахш боқӣ 2 611 674 гектараш дар ВМКБ воқеъ аст[2].

Дар дохили Боғи миллии Тоҷикистон, кӯлҳои Сарезу Қарокӯл, қаторкӯҳҳои Академияи илмҳо ва Олой, қуллаҳои Исмоили Сомонӣ (7495 м), Абуалӣ ибни Сино (7134 метр), пиряхи бузурги Федченко, Гармо, Грумм–Гржимайло, водии Хингоб ва ғайра ҷойгир шудаанд. Дар ҳудуди боғ чашмаҳои зиёди обҳои маъданӣ ва ёдгориҳои зиёди таърихию меъмориро, ки дар қисмати Шоҳроҳи бузурги абрешим воқеанд, вохӯрдан мумкин аст. Яке аз ёдгориҳои беназири он шаҳраки коркарди маъдани кӯҳӣ дар Бозордара мебошад, ки ба асри XI тааллуқ дорад. Ин шаҳрак дар баландии 4300 метр аз сатҳи бахр ҷойгир буда, дар дохили он 80 хонаи истиқоматӣ ва корвонсарой ёфт шуд. Ба гуфтаи бостоншиносон, бо сабаби дар ҳамон замон авҷ гирифтани бухрони нуқра дар бозори ҷаҳонӣ коркарди он аз фаъолият боз мондааст. Дар худуди минтақаи мазкур боз якчанд қалъаҳои зиёди хонигариҳои ҳокимони Рашту Бадахшонро дучор омадан мумкин аст. Ғайр аз бозёфтҳои археологӣ боз якчанд намуди ёдгориҳои этнографӣ низ пайдо шудаанд, ки аз гузаштаи мардуми тоҷик дар асри санг ва асрҳои миёна маълумот медиҳанд[3].

Аз таъсиси Боғи миллӣ 27 сол пур шуда бошад ҳам, мутаассифона, ин мавзеъ хеле кам муаррифӣ гардидааст. Махсусан корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ, бо мақсади ҷалби сайёҳон ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда

[1] Боғи миллии Тоҷикистон //https://tg.wikipedia.org //Санаи муроҷиат: 23.01.2020
[2] Боғи миллии Тоҷикистон //https: //tg.wikipedia.org //Санаи муроҷиат: 23.01.2020
[3] Муҳаббатов Х. Тоҷикистон сарзамини муъҷизаҳост //Ҷумҳурият. – 2015. -№58. –20-уми март.

нашудааст. 21-уми июли соли 2013 Боғи миллии Тоҷикистон дар иҷлосияи 37-уми Кумитаи Мероси Ҷаҳонии ЮНЕСКО ба Феҳристи Мероси ҷаҳонии Идораи омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии СММ (ЮНЕСКО) шомил шуд[1]. Баъди ин интизор мерафт, ки шароити зарурӣ фароҳам оварда шуда шумораи сайёҳон дар ин мавзеъ афзоиш меёбад, аммо ин тавр нашуд. Аз рӯи маълумоти оморӣ соли 2015 аз Боғи миллӣ 346 нафар дидан намудаанд. Гарчанде дар муқоиса ба солҳои қаблӣ бештар аст, аммо ҳанӯз ҳам қонеъкунанда нест.

Омилҳои асоси ин вазъ инфрасохтори заиф доштани минтақа ва дар сатҳи зарурӣ ба роҳ намондани корҳои ташвиқотӣ мебошад. Бо мақсади бартараф сохтани монеаҳои ҷойдошта ва рушди туризм дар минтақа (боғ) соли 2004 “Барномаи давлатии рушди ҳудудҳои табиии махсус ҳифзшаванда барои солҳои 2005-2015” қабул гардида буд. Мувофиқи нишондодҳои барномаи мазкур дар ноҳияҳои Сангвор ва Лахш идораҳои мудирияти боғ таъсис ёфта, 23 дастурамал тартиб дода шуд. То ҷое парваришгоҳи гавазни бухороӣ ва мурғи тазарвӣ фаъол гардида, кормандон бо асбобҳои муосир таъмин гардиданд[2].

Имрӯз низ дар фаъолияти Боғи миллии Тоҷикистон мушкилоти зиёде ҷой дорад, ки монеаи рушди он гардидаанд. Ин пеш аз ҳама, набудани мутахассисони соҳа, ночиз будани маблағгузорӣ ва набудани заминаи моддӣ-техникӣ ва ғайра.

Таҷрибаи давлатҳои дигар собит менамояд, ки дар сурати дуруст ба роҳ мондани корҳо дар боғҳои миллӣ онҳо ба буҷаи давлат маблағҳои зиёде ворид менамоянд. Боғи миллии Тоҷикистон калонтарин дар дунё ба ҳисоб меравад, зеро то таъсиси он Боғи миллии Клуэйни Канада калонтарин дар дунё ба ҳисоб мерафт, ки масоҳати он ба 2 миллиону 200 ҳазор гектар баробар аст. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико 25 боғи миллӣ мавҷуд аст, ки 18 - тои он дар мавзеъҳои баландкӯҳ ҷойгир шудаанд. Яке аз боғҳои миллии

---

[1] Боғи миллии Тоҷикистон //https: //tg.wikipedia.org //Санаи муроҷиат: 23.01.2020
[2] Фарзонаи Ф. Парки миллӣ: чаро дар ин бора кам мегӯем? //Ҷумҳурият. 2016 (№122-123). 23 июн. – С.4.

он «Грейтсмок Маунтинг» буда, онро соле то 7 миллион сайёҳ тамошо мекунад. Ҳар сол ИМА аз ҳисоби боғҳои миллӣ беш аз як миллиард доллар даромад мегирад[1].

Мисоли дигар Иссиққӯли Ҷумҳурии Қирғизистон аст, ки вақте он ба рӯйхати ЮНЕСКО ворид карда шуд аз ҷониби сохторҳои дахлдор дастгириии ҷиддӣ ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ба минтақаи азими сайёҳӣ табдил дода шуд. Аз маълумоти оморӣ ҳамасола ба ин мавзеъ 4-5 миллион нафар сайёҳ ташриф меоранд ва аз ин ҳисоб ба буҷаи давлат маблағҳои калон ворид мегардад[2].

Чи тавре мушоҳида шуд Боғи миллии Тоҷикистон, ки бо ҳудуди васеъ ва олами набототу ҳайвоноташ дар ҷаҳон назир надорад, ба таври зарурӣ ба сайёҳон хизмат намекунад. Дар сурати ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва пурзӯр намудани инфрасохтори он дар солҳои наздик Боғи миллӣ метавонад ба яке аз маконҳои сайёҳии кишвар табдил ёбад.

Навоҳии водии Рашт вобаста ба шароит ва иқтидорҳои туристии худ бо тафовутҳои ҷузъӣ аз ҳам фарқ мекунанд. Бо назардошти ин мехостем таърихи ташаккул ва имкониятҳои туристии ҳар ноҳияро дар алоҳидагӣ дида бароем.

Ноҳияи Рашт низ аз зумраи он навоҳии водии Рашт аст, ки бар зарари бухрони солҳои солҳои 90-ум хоҷагии халқаш ба куллӣ хароб гардид. Инчунин, бо сабаби номуътадилии вазъ то соли 2000-ум шумораи ками сайёҳон ба ин минтақа ташриф меоварданд. Аз тарафи дигар барқароркунии хоҷагии халқи мамлакат қариб як даҳсолаи дигар низ идома дошт.

Дар солҳои охир дар ноҳияи Рашт барои ҷоннок намудани кор дар самти сайёҳӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Бо мақсади таблиғи имкониятҳои сайёҳии ноҳия моҳи декабри соли 2018 сомонаи "сайёҳӣ" кушода шуд, ки дар он иттилооти зарурӣ пайваста нашр мешавад. Дар

---

[1] Муҳаббатов Х. Тоҷикистон сарзамини муъҷизаҳост //Ҷумҳурият. –2015. –№58. –20-уми март.
[2] Фарзонаи Ф. Парки миллӣ: чаро дар ин бора кам мегӯем? //Ҷумҳурият. 2016 (№122-123). 23 июн. – С.4.

баробари ин, тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва иҷтимоӣ корҳои ташвиқотиву тарғиботӣ ба роҳ монда шудаанд[1].

Бо мақсади рушди соҳаи сайёҳӣ бо қарори Раиси ноҳияи Рашт аз 1 июни соли 2018 "Барномаи рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2021" қабул гардид. Дар асоси нақша-чорабиниҳо бахшида ба солҳои 2019-2021 "Солҳои рушди, деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" харитаи сайёҳии ноҳия мураттаб гардида, дар даромадгоҳи ноҳия – маҳали "Чашмаи шоирон" насб шудааст[2].

Айни замон дар ноҳия шаш хатсайри сайёҳӣ – "Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Камароб", "Душанбе-Рашт-дараҳои Ҷафр-Ҳоит", "Рашт-дараҳои Камароб-Тагоба", "Рашт-дараи Ҷафр", "Рашт – Ҳоит" ва "Рашт – Шамар" ташкил карда шуда, пайваста тавассути рӯзномаю маҷаллаҳо ва шабакаҳои телевизионӣ таблиғ мешаванд. Барои амалӣ намудани хатсайрҳои таҳиягардида аз ҷониби бахши рушди сайёҳии ноҳия дар ҳамкорӣ бо ширкати сайёҳии "Ҷавоҳир - сайр" 26 нафар роҳбаладон омода карда шуданд[3].

Аз рӯйи ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт соли 2019 дар ноҳия 3 меҳмонхона, 2 ҳомстей, 1 гестҳавз (меҳмонхонаи хурд), 20 ошхонаю тарабхона, 2 осорхона, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 боғи ботаникӣ-фарҳангӣ, 7 нуқтаи хӯроки тезтайёр, 1 маркази иттилоотӣ, 1 маркази ҳунармандию фурӯши армуғонҳои миллӣ ва 1 ширкати сайёҳӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки дар рушди сайёҳӣ заминаи мусоид мегузоранд[4].

Дар баробари ёдгориҳои таърихӣ осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ низ маконҳои асосии сайёҳони фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Дар ноҳияи Рашт

---

[1] Диловари М. Рашт барои қабули сайёҳон омода аст //Садои мардум.2019. №54. 14 май.
2 Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http://rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019.
[3] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http: //rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019
[4] Бузургмехри Б., Маҳмуд Б. Рашт дар манзари сайёҳони ҷаҳон //Ҷумҳурият. 2018. №195. 4 окт. – С.2-3; Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http://rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019

ду осорхона фаъолият дорад: осорхонаи назди бахши фарҳанг ва осорхонаи хусусии “Баҳори Аҷам”[1].

Дар осорхонаи назди хонаи фарҳанг ҳамагӣ 450 нигора ҷамъоварӣ шудааст, ки барои як осорхонаи кишваршиносӣ ночиз мебошад. Дар осорхонаи “Кӯҳсори Аҷам”, ки аз тарафи кишваршинос Мирзошоҳи Акобир таъсис ёфтааст, зиёда аз 2800 нигора ҷамъоварӣ шудааст. Атрофи осорхонаро боғи ботаникӣ иҳота кардааст, ки ҳанӯз соли 1988 таъсис ёфта буд. Дар боғи “Кӯҳсори Аҷам” 52 навъи маҳаллии себ, 34 навъи муруд, 22 навъи зардолу, навъҳои зиёди гелос, ангур, олу, шафтолу, чормағз, бодом ва ғайра парвариш меёбанд. Муассис ва масъули боғи ботаникӣ – Мирзошоҳи Акобир бо боғпарварони 22 кишвари дунё робита дошта, ба онҳо мубодилаи таҷриба мекунад. Ҳамасола шумораи зиёди сайёҳони дохиливу хориҷӣ аз ин осорхона ва махсусан боғи ботаникӣ дидан мекунанд[2].

Ба истифода дода шудани шоҳроҳи байналмилалии Душанбе – сарҳади Қирғизистон ва роҳи шаҳраки Ғарм – шаҳраки Навобод то ҷое ба рушди соҳа такон бахшид. Дар шафати роҳҳои номбурда аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ чойхонаву тарабхона, мағоза, нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ ва дигар нуқтаҳои хизматрасонӣ сохта ба истифода дода шуданд. Дар маркази ноҳия бошад, дар 4-5 соли охир шумораи зиёди мағозаю тарабхона ва ошхонаҳо кушода шуданд, ки дар онҳо тамоми таомҳои миллӣ омода карда мешавад. Чи тавре дар боло ишора намудем дар ноҳия 3 меҳмонхона – “Шоми Рашт”, “Соҳили Сурхоб” ва “Ҷамъияти матлубот” фаъолият мекунанд, ки метавонанд дар як шабонарӯз ба 300 нафар хизмат кунанд[3].

Дар ноҳияи Рашт мавзеъҳои нодир чун дараҳои хушманзари Камароб, Қалъанак, Ҳиҷборак, Ясманд, Ҳоит бо манзараҳои дилфиреб, гиёҳҳои шифобахш, рӯду кӯлҳои мусаффо, мардуми меҳмоннавоз ва дигар вижагиҳояшон машҳуранд.

---

[1] Асозода С. Мирзошоҳи Акобир: “Рашт сарзамини кашфношудаи сайёҳист” //Садои мардум. 2019. № 113. 21 сент.
[2] Асозода С. Мирзошоҳи Акобир: “Рашт сарзамини кашфношудаи сайёҳист” //Садои мардум. 2019. № 113. 21 сент.
[3] Бузургмеҳри Б., Маҳмуд Б. Рашт дар манзари сайёҳони ҷаҳон //Ҷумҳурият. 2018. №195. 4 окт. – С.2-3.

Дараи овозадори Камароб ҳамасола садҳо нафар сайёҳонро қабул мекунад. Панҷ соли охир дар ин макон фароғатгоҳи "Шарики боэътимод" ба сайёҳон хизмат мерасонад. Фароғатгоҳи мазкур дорои боғу гулгашт, айвонҳои хурду калон, майдончаи варзишӣ, ҳавзи шиноварӣ мебошад. Инчунин, дар ин макон ҳавзҳои парвариши моҳӣ мавҷуд аст, ки ҳамасола 20-22 тонна моҳӣ парвариш ва пешкаши харидорон мекунад[1].

Дар ҳудуди деҳоти Тагоба дараи хушманзараи Хӯҷа Шамсиддин ҷойгир аст, ки макони мувофиқ барои шикор аст. Дар ин мавзеъ барои сайёҳони дохиливу хориҷӣ бошишгоҳи замонавӣ сохта шудааст.

Бо мақсади муаррифии имкониятҳои туристии Раштонзамин, муайян намудани мушкилот ва дурнамои соҳа 8 июни соли 2019 бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба ҷашни 22-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ дар ноҳияи Рашт Конференсияи митақавии сайёҳӣ таҳти унвони "Ваҳдату субот – заминаи мусоиди рушди сайёҳӣ" баргузор гардид, ки дар кори он намояндагони Кумитаи рушди сайёҳӣ, муовинони раисони ноҳияҳои минтақаи Рашт, намояндагони ширкатҳои сайёҳӣ ва соҳибкорону фаъолони ноҳия иштирок намуданд[2].

Аз рӯйи маълумоти мудири бахши сайёҳии ноҳия Рашт Одилҷони Ҳайдар дар соли 2018 зиёда аз 150 нафар сайёҳони хориҷӣ аз маконҳои гуногуни ноҳия дидан намуданд. Бештари сайёҳон аз Чин (40 нафар), Олмон (15 нафар) Молдова (9 нафар), Амрико (8 нафар), Ӯзбекистону Ҳоланд буданд[3]. Шумораи сайёҳон дар ноҳия ҳамасола рӯ ба афзоиш дорад. Масалан дар давоми 11 моҳи соли 2019 ба ноҳия 2273 нафар сайёҳон, аз ҷумла 2009 нафар сайёҳони дохилӣ ва 264 нафар сайёҳони хориҷӣ ворид гардидаанд, ки дар муқоиса ба соли 2018 якчанд маротиб зиёд мебошад[4].

---

[1] Бузургмеҳри Б., Маҳмуд Б. Рашт дар манзари сайёҳони ҷаҳон //Ҷумҳурият. 2018. №195. 4 окт. – С.2-3.
[2] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http: //rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019
[3] Асозода С. Мирзошоҳи Акобир: "Рашт сарзамини кашфношудаи сайёҳист" //Садои мардум. 2019. № 113. 21 сент.
[4] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар ёздаҳ моҳи соли 2019 //http: //rasht.tj //Санаи муроҷиат: 31.12.2019

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018 № АП-1059 оид ба таҳия ва амалӣ кардани нақшаи корҳои ободонию бунёдкорӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2018, № 372 "Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ ва корҳои созандагию бунёдкорӣ дар давраи солҳои 2018-2021" таҳия ва тасдиқ карда шуд, ки мувофиқи он сохтмони 255 иншоот ба нақша гирифта шуда буд, ки қисмати онҳоро иншоотҳои маданию маишӣ ва фароғатӣ ташкил медиҳанд.

Айни ҳол дар ноҳия 2 осорхона (Осорхонаи назди бахши фарҳанг ва осорхонаи хусусии «Кӯҳсори Аҷам»), 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 боғи ботаникӣ-фарҳангӣ, 3 меҳмонхона, 1 гестҳавз (меҳмонхонаи хурд), 5 ҳомстей, 3 адад тарабхона, 21 адад ошхона, 10 адад нуқтаҳои хӯроки тезтайёр бо фарогирии зиёда аз 1150 ҷойи нишаст, 1 маркази ҳунармандӣ ва фурӯши армуғонҳои миллӣ, 1 маркази иттилоотии сайёҳӣ ва растаи фурӯши ҳунарҳои мардумӣ дар бозори марказии ноҳия фаъолият доранд.

Рушди сайёҳиро бе рушди ҳунарҳои мардумӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Дар ноҳия 115 нафар ҳунармандон, аз ҷумла 57 нафар мардон ва 48 нафар занон фаъолият дошта, зиёда аз 12 намуди ҳунарҳои мардумиро истеҳсол менамоянд.

Дар ноҳия ҳунарҳои оҳангарӣ, табақтарошӣ дуредгарӣ, гулдӯзӣ ва дигар ҳунарҳои хоси ин мардум шуҳрат пайдо намуда, ҳунармандон дар

баробари таъмини бозори дохилӣ, маҳсулоти худро пешкаши сайёҳони дохилию хориҷӣ менамоянд[1].

Яке аз ноҳияҳои сайёҳии Раштонзамин Лахши бостон аст, ки дорои имкониятҳои васеи сайёҳӣ мебошад. Яке аз вижагиҳои он чашмаҳои шифобахш, шаршараҳои зебо, дараҳои зебоманзар ва мавзеъҳои таърихиаш мебошад. Табиати ноҳия бештар барои рушди сайёҳии экологӣ ва кӯҳию варзишӣ мусоид мебошад. Аз он, ки 95 дарсади ҳудуди Лахшро кӯҳсор

[1] Ҳисоботи Раиси ноҳияи Рашт оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти тараққиёти иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳия дар соли 2021 // Бойгонии ҷории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт Тоҷикобод. 2021. С. 23-25.

ташкил медиҳад, дар ҳудуди он шурӯъ аз соли 2010 экспедитсияҳо (эъзомия)-и байналмилалии кӯҳнавардии ташкилоти ҷамъиятии Шӯрои рушди туризм барои фатҳи қуллаи Исмоили Сомонӣ гузаронида мешаванд. Аз маркази ноҳия ба сӯйи ин қуллаҳо роҳи махсус сохта шудааст, ки кӯҳнавардонро ба майдончаи "Москвина" роҳнамун месозад. Экспедитсияҳои мазкур анқариб ҳамасола бо иштироки варзишгарону кӯҳнавардони зиёда аз 15 кишвари хориҷӣ доир мегарданд. Танҳо дар зимистони соли 2021 125 кӯҳнаворд ба ҳудуди ноҳия ташриф оварда, даҳҳо лижаронҳои дигар меҳмони минтақа шуданд[1].

Мавзеи дигаре, ки диққати сайёҳони дохиливу хориҷиро бештар ҷалб кардааст гармчашмаи Тандиқул ё худ Данги гол[2] мебошад. Ҳарорати чашма 95° С-ро ташкил дода, оби он дорои як қатор модаҳои кимиёвӣ мебошад. Оби чашма барои фишорбаландӣ, бемориҳои занона, пӯст, аъзои ҳозима ва ғайра судманд аст[3].

Қабристонҳои атрофи чашма ба замони то исломӣ рабт дошта, дар шаху кӯҳҳои Тандиқул расмҳои одамони ибтидоӣ, ҳайвонҳои шохдор, саҳнаи шикор ва ғайра акс ёфта, сайёҳону бинандагонро ба сайри таърихӣ мебарад. Ин ёдгориҳои таърихӣ пажӯҳиш ва муаррифии бештарро мехоҳанд.

Соли 1968 бо кӯшиши Саидмухтор Шолангаров – директори собик совхози ба номи Ленин то ба мавзеи гармчашма ва чарогоҳҳои он роҳи мошингард ва 5 пул сохта шуда буд. Маҳз аз ҳамин давра ташрифи мардум ба ин мавзеъ оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ он обод гашта, айни ҳол дар табобатгоҳ, меҳмонхона, нуқтаҳои маишӣ, ошхона, ҳавзҳои хурду бузурги оби гарм ва дигар шароит муҳайё мебошад[4].

Мавзеи дигаре, ки бештар диққати сайёҳонро ҷалб мекунад шаршараҳои Лахш мебошанд, ки аз баландиҳои дарраҳо ва пиряхҳо ҷорӣ

---

[1] Б. Бузургмехр, М. Баҳром. Лахши сафобахш мавзеъи камназири сайёҳӣ //Ҷумҳурият. 2018. №207. 24 окт. – С.1-2.
[2] Аз рӯи маълумоти забоншиносон вожаи ориёӣ мебошад, ки дар шакли Танги гӯл ё Данги гӯл низ истифода мешавад.
[3] Б. Бузургмехр, М. Баҳром. Лахши сафобахш мавзеъи камназири сайёҳӣ //Ҷумҳурият. 2018. №207. 24 окт. – С.1-2.
[4] Б. Бузургмехр, М. Баҳром. Лахши сафобахш мавзеъи камназири сайёҳӣ //Ҷумҳурият. 2018. №207. 24 окт. – С.1-2.

мешаванд. Аз зумраи чунин шаршараҳо шаршараи Партанғойи дараи Пиёзӣ аст. Он аз баландии 200 метр, аз болои кӯҳ сарозер омада, қатраҳои шаффофаш ба атрофу акноф парешон мешавад. Аз ин сабаб атрофи резишгоҳ дар фасли тобистон хеле салқину гуворост.

Шаршараи дигари ин дара Тулубой аст, ки 300 метр дарозӣ дорад. Мутаассифона, дар ин мавзеъ ҳоло ҳам ҳеҷ шароите барои сайёҳон муҳайё нашудааст. Дар сурати муҳайё сохтани инфрасохтори сайёҳӣ он метавонад ҷойҳои зиёди кориро фароҳам оварда, барои рушди туризм дар ноҳия мусоидат кунад.

Мавзеи дигари сайёҳӣ Ҳавзи Кабуд ба ҳисоб меравад, ки дар деҳаи Ҷилондии Ҷамоати деҳоти Сурхоб, дар баландии 2000 метр аз сатҳи баҳр воқеъ аст. Масоҳати умумии ҳавз 45 гектарро дарбар гирифта, аз сабаби шаффофияш онро кабуд ном мебаранд. Оби ҳавзро сокинон ҳамчун оби ошомиданӣ истифода мебаранд.

Дар баробари дороиҳои табиӣ, дар кишвари мо ёдгориҳои зиёди таърихию бостонӣ мавҷуданд, ки аз таърихи пурғановати миллати тоҷик гувоҳӣ медиҳанд. Дар шароити муосир сайёҳии фарҳангӣ хеле пеш рафтааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки кам нестанд сайёҳоне, ки таваҷҷуҳашонро маконҳои таърихӣ, мавзеҳои сайёҳӣ, урфу одат ва анъанаҳои халқҳои дигар ҷалб мекунанд.

Дар тамоми қаламрави водии Рашт, аз ҷумла ноҳияи Лахш, ёдгориҳои зиёди таърихӣ мавҷуданд. Яке аз онҳо Ғори сиёҳ дар Ҷамоати Алға мебошад, ки ба ҷомеаи ибтидоӣ рабт дорад. Аз сабаби он ки дохили ғор торику касногузар шудааст, мардуми атроф онро “Ғори сиёҳ”, яъне торик ном гузоштаанд. Дар дохили ғор болои сангҳо тасвирҳои одамони қадим, ҳайвонот, саҳнаи шикор ва навиштаҷоти рамзиро метавон мушоҳида кард. Чунин аксу навиштаҷотҳо дар деҳаи Шилибилии ноҳия низ ба чашм мерасанд. Мутаассифона ин мавзеъҳои таърихӣ то имрӯз аз ҷониби муаррихони ватанӣ пажӯҳиш нашудаанд.

Шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ноҳия сол то сол зиёд шуда истодааст. Масалан бо мақсади шинос шудан аз мавзеъҳои сайёҳии ноҳия соли 2009-2012 аз давлатҳои Русия, Украина, Чехия, Эрон, Булғория, Фаронса, Олмон, Туркия ва дигар кишварҳои дунё беш аз 1600 нафар ташриф оварданд, ки ин нишондод нисбати солҳои 2005-2006 ду маротиба зиёд мебошад[1].

Ҳар минтақаи водии Рашт иқлими ба худ хос дошта, дар алоҳидагӣ метавонад сайёҳони зиёдро ҷалб намояд. Ноҳияҳои Тоҷикободу Нуробод ва Сангвор низ барои рушди соҳаи туризм, махсусан туризми экологӣ ва кӯҳию варзишӣ хеле мусоид мебошанд. Иқлими хуб, боду ҳавои форам, табиати дилфиреб ва манзараҳои зебою дилкаш имконият медиҳанд, ки соҳаи сайёҳӣ дар ин навоҳӣ рушд ва тараққӣ намояд.

Мардуми бофарҳангу меҳнатқарини ин минтақа низ дар ҳамвориҳо, водиҳои сарсабзи қаторкӯҳҳо сокин гашта, фарҳанг, касбу ҳунар, русуму анъанаҳои ҷолиб доранд. Сарзамини водӣ низ аз табиати ба худ хос ва набототу ҳайвоноти гуногун иборат аст. Дар кӯҳсори ин ноҳияҳо ҳайвонҳои нодир, аз қабили оҳу, хирс, хукҳои ёбоӣ, нахчир, паланг, барс, рӯбоҳ, қашқалдоқ, суғур ва паррандаҳои гуногун мавҷуданд. Тамошои манзараҳои дилрабои он, обу ҳавои тоза, кӯҳҳои осмонбӯс, кӯлу дарёҳо, чашмаҳои шифобахш ва зиёратгоҳҳо бахше аз сарватҳои бебаҳои ин навоҳиянд.

Ҳавзи Кабуд, ағбаҳои сердолу дарахти Полезаку Харсанг ва Хобу Рубот барои сайёҳони хориҷӣ ҷолиби диққатанд. Аз ҳудуди ноҳияи Сангвор дарёи Хингоб мегузарад, ки масофаи 250 км тӯл кашида, ба дарёи Вахш мепайвандад. Барои баҳрагирӣ аз ин имкониятҳои фарохи рушди сайёҳии ноҳия бунёди инфрасохтори соҳа зарур мебошад. Айни ҳол ин имкониятҳо ба таври зарурӣ истифода намешаванд[2].

Мақбараи яке аз намояндагони бузурги олами ислом – Ҳазрати Бурхи Валӣ яке аз маконҳои сертамошотарин зиёратгоҳҳои ҷумҳурӣ мебошад. Мақбара дар соҳили чапи дарёчаи Оби Мазор, дар масофаи тақрибан 60 км

[1] Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Ҷиргатол барои солҳои 2013-2017. Ҷиргатол. 2012. – С.46.
[2] Амиров Д. Сангвор минтақаи ояндадори сайёҳӣ //Ҷумҳурият. 2018. №250. 19 декабр. – С.3.

аз маркази ноҳияи Сангвор дар баландии 2759 метр аз сатҳи бахр ҷойгир шудааст. Дар сохтмони мақбара хишти пухта истифода шудааст. Он аз пешайвон ва оромгоҳ иборат буда, ба асрҳои XVI-XV11 мутааллиқ аст[1].

Танҳо дар ноҳияи Сангвор 30 оромгоҳи шахсиятҳои илму ирфон мавҷуд аст, ки мақбараҳои "Хоҷа Аловуддин", "Чашмаи Миркалон", "Қалъаи Кофирон"-и деҳаи Чилдара ва "Қалаъаи Кофирон"-и деҳаи Лайрон, кӯҳи "Арӯсу Домод", кӯҳи "Гули садбарг" кӯҳи "Хоҷа Абдушаҳид" (Тамара) аз ҷумлаи онҳоянд.

Дарвоқеъ, осори таърихию фарҳангии миллати тоҷик барои рушди босуръати соҳаи сайёҳӣ яке аз роҳҳои муҳим ба ҳисоб рафта, дар сурати оқилона истифода шудани ин иқтидори сайёҳии минтақа, метавонад соҳиби сармояи бойе гардад.

Мушкилоти асосии минтақа барои рушди сайёҳӣ ин набудан ва ё дар ҳолати садамавӣ қарор доштани роҳҳо, заминаи заифи инфрасохтори сайёҳӣ ва фарҳангию фароғатӣ (меҳмонхона, осоишгоҳҳо, мавзеъҳои сайёҳӣ, марказҳои фарҳангӣ, мағозаҳо ва ғ.), набудани мутахассисони соҳавӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди иқтисодии минтақа дар баробари кишоварзӣ ва коркарди канданиҳои фоиданок аз сайёҳӣ низ вобастагӣ дорад. Бахусус барои "экотуризм" ва сайёҳии экстремалӣ тамоми имкониятҳо вуҷуд доранд.

Таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва дар самти сайёҳии фарҳангӣ муваффақ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир диққати хориҷиёнро на танҳо табиати зебо, балки таъриху фарҳанг, расму ойин, анъанаҳои миллӣ ва мавзеъҳои таърихӣ-меъмории халқиятҳои дигар ҷалб менамояд.

Имрӯз дар кишвар садҳо иншооту маконҳои таърихӣ ва осорхонаҳои кишваршиносӣ мавҷуданд, ки ниёз ба маблағгузорӣ, барқарорсозӣ ва омӯзиш доранд. Дар сурати қабули барномаи мукаммали сатҳи давлатӣ дар ин самт метавонад барои рушди сайёҳии фарҳангӣ дар кишвар мусоидат

[1] Китоби ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон. Душанбе, 2011. – С.117. (244 саҳ).

намояд. Агар аз як тараф рушди сайёҳии фарҳангӣ омили рушди иқтисоди кишвар гардад, аз тарафи дигар воситаи муаррифии таъриху фарҳанги халқамон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар ҳолати таъмир ва барқарор намудани иншооти туристии харобгардида, навоҳии водии Рашт метавонад яке аз маконҳои асосии сайёҳони на танҳо дохили кишвар, балки тамоми кишварҳои муштаракулманофеъ гардад. Инчунин, сохтмон ва барқарор намудани иншооти маишию истироҳатӣ метавонад ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва дарёфти даромади иловагии аҳолӣ мусоидат намояд. Аҳолии минтақа беҳтар кардани шароити иқтисодии худро дар мавсими туристӣ дарк карда, ба сохтмони меҳмонхонаҳо ва тарбхонаҳои замонавӣ шурӯъ намуда истодаанд.

Таҳлили мавзуъ нишон дод, ки ҳолати ногувори инфрасохтори водӣ ва набудани шиору овезаҳои тарғиботӣ бо забонҳои давлатӣ ва хориҷӣ, норасии мутахассисони соҳа – гидҳо, роҳбаладҳо, тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ; кам будани намоядагони ташкилот ва ширкатҳои сайёҳӣ мушкилоти асосии соҳаи туризм ба ҳисоб мераванд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо сабаби сар задани ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ навоҳии водии Рашт низ ба мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ шуд. Дар муқоиса ба дигар манотиқи кишвар дар инҷо амалиёти ҷангӣ бевосита сурат мегирифтанд. Дар рафти амалиёти ҷангӣ, ки дар ин минтақа сурат гирифтанд, иқтисодиёти минтақа зарари калон дид. Сатҳи зиндагии мардум поён рафта, аҳолии зиёд муҳоҷири иҷборӣ шуданд ва моликияти онҳо ба коми оташ фурӯ рафт ё аз ҷониби ашхоси ҷудогона ғорат шуданд.

Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба ҳаёти фарҳангии навоҳии водии Рашт низ таъсири манфии худро расонид. Садҳо иншооти фарҳангӣ хароб гардида, таассуби динӣ дар ҷомеа боло рафт. Ин раванд ва шароити ногувори давр (ҷангу хунрезӣ, фишору зӯроварӣ ва ғ.) ба зеҳну равони мардум, бетаъсир намонд. Маҳз чунин буд пайомади ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ барои сокинони Раштонзамин. Ин харобкориву буҳрони ба амал омада рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаро як даҳсола ба қафо партофта, мушкилоти зиёдеро ба мерос гузошт.

Баъди баргузории Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ, ки дар рафти он муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуд, масъалаи баргардонидани гурезагон, аз ҷумла аз водии Рашт, яке аз мавзуъҳои меҳварии сиёсати ӯ ба ҳисоб мерафт. Бо талошҳои сардари давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва кишвару созмонҳои байналмилалӣ моҳи июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки барои барқарорсозӣ ва рушди минбаъдаи водии Рашт низ замина муҳайё кард **[6-М].**

27 июни соли 1997 Ҳукумати мамлакат, хосатан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои барқарорсозии хоҷагии халқи водии Рашт тамоми имкониятҳоро истифода намуд. Шуруъ аз соли 1995 то имрӯз барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии водии Рашт пайваста

қабул мегарданд, ки барои ҳалли монеа ва мушкилоти масоили иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа равона шудаанд **[3-М].**

Таҳқиқи ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии навоҳии водии Рашт дар солҳои истиқлолият, нишон дод, ки ин раванд дорои паҳлӯҳои мусбӣ ва манфӣ мебошад.

**Тарафҳои мусбӣ:**

1. Кишоварзӣ навоҳии водии Рашт соҳаи калидӣ ба ҳисоб рафта, асоси иқтисодиёти минтақа ба шумор меравад. Вазъи кишоварзии минтақаро дар солҳои истиқлолият таҳлил намуда, онро ба се марҳала тақсим кардан мумкин аст:

1) Марҳалаи бухронӣ, ки ба солҳои 1991-2000-ум рост меояд. Дар ин марҳала майдони заминҳои кишт коҳиш ёфта, қисми зиёди моликияти колхозу совхозҳо хусусӣ гардонида шуда, худи онҳо ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил дода шуданд. Дар бештари маврид бо сабаби набудани техникаи кишоварзӣ, қувваи корӣ (бо сабаби муҳоҷирати иҷборӣ), тухмӣ ва ғайра заминҳои зиёде холӣ монда, ба шӯразор табдил шуданд. Дар ин давра гузариш ба шакли нави хоҷагидорӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ пурра ба расмият даровaрда нашуда буд ва мардум низ моҳияти онро хуб дарк накарда буданд. Маҳз барои ҳамин истеҳсоли ҳама намуди маҳсулоти кишоварзӣ якбора коҳиш ёфт, ин боиси бӯҳрони озуқаворӣ гардид. Гарчанде дар марҳалаи якум бештар равандҳои манфӣ ба чашм мерасанд, дар ду марҳалаи баъдӣ онҳо хусусияти мусбӣ касб карданд.

2) **Марҳалаи барқарорсозӣ (солҳои 2001-2008).** Дар ин марҳала заминҳои бекорхобида ва харобгашта пурра барқарор гардида, заминаи ҳуқуқӣ низ фароҳам оварда шуд. Дар ин марҳала раванди ба хоҷагиҳои фермерӣ табдил додани колхозу совхозҳо дар водии Рашт ба анҷом расид. Ҳукумати мамлакат барои таъмин намудани хоҷагиҳои фермерӣ бо техника ва тухмии босифат баъзе иқдомҳоро амалӣ намуд.

3. **Марҳалаи рушд** (солҳои 2008-2018). Дар ин марҳала аз ҳисоби азхудкунии заминҳои нав (аз ҳисоби таллу теппаҳо, санглохҳо ва ғ) майдони

заминҳои кишт зиёд карда шуд. Барои мисол, майдони заминҳои кишт дар ноҳияи Нуробод соли 2018 дар муқоиса ба соли 2000-ум қариб 3,5 баробар, Рашт 3,6 баробар, Тоҷикобод 3,8 баробар, Сангвор 9,2 баробар Лахш 1 баробар зиёд гардиданд.

Дар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ деҳқонони навоҳии Рашт аз шароити то давраи ҷангӣ гузаштанд. Дар истеҳсоли картошка, ғалла, меваю сабзавот комёбиҳо ба даст оварданд. Имрӯз бо баъзе аз навъҳои маҳсулот кишоварзони минтақа на танҳо талаботи аҳолии маҳаллиро қонеъ мекунанд, балки онро ба минтақаҳои дигар ва хориҷи кишвар содир мекунанд.

2. Баъди истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Ҳукумати мамлакат барои барқарорсозии муассисаҳои тандурустӣ нақшаву барномаҳои алоҳидаро роҳандозӣ намуд, ки дар натиҷа на танҳо муассисаҳои харобгаштаи соҳа барқарор карда шуданд, балки садҳо адад муассиса, дорухона ва нуқтаҳои тиббии нав сохта ба истифода дода шуданд.

Таҳлили ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва маводи оморӣ нишон медиҳад, ки тайёр кардани мутахассисони соҳаи тиб – табибон ва кормандони миёнаи тиб дар навоҳии водии Рашт бо ду самт амалӣ шуда истодааст:

1) Дар Коллеҷи тиббӣ ва филиалҳояш, ки бевосита дар минтақа фаъолият доранд;

2) Дар донишкадаву коллеҷҳои тиббие, ки дар дигар шаҳру навоҳии мамлакат ҷойгиранд.

Дар тайёр кардани кормандони миёнаи тиб нақши Коллеҷи тиббии ноҳияи Рашт муассир аст. Айни замон дар коллеҷи мазкур бо дарназардошти филиалҳо 769 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд, ки аз ин шумора 448 нафарро духтарон ташкил медиҳанд. Коллеҷ дар ноҳияҳои Лахшу Сангвор ва Нурободу Тоҷикобод бахшҳои фаръии худро дорад, ки дар онҳо бештар духтарон таҳсил мекунанд.

Илова бар ин, дар такмили ихтисос ва машварату суҳбатҳо бо кормандон ва аҳолии минтақа нақши “Корвони саломатӣ”, ки аз тарафи

Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста ташкил карда мешуд, хеле назаррас аст.

Ҳамин тавр, дар солҳои истиқлолият тамоми хисороти соҳаи тандурустӣ дар минтақа бартараф карда шуда, садҳо адад дорухонаву бунгоҳҳои тиббӣ ва беморхонаҳо бунёд карда шуд, пайваста ҳолати моддӣ-техникии онҳо пурзӯр карда мешавад.

3. Соҳаи дигари иҷтимоӣ, ки пешрафти ҳар як кишвар аз он вобаста аст маориф мебошад. Хушбахтона, дар кишвари мо дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ маорифи дунявӣ ташаккул ёфт, ки бузургтарин дастоварди замон ба ҳисоб мерафт. Таҳқиқи вазъи маорифи навоҳии водии Рашт, дар солҳои истиқлолият нишон медиҳад, ки сиёсати Ҳукумати кишвар назаррас ва самарабаш аст **[9-М].** Татбиқи барномаву стретегияҳои давлатӣ дар ин самт самараи хуб доданд, ки афзоиши ҳамасолаи маблағгузории соҳа, барқарорсозии садҳо адад иншооти таълимии дар рафти ҷанг харобгашта, пайваста сохта шудани синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ, сохтмони муассисаҳои нави таълимии замонавӣ ва ҷалби бештари хонандагон ба ин муассисаҳо (хосатан духтарон), бо китобу барномаҳои таълимӣ, компютер ва дигар таҷҳизоти муосири таълимӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, дохил шудани хатмкунандагони МТМУ ба тариқи Квотаи президентӣ дар муассисаҳои олии касбӣ ва ғайра далели онанд. Инчунин таъсиси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт ва коллеҷу омӯзишгоҳо дар солҳои истиқлолият, дар таъмини муассисаҳои таълимии минтақа бо кадрҳои омӯзгорӣ нақши калон мегузоранд **[1-М].**

4. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, анъанот, одобу аҳлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуда, бо шарофати сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ, баҳри фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати фаъолияти пурсамари муассисаҳои фарҳангии навоҳии водии Рашт ва ҳаллу фасли маҷмӯи мушкилоти мавҷудаи соҳа як

силсила қонун ва барномаҳои давлатӣ ба тасвиб расиданд, ки ба рушду такомули фарҳанги миллӣ такони бузург бахшиданд.

Бо иштироки кормандони бахши фарҳанги навоҳии водии Рашт ҳамасола чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба ҷашнгирии Соли нави мелодӣ, Рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи Модар, Наврӯзи байналмилалӣ, Рӯзи ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Рӯзи ваҳдати миллӣ, Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Парчами давлатӣ, Рӯзи забон, Рӯзи Президент ва ғайра гузаронида мешаванд. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои минтақа корҳои таъмиру сохтмони толорҳои фарҳангӣ пайваста гузаронида мешаванд **[3-М].**

Падидаи дигари мусбӣ дар ҳаёти фарҳангии водии Рашт ин ба иди умумимиллӣ табдил ёфтани иду ҷашнҳои аҷдодӣ – Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон мебошад, ки ҳамасола дар сатҳи баланд таҷлил карда мешаванд.

Дар маҷмуъ муасисаҳои маданӣ-маърифатии навоҳии водии Рашт, ки дар рафти воқеаҳои нохуши солҳои 90-ум вайрону валангор гардидаву аз фаъолият боз монда буданд, дубора барқарор гардиданд. Дар баробари ин садҳо адад иншооти нави маърифативу фароғатӣ дар минтақа қомат афрохтанд. Айни замон, дар ноҳияи **Нуробод** 33 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 22 китобхона (дорои 62,4 ҳазор адабиёти гуногун), 1 қасри фарҳанг, 1 осорхона, 5 хонаи фарҳангӣ ва 4 клуб фаъолият мекунад; **Лахш**: 49 муассисаҳои маданӣ-фароғатӣ аз ҷумла 28 китобхона, 8 хонаи маданият, 10 клуби деҳот, 1 осорхона дар маркази ноҳия ва 1 филиали он дар Ҷамоати деҳоти Лахш, 1 мактаби мусиқии бачагона, боғи фарҳангӣ–фароғатӣ; **Рашт**: 64 муассисаи фарҳангӣ, аз ҷумла 13 хонаи фарҳангӣ, 3 клуб, 40 китобхона, 1 мактаби мусиқӣ, 2 боғи фарҳангӣ – фароғатӣ, филармонияи халқӣ, театри халқӣ, осорхонаи назди бахши фарҳанг, 2 ёдгории таърихии монументалӣ амал намуда истодаанд; **Сангвор**: 1 театри халқӣ, 1 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 7 китобхона ва се хонаи фарҳанг (инчунин, дар ноҳия як масҷиди ҷомеъ ва

42 масҷиди панҷвақта расман ба қайд гирифта шудааст)[1]; **Тоҷикобод**: 23 муассисаи маърифатӣ, аз ҷумла 2 китобхонаи марказӣ, 12 китобхонаи деҳотӣ, 2 китобхонаи бачагона, 1 кохи фарҳанг, 2 хонаи фарҳанги деҳотӣ, 2 клуби деҳотӣ, 1 осорхона ва 1 боғи фарҳангӣ фаъолият мекунанд. Илова бар ин дар ноҳияи Тоҷикобод 14 мавзеъҳои таърихӣ, 35 масҷид (4 масҷиди ҷомеъ), 15 чойхона ва як меҳмонхона ба қайд гирифта шудааст.

6. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои рушди иқтисодии водии Рашт дар баробари кишоварзӣ ва коркарди канданиҳои фоиданок рушди сайёҳӣ низ вобастагӣ дорад. Бахусус барои рушди “экотуризм” ва сайёҳии экстремалӣ тамоми имкониятҳо вуҷуд доранд.

Таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва дар самти сайёҳии фарҳангӣ муваффақ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир диққати хориҷиёнро на танҳо табиати зебо, балки таъриху фарҳанг, расму русум, анъанаҳои миллӣ ва мавзеъҳои таърихӣ-меъмории халқиятҳои дигар ҷалб менамояд.

Водии Рашт аз зумраи он манотиқи кишвар аст, ки дорои имкониятҳои васеи сайёҳӣ, бахусус экотуризм, алпинизм, туризми фарҳангию табобатӣ мебошад. Бар истифодаи ин имконият ва иқтидорҳо дар солҳои охир баъзе иқдомҳо амалӣ карда мешаванд. Дар ҳама навоҳии водии Рашт барномаи рушди туризм барои солҳои 2018-2020 амалӣ шуда истодааст, ки барои рушди сайёҳии минтақа равона шудааст **[4-М].**

Барои рушди соҳа дар ҳама ноҳияҳои минтақа корҳои назаррас анҷом дода мешаванд. Масалан, танҳо дар ноҳияи Рашт имрӯз 3 меҳмонхона, 2 ҳомстей, 1 гестҳавз (меҳмонхонаи хурд), 20 ошхонаю тарабхона, 2 осорхона, 2 боғи фарҳангӣ-фароғатӣ, 1 боғи ботаникӣ-фарҳангӣ, 7 нуқтаи хӯроки тезтайёр, 1 маркази иттилоотӣ, 1 маркази ҳунармандию фурӯши армуғонҳои миллӣ ва 1 ширкати сайёҳӣ фаъолият доранд, ки дар 5 соли охир таъсис ва ё ба истифода дода шудаанд.

[1] Дар бораи ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии ноҳияи Сангвор дар соли 2019 //Бойгонии ҷории Ҳукумати ноҳияи Сангвор. 2019. – С.11.

Имрӯз дар водии Рашт садҳо иншооту маконҳои таърихӣ ва осорхонаҳои кишваршиносӣ мавҷуданд, ки ниёз ба маблағгузорӣ, барқарорсозӣ ва омӯзиш доранд. Дар сурати қабули барномаи мукаммали сатҳи давлатӣ дар ин самт метавонад барои рушди сайёҳии фарҳангӣ дар кишвар мусоидат намояд. Агар аз як тараф рушди сайёҳии фарҳангӣ омили рушди иқтисоди кишвар гардад, аз тарафи дигар воситаи муаррифии таъриху фарҳанги халқамон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Дар ҳолати таъмир ва барқарор намудани иншооти туристии харобгардида, навоҳии водии Рашт метавонад яке аз маконҳои асосии сайёҳони на танҳо дохили кишвар, балки тамоми кишварҳои муштаракулманофеъ гардад. Инчунин сохтмон ва барқарор намудани иншооти маишию истироҳатӣ метавонад ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва дарёфти даромади иловагии аҳолӣ мусоидат намояд. Аҳолии минтақа беҳтар кардани шароити иқтисодии худро дар мавсими сайёҳӣ дарк карда, ба сохтмони меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳои замонавӣ шурӯъ намуда истодаанд.

**Тарафҳои манфӣ:**

1. Таҳлили таърихнигории мавзуъ нишон медиҳад, ки яке аз соҳаҳои ояндадор дар водии Рашт соҳаи саноат мебошад, ки дар муқоиса ба минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ дар сатҳи пасти тараққиёт қарор дорад. Таҳлили вазъи соҳа далолат мекунад, ки гарчанде дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар навоҳии минтақа корхонаҳои зиёди хурди саноатӣ бунёд шудаанд, аммо талаботи рӯзафзуни аҳолиро қонеъ карда наметавонанд. Аз тарафи дигар, таҳлили раванди амалишавии барномаҳои рушди иҷтимоиву иқтисодии навоҳии Рашт нишон медиҳад, ки онҳо дар сатҳи пешбинишуда татбиқ намешаванд. Маҳз барои ҳамин, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар минтақа ночиз буда, талаботи аҳолиро қонеъ карда наметавонад. Ҳол он ки водии Рашт дорои захираҳои зиёди ангишт, тилло, карбамит, обҳои ошомиданӣ ва дигар канданиҳои фоиданок мебошад.

Бо сабаби вуҷуд надоштани корхонаҳо шумораи зиёди пӯсту пашм дар

минтақа мавҷудбуда бекор хобидаанд. Дар сурати ба роҳ мондани коркарди корхонаҳои пӯсту пашм ҷойҳои нави корӣ пайдо шуда, аз ин ҳисоб ба буҷети маҳаллӣ маблағҳои иловагӣ ворид мегарданд, ки ин метавонад ба рушди саноати сабук дар минтақа мусоидат кунад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки гарчанде дар навоҳии минтақаи Рашт қисми зиёди пашми ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад, вале аз сабаби коркард нашудан ва солҳои тӯлонӣ дар анбори хоҷагиҳо монданаш вайрон шуда, партофта мешавад.

Сабаби суст инкишоф ёфтани саноат, соҳибкории хурду миёна ва тиҷорат дар навоҳии водии Рашт ба мавқеи ҷойгиршавии он низ вобаста аст. Ин ҳам бошад ба дур будани водии Рашт аз маркази ҷумҳурӣ, нарасидани ашёи хом, душвории роҳҳо, маҳдуд будани бозори дохила марбут аст.

Дар заминаи стратегияи навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – саноатикунонии босуръат самти афзалиятноки афзоиши нақши саноат дар заминаи инкишофи корхонаҳои хурд ва миёна ба ҳисоб меравад. Дар ин самт эҳё намудани корхонаҳои хурди коркарди мева ва сабзавот дар минтақа мувофиқи мақсад хоҳад буд.

Дар баробари корхонаҳои хурди саноатӣ ба роҳ мондани коркарди маҳсулоти ширӣ ва коркарди пӯсту пашм низ зарур мебошад. Зеро шароити ҷойгиршавии минтақа барои инкишофи бахши чорводорӣ мутобиқ буда, дорои чарогоҳҳои васеъ мебошад.

Ба иқтидори пурраaш ба кор даромадани НБО “Роғун” норасоии қувваи барқро пурра аз миён бардошта, барои рушди саноат дар навоҳии водии Рашт шароити мусоид фароҳам хоҳад овард. Ин равандро ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръат таҳким бахшида, метавонад рушди саноати минтақаро дар солҳои наздик таъмин созад.

2. Бешак, водии Рашт минтақаи аграрӣ буда, соҳаи кишоварзӣ шуғли асосии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Чун саноат соҳаи кишоварзӣ низ дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ ба бухрон дучор шуд. Дар рафти хусусигардонии моликияти давлативу ҷамъиятӣ ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дода шуд. Таҳлили маводи бойгониҳо нишон медиҳад, ки шахсони доро ва

мансабдор ин равандро ба манфиати худ истифода намуда, моликияти колхозу совхозҳои собикро ба нархи ночиз харидорӣ намуданд, ки дар натиҷа як қисми ками он ба деҳқонон расид. Дар баробари ин ғорати моликияти колхозу совхозҳо ва дигар муассисаҳои ба соҳа рабтдошта низ ба чашм мерасид. Маҳз ҳимин падидаҳои манфӣ сабаби буҳрони озуқаворӣ дар минтақа гардиданд.

3. Таҳлили вазъи тандурустӣ дар водии Рашт нишон медиҳад, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳа ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид. Фаъолияти қисми зиёди беморхонаву нуқтаҳои тиббӣ ва дорухонаҳо фалаҷ гардида ё тамоман хароб шуданд. Қисми зиёди мутахассисони соҳа тарки касби худ намуданд ва ё ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанд.

Таҳлили мавзуъ нишон медиҳанд, ки тандурустии ҷомеа танҳо аз фаъолияти бахши тандурустӣ вобаста набуда, он бо таъсири байниҳамдигарии омилҳои фардӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ, вазъи зиндагӣ рабт дорад. Дар солҳои 90-уми асри гузашта бо сабаби норасоии маводи хӯрока, ғизои солим ва шароити мушкили зисту зиндагӣ дар навоҳии водии Рашт бемориҳои гуногун паҳн гардида буд, ки баъзе аз онҳо хусусияти оммавӣ касб карда буд.

Гарчанде дар ҳамаи навоҳии минтақа Коллеҷи тиббӣ ва ё филиалҳои он фаъолият мекунанд ва Ҳукумати ҷумҳурӣ тариқи Квотаи президентӣ ҳамасола шумораи муайянӣ хонандагонро ба донишгоҳҳои тиббии кишвар дохил мекунад, дар минтақа ҳамоно норасоии кадрӣ ба чашм мерасад. Нишондиҳандаҳои таъминнокӣ вобаста ба минтақаҳо, бо табибон ва кормандони миёнаи тиб шаҳодат медиҳад, ки навоҳии водии Рашт ва вилояти Хатлон дар ин самт мушкилот доранд. Агар таъминнокиро бо табибон муқоиса намоем аз ҳама бештар дар шаҳри Душанбе – 62,7 % ва вилояти Суғд 20,4% ба қайд гирифта шудааст. Дар ҳоле, ки ин ҳолат дар водии Рашт – 11% ва вилояти Хатлон 9,1%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда вобаста ба кормандони миёнаи тиббӣ низ нобаробарии ҷуғрофиро нишон медиҳад. Дар таъминноки бо кормандони миёнаи тиб низ

шаҳри Душанбе 60,2 %, ВМКБ 73%, аммо водии Рашт 29, 5 % ташкил медиҳад[1].

**3**. Дар баробари дастоварду муваффақиятҳои соҳаи маорифи даврони истиқлолият дар навоҳии водии Рашт то имрӯз низ нуқсону камбудиҳои зиёде ба чашм мерасанд, ки дастрасии нобаробари занону духтарон ва писарон барои таҳсил дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи касбӣ, паст будани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ, норасоии омӯзгорони фанҳои дақиқ ва забонҳои хориҷӣ, шумораи ниҳоят ками муассисаҳои томактабӣ, танқисии ҷойҳои нишаст дар муассисаҳои таълимӣ ва ғайра, аз ҷумлаи онҳоянд.

4. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) дар навоҳии водии Рашт садҳо нафар кормандони соҳаи фарҳанг ва санъат тарки касбу кори худ намуданд, ки ин ба паст шудани маънавиёти ҷомеа, хосатан ҷавонон, сабаб шуд. Фаъолият накардани ниҳодҳои фарҳангӣ боиси боло рафтани таассуби динӣ дар минтақа гардид. Ин раванд зиёни худро пеш аз ҳама ба маънавиёти насли наврас расонид. Дар чунин вазъ ғояи умумимиллӣ дар заминаи арзишҳои таъриxиву фарҳангии халқи тоҷик метавонист ҷомеаи Тоҷикистонро муттаҳид созад;

